Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №13-14 (2840-2841) | ҶУМЪА, 3 ФЕВРАЛИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



## Қабули эътимодномаҳо аз сафирони нав

**31 январи соли 2012 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз сафирони нави Италия, Дания, Ирландия, Словакия, Литва, Эстония, Исроил ва Ветнам эътимоднома қабул намуд.**

Сафирони фавқулодда ва мухтори 8 давлат – Ҷумҳурии Италия Риккардо Манара, Шоҳигарии Дания ҷаноби Йенсен, Ирландия Филипп Мак Дона, Ҷумҳурии Словакия Юрай Сивачек, Ҷумҳурии Литва Рокас Бернотас, Ҷумҳурии Эстония Яан Хейн, давлатҳои Исроил Хилел Нюман ва Ветнам Ле Ман Луан ба Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои оғози фаъолияти дипломатиашон дар Тоҷикистон эътимоднома супурданд.

Зимни сӯҳбат бо сафирон, ки 6 нафарашон аз кишварҳои аврупоиянд, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳавасмандии устувори Тоҷикистонро ба таҳким ва густариши ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо ва давлатҳои аъзои он таъкид намуд.

Ба густариши муносибот бо давлати Исроил низ, аз ҷумла рушди робитаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ҳамкорӣ дар соҳаҳои кишоварзӣ, тандурустӣ ва илму техника изҳори ҳавасмандӣ карда шуд.

Бо ёдоварӣ аз фаъолияти босамари 9 корхонаи муштараки Ветнам дар Тоҷикистон ба дурнамои ҳамкорӣ бо ин кишвари минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ баҳои баланд дода шуд.

Зимни суҳбат, ҳамчунин доир ба масоили минтақавию ҷаҳонӣ ва мавзӯъҳои гуногуни мавриди таваҷҷуҳ табодули андеша ба амал омад.

*www.prezident.tj*

● Аз фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

## Қоҳир Расулзода:

# Рисолати роҳбарӣ хидмати содиқона ба халқу Ватан аст

**Мусоҳиба бо муовини аввали Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Суғд Қоҳир РАСУЛЗОДА**



**Дар ҷаласаи васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дар соли 2011 мавриди баррасӣ қарор гирифт, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои шоистаи мардуми вилояти Суғд баҳои арзанда дода, бахусус иқдомҳои саривақтӣ, тарзи хуби роҳбарии раиси вилоят Қоҳир Расулзодаро зикр намуданд. Воқеан ҳам, соли 2011 дар вилояти Суғд амалҳои бузурги созандагӣ ва ободкорӣ ба фарҷом расид, ки ба пешрафти ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии вилоят мусоидат намуд.**

**Мусоҳибаи хабарнигорони рӯзнома бо раиси вилояти Суғд Қоҳир Расулзода ба пешравиҳои ноилгаштаи хоҷагии халқи ин вилоят дар соли гузашта бахшида шудааст.**

-Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд соли 2011 тамоми нерӯи худро бахри амалигардонии нуктаҳои Паёми Президент ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар соли 2010, «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012», «Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии вилояти Суғд дар давраи то соли 2015» ва дигар барномаҳои соҳавӣ, ҳамчунин супоришҳои ҳангоми сафарҳои кориашон ба вилоят баёнгардидаи Сарвари давлат ва истиқболи сазовори ҷашни 20- солагии Истиқлолияти давлатии ҷумҳурии азизамон равона намуд, -сӯҳбатро оғоз бахшида Қоҳир Расулзода ва афзуд:

- Дар натиҷа аксарияти нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта барзиёд таъмин гардида, ба беҳтаршавии сатҳи зиндагии мардум мусоидат намуд.

Афзоиши бемайлони нишондиҳандаҳои асосии иқтисодӣ ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати боз ҳам ғанӣ гардонидани даромадҳои буҷети давлатӣ имкон дод, ки нақшаи даромадҳои он дар ҳама сатҳ барзиёд ва босифат таъмин гардад.

Нақшаи даромадҳои буҷети давлатӣ (бе назардошти андози иҷтимоӣ) ба андозаи 109 фоиз таъмин шуда, ба он зиёда аз 595,6 млн. сомонӣ ворид гардид, ки аз нақшаи пешбинишуда 49 млн. сомонӣ, нисбат ба нақшаи тасдиқгардида 89,6 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2010-ум 92,3 млн. сомонӣ зиёд мебошад. Аз он ҷумла нақшаи қисми даромади буҷетҳои маҳаллии вилоят низ барзиёд -ба андозаи 108,4 фоиз таъмин гардида, воридоти он 565,2 млн. сомониро ташкил дод, ки аз нақшаи пешбинишуда 43,9 млн. сомонӣ ва нисбат ба ҳамин давраи соли 2010-ум 101,3 млн. сомонӣ зиёд аст.

Дар ин давра барои дастгирии буҷетҳои маҳаллии шаҳру ноҳияҳои Табошар, Айнӣ, Ашт, Ғончӣ, Шаҳристон ва Кӯҳистони Мастчоҳ аз буҷети вилоятӣ 31,3 млн. сомонӣ маблағҳои мақсаднок (субвенсия) равона гардид, ки 100 фоизи нақшаро ташкил менамояд.

Баҳри таҳким бахшидани хусусияти иҷтимоии буҷети давлатӣ, ҳамчун яке аз соҳаҳои афзалиятнок дар ин давра аз буҷетҳои маҳаллии вилоят ба ин соҳаҳо (маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва фарҳанг) 444,2 млн. сомонӣ маблағ равона карда шуд, ки 80,2 фоизи хароҷоти умумии буҷети вилоятро ташкил медиҳад.

**-Рушди устувори иҷтимоию иқтисодии солҳои охир дар вилоят бевосита ба афзоиши савдои чакана ва хизматрасонии пулакӣ таъсири мусбат расонидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бозори истеъмолии вилоят дар оянда низ аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли молҳои истеъмолӣ, хизматрасонии пулакӣ дар дохили кишвар, инчунин аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми воридот таъмин мегардад...**

-Оре, ҷиҳати беҳтар намудани таъминоти аҳолии вилоят бо молҳои аввалиндараҷа, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои соҳаи савдо ва хизматрасонӣ тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Дар натиҷа ҳаҷми гардиши моли чакана дар давраи ҳисоботӣ 2843,5 млн. сомонӣ ва хизматрасонии пулакӣ 2035,4 млн. сомониро ташкил намуда, афзоиш нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 7,1 ва 17,9 фоизро дар бар гирифт.

Ҳаҷми гардиши савдои хориҷии вилоят дар соли гузашта 1215,4 млн. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2010-ум 28,7 фоиз зиёд аст.

Дар ин давра ҳаҷми содирот ба 292,9 млн. доллари ИМА ва воридот ба 922,5 млн. доллари ИМА баробар шуда, мутаносибан нисбат ба ҳамин давраи соли 2010-ум 41 ва 25,2 фоиз афзоиш ёфтааст.

**- Дастовардҳои кишоварзони вилоятро чӣ гуна арзёбӣ менамоед?**

- Кишоварзони вилоят бо мақсади сазовор истиқбол намудани ҷашни бузурги миллӣ - 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ софдилона меҳнат намуда, соли 2011 дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ ба маблағи 4609,8 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол карданд, ки афзоиш нисбати ҳамин давраи соли 2010-ум 8,2 фоизро ташкил дод. Маҷмӯи маҳсулоти истеҳсолшуда дар соҳаи растанипарварӣ ба 108,7 фоиз ва чорводорӣ ба 106,4 фоиз баробар шуда, мутаносибан нисбат ба соли 2010-ум 290,9 млн. ва 58,4 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Бояд зикр намуд, ки зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа асосан аз ҳисоби пахта (127,5 фоиз), сабзавот (106,3 фоиз), картошка (113,3 фоиз), меваҷот (116,1 фоиз), ангур (129,1 фоиз), полезиҳо (109,6 фоиз) ва тухм (114,7 фоиз) таъмин гардидааст.

Кишоварзон нақша дошта, ки соли 2011 дар майдони 34500 гектар кишти тирамоҳии ғалладонагиҳоро анҷом диҳанд. Ин нишондиҳанда 100,3 фоиз амалӣ шуд.

**(Идома дар саҳ. 3)**

● Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



# Доираи фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ васеъ ва вайронкунандагони қоидаҳои ҳаракат дар роҳ бештар муҷозот мешаванд

**1 феврали соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Доир ба рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

1. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ интихоб намудани Хонов А.У.»

2. Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи Раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шариф Раҳимзода»

3. Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Ширинов А.»

4. Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Ҳақназаров Т.И.»

5. Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Неъматов А.Ҳ.»

6. Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург оид ба алоқаи ҳавоӣ

7. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»

8. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»

9. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

10. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон»

11. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ».

**РАИС:** - Ба муҳокимаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа шурӯъ менамоем. Масъалаи аввали рӯзнома -«Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ интихоб намудани Хонов А.У.» мебошад. Бо сабаби қатъ шудани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйхати ҲХДТ Қарори Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи додани мандати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ ба Хонов Абдураҳмон Умарович бақайдгирӣ ва тасдиқи ваколати ӯ қабул шудааст. Хонов Абдураҳмон факултаи механиконии кишоварзии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистонро (соли 1997) хатм намудааст.



Баъд дар вазифаҳои гуногуни Кумитаи ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз ҳисоби ҷавононе мебошад, ки дар рӯйхати ҲХДТ шомиланд.

*Доир ба ин масъала Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

Масъалаи навбатӣ – «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи Раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Шариф Раҳимзода» баррасӣ шуд.

*Дар хусуси тасдиқи он Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

Масъалаи дигар – «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Ширинов А.» муҳокима гардид.



*Дар хусуси тасдиқи он Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

«Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз вазифаи муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон озод намудани Ҳақназаров Т.И.», ки масъалаи навбатии ҷаласа буд, *Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид*.



Вакилон масъалаи навбатии рӯзнома – «Оид ба тасдиқ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъин намудани Неъматов А.Ҳ.»-ро баррасӣ намуданд ва дар хусуси тасдиқи он *Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд*.

**РАИС:** - «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург оид ба алоқаи ҳавоӣ» сухан ба вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳакимов Низом Ҳоҷиевич дода мешавад.

**Низом ҲАКИМОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат! Мӯҳтарам намояндагони мардумӣ, ҳозирини гиромӣ!**

Баҳри таъсиси муносибатҳои дуҷониба ва рушди ҳамкориҳо дар соҳаи авиатсияи гражданӣ 9 июни соли 2011 дар шаҳри Люксембург Созишнома оид ба ҳамлу нақли ҳавоӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург ба имзо расид.



Ҳадафи асосии баимзорасонии созишномаи мазкур ривоҷ додани равобити нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби васеъ гардонидани ҷуғрофияи парвозҳои ширкатҳои ватанӣ ва мустаҳкам намудани ҳифзи манфиатҳои Тоҷикистон дар бозори хизматрасонии алоқаи ҳавоӣ мебошад.

Бояд зикр намуд, ки баимзорасонии созишномаи мазкур инчунин дар доираи амалисозии яке аз ҳадафҳои муҳими стратегии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат анҷом дода шудааст ва фаъолият дар ин самт идома дорад. Танҳо дар самти таъмини алоқаи нақлиёти ҳавоӣ айни ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 17 мамлакати хориҷи дуру наздик созишнома ба имзо расонида, расмиёти дохилидавлатии тасдиққунии онҳо гузаронида шудааст. Инчунин 12 лоиҳаи созишнома оид ба ҳамлу нақли ҳавоӣ дар ҷараёни баррасии ҷонибҳо қарор доранд.

**(Идома дар саҳ. 2)**

# Доираи фаъолияти экспертизаи давлатии судӣ васеъ ва вайронкунандагони қоидаҳои ҳаракат дар роҳ бештар муҷозот мешаванд

(Идома аз саҳ. 1)

Дар ин росто созишномаи мазкур заминаи хуберо барои густариши муносибатҳои дуҷониба байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург гузошта, ба ривоҷёбии алоқаи нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан тавассути нақлиёти ҳавоӣ бо кишварҳои Аврупо, ҳамаҷониба мусоидат хоҳад намуд.

Васеъ намудани робитаи мустақим тавассути нақлиёти ҳавоӣ бо мамлакатҳои Аврупо, ки дорои иқтисодиёти пешрафта мебошанд, ба рушди соҳаи туризм дар ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Ҳамзамон ба кам гардидани хароҷоти нақлиётӣ дар мавриди иҷрои сафарҳои хусусӣ ва хизматие, ки бештар тариқи транзит аз қаламрави ду ё се кишвари дигар ба Аврупо сурат мегиранд, замина мегузорад.

Ғайр аз ин, дар сурати кушодани хатсайри ҳавоии мустақим, ба интиқолдиҳандагони ватанӣ имконият пайдо мегардад, ки тариқи Люксембург парвозҳоро ба дигар кишварҳои хориҷи дуру наздик ба роҳ монанд.

Бинобар ин, тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург оид ба алоқаи ҳавоӣ бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мақсад мувофиқ шуморида мешавад.

Мӯҳтарам вакилони гиромӣ, аз шумо хоҳиш карда мешавад, ки созишномаи мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Катаев Амир Ҳабибович дода мешавад.



**Амир КАТАЕВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромиқадр!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург оид ба алоқаи ҳавоӣ, ки 9 июни соли 2011 дар шаҳри Люксембург ба имзо расидааст, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Созишномаи мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 январи соли 2012 таҳти рақами 1027 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Он аз 24 модда иборат буда, барои рушду такомули ҳамкориҳои тарафайн дар соҳаи ҳамлу нақли байналмилалии бор ва мусофирон тавассути воситаи ҳавопаймоҳои авиатсияи гражданӣ мебошад.

Дар сурати кушодани хатсайри ҳавоии мустақим интиқолдиҳандагони ватанӣ имконият пайдо мекунанд, ки тариқи Люксембург парвозҳои хешро ба дигар кишварҳои дуру наздик ва ба Аврупо ба роҳ монанд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳояш тасдиқи «Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург оид ба алоқаи ҳавоӣ»-ро пурра ҷонибдорӣ намуданд.

Кумитаи масъул 24 январи соли 2012 дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Герсогии Бузурги Люксембург оид ба алоқаи ҳавоӣ»-ро мавриди баррасӣ қарор дода, ба тасвиб расонидани онро мувофиқи мақсад шуморид.

Созишномаи мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Мӯҳтарам вакилони мардумӣ, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро дастгирӣ намоед.

*Доир ба тасдиқи созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.



**Рустам МЕНГЛИЕВ: - Мӯҳтарам Раис, вакилони мӯҳтарам!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2011 таҳти №245 қабул гардидааст, ки тибқи он «Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуд.

Тағйироти пешниҳодшаванда хусусияти таҳрирӣ дошта, тибқи он калимаҳои «Раёсати корҳои ислоҳии», «Раёсати» ва «Раёсати корҳои ислоҳӣ» мувофиқан ба калимаҳои «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии», «Сарраёсати» ва «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» иваз карда шуданд.

Хоҳишмандем, лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Самадов Тӯрахон Давлатович дода мешавад.



**Тӯрахон САМАДОВ: -Мӯҳтарам Раис, Раёсат, ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012 таҳти №1021 лоиҳа барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» бо мақсади мутобиқ намудани Қонуни мазкур бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод гардидааст. Аз ҷумла бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011 таҳти №245 Раёсати корҳои ислоҳӣ ба Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ табдил дода шуда, зарурати ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»-ро ба миён овард.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, ҷиҳати мукаммал намудани он 3 таклифу пешниҳод ирсол намуданд.

Кумита 25 январи соли 2012 ҷаласаи васеъ гузаронида, бо иштироки намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаро баррасӣ ва таклифу пешниҳодҳои воридшударо қабул намуда, дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ онҳоро ба лоиҳа ворид намуд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи системаи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ»-ро ҷонибдорӣ намуда, онро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Аз шумо, вакилони мӯҳтарам, хоҳишмандем, ки онро дастгирӣ намоед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.

**Рустам МЕНГЛИЕВ: - Мӯҳтарам Раис, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мутобиқ гардонидани қонунгузории амалкунанда ва ба низом даровардани фаъолияти кормандони соҳаи экспертизаи давлатии судӣ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»-«Объектҳои экспертиза ва таъмини нигоҳдории онҳо» номгузорӣ шудааст. Вале дар матни модда объектҳои экспертиза номбар гардида, масъалаи таъмини нигоҳдории ин объектҳо ба танзим дароварда нашудааст. Аз ин рӯ, барои ба танзим даровардани ин меъёр зарурати ворид намудани илова ба миён омада, он ҳамчун қисми 6 ба моддаи 8 қонуни номбурда пешниҳод карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти экспертизаи судӣ вазоратҳои адлия, тандурустӣ, корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Хадамоти гумрук, Агентии назорати маводи нашъаовар ва Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо машғуланд.

Азбаски муассисаҳои экспертизаи давлатии судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёданд, пешниҳод карда мешавад, ки тартиби таъмини нигоҳдории объектҳо аз ҷониби ҳар кадоме аз онҳо вобаста ба хусусияти фаъолияти соҳавиашон муайян карда шавад.

Ҳамчунин қобили зикр аст, ки дар таҷрибаи имрӯзаи кормандони соҳаи экспертизаи давлатии судӣ гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ оид ба парвандаҳои оилавӣ низ ҷой дорад. Вале ин намуди парвандаҳо дар қонуни номбурда пешбинӣ нагардидаанд. Аз ин рӯ, дар қатори парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ ба моддаи 10 қонуни номбурда калимаи «оилавӣ» илова карда шуда, дар моддаи 40 масъалаи маблағгузории ин намуди парвандаҳо ба танзим дароварда шуд.

Тибқи моддаи 40 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» маблағгузории экспертизаи парвандаҳои гражданӣ ва иқтисодӣ аз ҳисоби тарафҳо, экспертизаи парвандаҳои ҷиноятӣ бошад, аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохт карда мешавад. Аммо маблағгузории экспертизаи парвандаҳои маъмурӣ дар қонун инъикос нагардидааст. Бинобар он, ба қисми 3 моддаи 40 баъд аз калимаи «ҷиноятӣ» илова намудани калимаҳои «ва маъмурӣ» пешниҳод карда мешавад, ки дар сурати қобили қабул ҳисобида шуданаш ин масъала низ ҳалли худро меёбад.

Ҳамчунин дар моддаҳои 4, 10, 18, 19, 20 ва 40 иваз намудани калимаи «хоҷагӣ» ба калимаи «иқтисодӣ» пешниҳод карда шуд, ки бо ворид намудани ин тағйирот мухолифати байни қонуни номбурда бо дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз байн бардошта мешавад.

Лоиҳаи пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат намекунад.

Вакилони гиромӣ, аз шумо эҳтиромона хоҳиш карда мешавад, ки лоиҳаи қонуни мазкурро дастгирӣ намоед.



**Акрамшо ФЕЛАЛИЕВ:** -Лоиҳаи қонуни мазкур бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст ва мақсад аз пешниҳоди он мутобиқгардонии қонуни амалкунанда бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамзамон дар баробари парвандаҳои ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ ва маъмурӣ гузаронидани экспертизаи давлатии судӣ ҳангоми зарурият оид ба парвандаҳои оилавиро низ пешбинӣ менамояд.

Ин, албатта, пеш аз ҳама ба шаҳрвандон имконият медиҳад даъвои онҳо нисбат ба ин ё он масъала аз тарафи мақомоти тафтишотӣ дақиқ, саҳҳеҳ ва илман асоснок баҳогузорӣ карда шавад. Масъалаи мазкурро қисми 3 моддаи 1 лоиҳаи қонун танзим менамояд.

Вакилони мӯҳтарам, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ»-ро ҳамаи кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиши ҳаматарафа қарор дода, дар баробари асосан ҷонибдорӣ намуданаш аз тарафи Кумитаи масъул, Кумита оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 8 таклиф пешниҳод шуд ва танҳо як таклиф қабул нагардид, ки сабаби қабул нагардиданаш аз тарафи субъект ва Кумитаи масъул шарҳ дода шуд.

Кумитаи масъул ба қисми 2 моддаи 1-уми лоиҳаи қонун тағйирот ворид намуд. Пешниҳоди ин қисм аз тарафи субъект маънои онро дорад, ки объектҳои экспертизаи давлатии судӣ, яъне далелҳои шайъӣ вобаста аз хусусияти экспертизаи судӣ то мавриди зарурӣ дар мақомоти дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд.

25 январи соли 2012 бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А.Ғафорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷаласаи васеи Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузории ва ҳуқуқи инсон баргузор гардид ва лоиҳаи қонун мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд.*

*Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба вазири адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Менглиев Рустам Шомуродович дода мешавад.

**Рустам МЕНГЛИЕВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2011 таҳти №245 қабул гардидааст, ки тибқи он «Раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуд.

Тағйироти пешниҳодшаванда хусусияти таҳрирӣ дошта, тибқи он калимаҳои «Раёсати корҳои ислоҳии» ба калимаҳои «Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии» иваз карда шудаанд.

Хоҳишмандем, лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**Тӯрахон САМАДОВ:**- Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012 таҳти №1026 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои додани хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни мазкурро омӯхта, ҷиҳати мукаммал намудани он ду таклифу пешниҳоди характери имлоидошта ирсол намуданд.

5 апрели соли 2011 Кумита ҷаласаи васеъ гузаронида, бо иштироки намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, намояндагони кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаро баррасӣ намуда, таклифу пешниҳодҳои воридшударо дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ба лоиҳа ворид намуд.

Лоиҳаи Қонуни мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ карда, онро барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд. Аз вакилони мӯҳтарам хоҳишмандем, ки онро дастгирӣ намоянд.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» сухан ба муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрахонов Саид Қаюмович дода мешавад.

**Саид ҶӮРАХОНОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати иҷрои банди 13 протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 октябри соли 2011 бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ таҳия ва пешниҳод шудааст.

Солҳои охир ҳолати таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳҳои ҷумҳурӣ ва таҳлили таркибии он аз он шаҳодат медиҳанд, ки вазъ дар ин самт ташвишовар буда, андешидани чораҳои мушаххасро тақозо дорад.

Сарфи назар аз корҳои ба анҷомрасонидаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи ҳодисаҳои роҳу нақлиётӣ ва вазнинии оқибатҳои он ташвишовар мемонад.

Тайи даҳ соли охир дар қаламрави ҷумҳурӣ 15426 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари онҳо 4423 нафар ба ҳалокат расида, 17788 нафар ҷароҳатҳои ҷисмонӣ гирифтаанд. Ин нишондод аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳар сол ба ҳисоби миёна дар роҳҳои ҷумҳурӣ зиёда аз 400 нафар ҳалок ва 1700 нафари дигар маъюб мешаванд.

Дар соли 2011 бошад, 1401 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта шудааст, ки бар асари онҳо 438 нафар фавтида, 1592 нафар ҷароҳатҳои ҷисмонӣ гирифтаанд, ки нисбат ба соли 2010-ум 3,3 фоиз зиёд мебошад.

Оқибатҳои чунин садамаҳо ба маъюбиву маҷрӯҳ шудани ронандагон ва дигар иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ, бепарастор мондани оилаҳо оварда мерасонад.



Хусусан дар ҳолати мастӣ идора кардани воситаҳои нақлиёт, ки боиси оқибатҳои вазнин мегардад, ташвишовар аст. Танҳо дар соли сипаришуда 10288 ҳолатҳои идора намудани воситаҳои нақлиёт дар ҳолати мастӣ, аз ҷумла 3219 ҳодисаи идора намудани воситаҳои нақлиёт бе ҳуҷҷати ронандагӣ дар ҳолати мастӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар натиҷа, 50 ҳодисаи нохуш, ки дар ҳолати мастӣ идора намудани воситаи нақлиёт соли 2011 ба вуқӯъ омадаанд, 17 нафар ба ҳалокат расида, 42 нафар маҷрӯҳ шуданд. Гарчанде ки аз тарафи Вазорати корҳои дохилӣ ва мақомоти судӣ нисбат ба шахсони дар ҳолати мастӣ идора намудани воситаҳои нақлиёт чораҳои маъмурӣ ва корҳои ташвиқотию тарғиботӣ андешида шуда бошад ҳам, мутаассифона, теъдоди ронандагоне, ки воситаи нақлиётро дар ҳолати мастӣ идора менамоянд, торафт меафзояд.

Амалия шаҳодат медиҳад, ки чораҳои маъмурии пешбининамудаи қонунгузорӣ дар доираи санксияҳои Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, натиҷаҳои дилхоҳ надода истодаанд ва таъсирнокии онҳо ба баланд бардоштани интизоми нақлиётӣ, пешгирӣ ва аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб ҷавобгӯйи вазъ нест.

Аз ин лиҳоз, ба моддаҳои 332, 337 ва 339 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои идора кардани воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ мекунад, ворид намудани тағйирот пешниҳод шуд, пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ талаботи замон мебошад.

Қабули қонуни муҳокимашаванда ба манфиати ҷомеа буда, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, ки дар ҳолати мастӣ рух медиҳанд ва асосан оқибатҳои вазнин доранд, мусоидат хоҳад кард.

Аз шумо, вакилони гиромӣ, эҳтиромона хоҳиш дорем, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:**- Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Маҳмудов Насрулло Раҳматҷонович дода мешавад.

**Насрулло МАҲМУДОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Бо пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур моддаи 332-юми Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ифода ёфта, минбаъд барои идора кардани воситаи нақлиёт дар ҳолати мастӣ танҳо маҳрум кардан аз ҳуқуқи идораи воситаи нақлиёт пешбинӣ шудааст. Ҳамзамон ба моддаҳои 337 ва 339 ҳамин Кодекс тағйирот ворид шуда, барои идораи воситаи нақлиёт аз тарафи шахсе, ки дар ҳолати мастӣ қарор дорад ва ҳуқуқи ронандагӣ надорад, инчунин саркашӣ кардани ронандагони воситаҳои нақлиёт аз гузаштани муоинаи ҳолати мастӣ, муҷозотҳои маъмурӣ нисбат ба меъёрҳои амалкунанда пурзӯртар карда шудаанд.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1024 аз 16 январи соли 2012 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро ҷонибдорӣ намуда, баҳри такмил додани он аз ҷониби Кумитаи масъул ва Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ду таклиф пешниҳод шуд.

Кумитаи масъул 25 январи соли 2012 бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.А.Ғафорова, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ҷаласаи васеъ гузаронида, таклифҳое, ки пешниҳод шуда буданд, дар мувофиқа бо намояндаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ қобили қабул дониста, онҳо ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ворид карда шуданд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул шуд. Вобаста бо қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид.*

**РАИС:**- Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» сухан ба муовини вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрахонов Саид Қаюмович дода мешавад.

**Саид ҶӮРАХОНОВ:- Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» бо мақсади ба танзим даровардани масъалаҳои вобаста ба харид ва гирифта гаштани таппончаҳои пневматикӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мутобиқи моддаи 13 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи яроқ» ба шаҳрвандони Тоҷикистон дар қатори пошдиҳандаҳои механикӣ ва асбобҳои аэрозолӣ, ҳуқуқи хариди ярокҳои пневматикӣ низ бе гирифтани иҷозатномаи дахлдор муқаррар гардидааст.

Моддаи 14-уми қонуни мазкур аз ҳуқуқи хариди ярок маҳрум будани шахсони ба синни 18-солагӣ нарасида, гирифтори бемориҳои рӯҳӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ, дорои касалӣ ё нуқсонҳои ҷисмонӣ, барои содир кардани ҷиноятҳои барқасдона, доғи судӣ дошта, ё дар ҳолати адои ҷазо қарордошта, дар давоми сол такроран ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содирнамуда, ҷойи доимии зистнадоштаро муқаррар намудааст.

Дар сурати қабул шудани лоиҳаи қонуни мазкур ва муқаррар намудани тартиби аз ҷониби мақомоти корҳои дохилӣ ба шаҳрвандон додани иҷозатнома барои хариди таппончаи пневматикӣ, тамоми талаботҳои дар моддаи 14-уми қонуни мазкур пешбинигардида нисбат ба шахси харидкунандаи таппончаи пневматикӣ риоя карда мешавад.

Ғайр аз ин, пеш аз додани иҷозатнома барои хариди таппончаи пневматикӣ парвандаи шахсии шаҳрванд тартиб дода шуда, тамоми талаботҳои муқаррарнамудаи қонун иҷро гардида, ба харидор тартиб ва ӯҳдадориҳо оид ба истифода ва нигоҳ доштани силоҳ фаҳмонда (дастур) дода шуда, забонхат низ гирифта мешавад.

Ҷорӣ намудани чунин тартиб имконият медиҳад, ки силоҳи дар дасти аҳолӣ қарордошта дар истифодаи шахсони тасодуфӣ, дорои бемориҳои рӯҳиву нашъамандӣ, нуқсон ва норасоиҳои ҷисмонӣ (масалан, нобинову кару гунг, маъюб), қаблан судшуда, дар сафи ҷиноятқорон қарордошта, мунтазам ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содирнамуда, бе ҷойи муқаррари зист, иҷозат дода нашавад.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақомоти дахлдори давлатӣ мувофиқа карда шуда, эроду пешниҳодҳои онҳо ба инобат гирифта шудааст.

Қабули қонуни мазкур аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд.

Аз ин лиҳоз, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.



**Амирқул АЗИМОВ:**- Лоиҳаи қонуни мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 январи соли 2012 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хулоса ва ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ фиристода шуд.

Бо мақсади таъмини амнияти давлатӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, пешгирии ҷиноятқорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ, ҳимояи шаҳрвандон ва ба низом даровардани қонунгузории ҷумҳурӣ вобаста ба харидан, гирифта гаштан ва нигоҳ доштани ярокҳои пневматикӣ, хусусан таппончаҳои пневматикӣ аз ҷониби шаҳрвандон дар миқёси Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.

Дар лоиҳаи қонун ворид намудани иловаҳо ба қисми сеюм ва чоруми моддаи 13-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 феврали соли 1996 «Дар бораи ярок» пешбинӣ гардидааст:

-ба қисми сеюм баъд аз калимаҳои «ярокҳои пневматикиро» калимаҳои «, ба истиснои таппончаҳои пневматикӣ» илова карда шаванд;

-ба қисми чорум баъд аз калимаҳои «ҳақ доранд» калимаҳои «таппончаи пневматикӣ ва» илова карда шаванд.

Кумитаи масъул лоиҳаи Қонуни мазкурро 24 январи соли ҷорӣ дар ҷаласаи васеи худ бо иштироки намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ мавриди муҳокима қарор дод.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонуни зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуда, доир ба он хулоса пешниҳод карданд.

Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.

Аз шумо, эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи лоиҳаи Қонуни мазкур овоз диҳед.

*Лоиҳаи қонун ба овоз монда, қонун қабул гардид. Вобаста ба қабули қонун Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шуд.*

Ҷаласаро Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷамъбаст намуд.

***Ҷумъахон НАБОТОВ, Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум». Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

# Қоҳир Расулзода:

# Рисолати роҳбарӣ хидмати содиқона ба халқу Ватан аст

(Идома аз саҳ. 1)

Зарур ба таъкид аст, ки майдони умумии киштшудаи зироатҳои баҳорӣ дар корхонаҳои кишоварзию хоҷагиҳои деҳқонии вилоят 173989 гектарро ташкил дода, 104,7 фоизи сатҳи соли 2010-ро ташкил намуд. Аз ҷумла, майдони кишти пахта 65402 гектарро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010-ум 11140 гектар зиёд мебошад.

Дар давоми соли сипаригардида истеҳсоли картошка дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории вилоят 324,2 ҳазор тонна, сабзавот 350,4 ҳазор тонна, мевагиҳо 80,9 ҳазор тоннаро, ки нисбати ҳамин давраи соли 2010- ум картошка-38,1 ҳазор тонна, сабзавот 20,8 ҳазор тонна ва мева 11,2 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Бо мақсади рӯёнидани ҳосили фаровони пахта аз тарафи сохторҳои марбута бо ҳамбастагии масъулини мақомоти иҷрои ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва олимони соҳа дар ноҳияҳо рафти иҷрои кори саҳройӣ оид ба сари вақт гузаронидани чорабиниҳои агротехникӣ, парвариши пахта ва ҳолати нашъунамои он санҷиш гузаронида, барои бартараф намудани камбудиҳо ва роҳҳои ислоҳи он дар ҷойҳо чораҷӯйӣ шуд. Дар натиҷа соли 2011 хоҷагиҳои пахтакори вилоят 117532,7 тонна пахта истеҳсол намуданд, ки 111,7 фоизи нақшаи солонаро ташкил дода, нисбати соли 2010-ум 25,3 ҳазор тонна зиёд мебошад.

Бо мақсади рушди минбаъдаи соҳаи боғу токпарварӣ, ба роҳ мондани бунёди боғу токзорҳои нав, афзун намудани парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳандаю ҳамешасабз ва амалӣ гардонидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2010 таҳти рақами 683 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ доир ба рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011 – 2014» дар микёси вилоят кори муайян ба сомон расонида шуд.

Махсусан сафарҳои кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вилояти Суғд, аз ҷумла бо ташаббус ва иштироки бевоситаи Сарвари давлат дар маъракаҳои ниҳолшинонӣ дар ноҳияи Зафаробод ба рафти бунёд ва барқароркунии боғу токзор ва кабудизоркунию ободонӣ такони ҷиддӣ бахшида, барои амалӣ гардонидани нақшаҳои пешбинишуда заминаи мусоид фароҳам овард.

Умуман, бо мақсади афзун намудани парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳандаю ҳамешасабз, давоми соли гузашта 4580 гектар бунёди боғу токзорҳои нав ба амал баровардa, 1159,7 гектар боғу токзор барқарор шуд.

**-Вилояти Суғд дорои потенсиали зиёди саноатӣ мебошад. Ба ин манзур меҳостем, ки вазъи соҳаи саноатро барои муштариёну хонандагони арҷманди рӯзнома шарҳ диҳед.**

- Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, истифодаи ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва истифодабарии иқтидорҳои бозистода, расидан ба ҳадафҳои асосии соҳа тадбирҳои мушаххас андешид.

Дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят давоми соли сипаригашта ба 2437,1 млн. сомонӣ расонида шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 23,8 фоиз зиёд аст. Ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилоят нисбат ба ҳамин давраи соли 2010 афзоиши маҳсулоти саноатиро таъмин намуданд.

Аз 253 корхонаи саноатӣ 185 корхона ё ин ки 73,1 фоиз ба афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот нисбат ба соли 2010 ноил шуданд.

Соли 2011 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳаи саноати сабук 550,4 млн. сомониро ташкил дод, ки суръати афзоиш нисбат ба соли 2010-ум ба 128,0 фоиз баробар шуд.

Таъсиси ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби ташкил намудани корхонаҳои нав, истифодаи иқтидорҳои бозистода яке аз самтҳои асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ба шумор рафта, бо ин мақсад дар давраи ҳисоботӣ 65 корхонаи нави хурду бузург ба фаъолият шурӯъ намуда, 1971 ҷойи нави кор ва дар маҷмӯъ якҷоя бо сектори хусусӣ ва фаъол гардонидани иқтидорҳои бозистода 3485 ҷойи нави кор таъсис ёфт.

Дар арафаи Иди Наврӯзи соли 2011 ба истифода супоридани чор корхонаи бузурги саноатӣ бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси ифтихор ва сарфарозии саноатчиёни вилоят гардид. Дар шаҳри Қайроққум заводи истеҳсоли шишаи ширкати «Бародарони саховатманд» бо истифода аз технологияи муосир ба истифода дода шуда, корхона давоми соли гузашта 225670 метри мураббаъ шишаи сохтмонӣ истеҳсол ва пешниҳоди харидорон намуд.

Инчунин навбати аввали сохтмони фабрикаи ресандагӣ дар ноҳияи Мастчоҳ бо иқтидори коркарди 6 ҳазор тонна нахи пахта ва фабрикаи ҷӯроббарорӣ бо иқтидорӣ 7 млн. ҷуфт дар як сол дар ноҳияи Зафаробод сохта ба истифода дода шуданд. Дар заминаи корхонаи «Қолинҳои Қайроққум» Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Ростои Суғд» бо иқтидори 700 тонна коркарди пашм дар як сол ба фаъолият оғоз намуд.

Тибқи Барномаи кӯтоҳмуддати сохтмони нерӯгоҳҳои барқии обии хурд дар вилоят тадбирҳои муассир андешида мешаванд. Сохтмони нерӯгоҳи барқи обии «Марзич»-и ноҳияи Айнӣ бо иқтидори 4,3 МВт ва арзиши пешакии 3,35 млн. доллари ИМА бо саҳмгузории Бонки Исломии Рушд соли 2008 оғоз гардида, бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи сентябри соли 2011 ба истифода дода шуд.

**- Солҳои охир созандагию бунёдкорӣ дар вилоят тавсеа ёфта, иншооти бузурги замонавӣ бунёд ва симои шаҳру ноҳияҳо зеботар ва роҳҳо ободтар гардиданд…**

- Сохтмончиёни вилоят соли 2011 асосан баҳри сари вақт дар мӯҳлатҳои муқарраргардида сохта ба истифода додани иншооти ҷашнӣ фаъолиятро ба роҳ монда, аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо ба маблағи зиёда аз 477 млн. сомонӣ фондҳои асосиро ба истифода доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 14,2 фоиз зиёд аст.

Дар соли 2011 бахшида ба 20 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят беш аз 200 иншооти ҷашнӣ мавриди истифодабарӣ қарор гирифт.

Аз ҷумла «Кохи матбуот», силсилаи фавворaҳо ва «Ҳавзи шиноварӣ», «Муҷассамаи шоҳ Исмоили Сомонӣ» ва бинои нави Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, сиёсат ва бизнеси Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, бинои беморхонаи касалиҳои дил, чойхонаи миллӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, муассисаи истироҳатӣ ва солимгардонии наврасону ҷавонон дар ноҳияи Ҷаббор Расулов, хонаи бисёрошёна дар шаҳри Конибодом, бинои мактаби нави №36 барои 240 хонанда ва маҷмааи варзишии «Далерон» дар шаҳри Истаравшан, бинои мактаби нав барои 240 хонанда дар деҳаи Саро ва мактаб барои 120 хонанда дар деҳаи Понғози ноҳияи Ашт, мактабҳо барои 120 хонанда дар деҳаи Каздон, барои 96 хонанда дар деҳаи Хушекат ва Гузари Боди ноҳияи Айнӣ, мактаб барои 150 хонанда дар деҳаи Янги Ҳаёти ноҳияи Ҷаббор Расулов, мактаб барои 244 хонанда дар деҳаи Қалъачаи Гули Зарди ноҳияи Истаравшан ва мактаб барои 320 хонанда дар деҳаи Оббурдони ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ва дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят иншооти маданию маишӣ ва истеҳсолӣ мавриди истифода шуданд.

Соли сипаригашта роҳҳои марказии шаҳрҳои Хуҷанд, Қайроққум, Чкалов ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ба маблағи зиёда аз 15,6 миллион сомонӣ асфалтпӯш гардид.

**- Яке аз иқдомҳои неки роҳбарияти вилоят ин таъмини иҷрои супориши Сарвари давлат оид ба қабули шаҳрвандон ва эътибори ҷиддӣ зоҳир намудан ба муроҷиатҳои мардум мебошад. Ин иқдом ба ҳалли масоили гуногуни иҷтимоӣ мусоидат намуд. Оё ҳамин тавр нест?**

- Дуруст аст. Воқеан ҳам, ин супориши Сарвари давлат басо бамаврид ва саривақтӣ мебошад. Давоми соли 2011 ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят 1740 мактубу арзу шикоятҳои шаҳрвандон ворид гардид, ки ин аз эътимоди мардум ба мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, таъмини ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, инчунин аз мӯътадил гардидани вазъи сиёсии ҷомеа, шаҳодат медиҳад.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳо 817 адади он, таҳти назорат гирифта, 601 ададаш барои баррасӣ ба мақомоти дахлдор ирсол шуд.

Ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёмашон моҳи апрели соли 2010 баён гардида буд, аз ҷониби Раиси вилоят ҳар ҳафта рӯзи шанбе қабули шаҳрвандон гузаронида мешавад. Дар рӯзҳои қабули соли сипаришуда аз ҷониби раиси вилоят 1268 нафар шаҳрвандон пазируфта шуданд.

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат, ки дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баён доштанд, мулоқотҳои Раиси вилоят бо сокинони шаҳру ноҳияҳои Конибодом, Хуҷанд, Табошар, Панҷакент, Чкалов, Истаравшан, Исфара, Спитамен, Бобоҷон Ғафуров, Мастчоҳ, Айнӣ, Ғончӣ, Зафаробод ва Ашт, бо донишҷӯён, кормандони соҳаи маориф, фарҳанг, тандурустӣ баргузор гардид, ки дар маҷмӯъ 70 ҳазор нафар шаҳрвандони шаҳру ноҳияҳо иштирок намуданд.

Қисми асосии масъалаҳои дар Рӯзи қабули шаҳрвандон ва мулоқоти раиси вилоят бо аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят гузошташуда асосан ҳалли худро ёфтанд.

Дар маҷмӯъ, соли 2011 дар рушди иқтисодӣ ва ташаккули муҳити иҷтимоии вилоят марҳилаи муҳим гардид. Дар ҷараёни баргузории чорабиниҳои оммавии давоми сол, таҷлили идҳои миллӣ ва давлатӣ, ки бо иштироки Сарвари давлат сурат гирифтанд, сокинони вилоят бори дигар муттаҳидӣ, мавқеи қавӣ ва устувори худро дар ҷодаи бунёди ҷомеаи пешқадам ва адолатпеша намоиш доданд.

Соли равон низ дар қатори мардуми ҷумҳурӣ барои мардуми вилоят соли таърихӣ, соли таҷлили ҷашни 20 – солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI- Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Ин ҷашни бузург моро водор месозад, ки дастовардҳоро боз ҳам афзун намуда, онро бо нишондиҳандаҳои баланди созандагӣ ва ободкорӣ истиқбол намоем.

**- Ташаккур барои сӯҳбати самимӣ.**

***Абдулмаҷид МУРОДОВ,***
***Мухтори АБДУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

---

**● Дар партави Паёми Президент**

# Ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрванд аҳамияти махсус зоҳир мегардад

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (20 апрели соли 2011) ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ, суд ва прокуратура супориш дода буд, ки фаъолияти худро дар самти таъмини амнияти миллӣ, волоияти қонун, мубориза бар зидди коррупсия, дигар зуҳуроти номатлуб пурзӯр намоянд.**

**Мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин ҷода тадбирҳои зиёд амалӣ карда истодааст.**

-Таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бахусус барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолгаштаи шаҳрванд, назорати иҷрои қонунҳо оид ба истифодаи самаранок ва оқилонаи замин, дар соҳаи андоз, оид ба ҳифзи муҳити зист ва санитарию эпидемиологӣ, пешгирӣ, ошкор ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои коррупсионӣ, мубориза бар зидди терроризм ва экстремизм ҳамчун самтҳои афзалиятнок эътироф карда шуда, дар маркази таваҷҷуҳи мақомоти прокуратура қарор доранд,- гуфт дар сӯҳбат муовини аввали Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мушовири давлатии адлияи дараҷаи сеюм Абдуқодир Муҳаммадиев.

Мақомоти прокуратура дар соли 2011 вобаста ба ҳолати иҷрои қонунҳо санҷишҳо гузаронида, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани қонунвайронкуниҳо 23111 амру пешниҳод баровард.

Дар натиҷаи санҷиши ҳолати иҷрои қонунҳо зиёда аз 1778 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид.

Мақомоти прокуратура барои мақсаднок истифода бурдани замин назоратро пурзӯр намудааст. Зеро дар ин бахш қонуншиканиҳои зиёд ба мушоҳида мерасанд.

Вобаста ба ҳолати иҷрои қонунгузории замин 631 санҷиш гузаронида, 2303 амру пешниҳод ва ба санадҳои ғайриқонунӣ қабулгашта 984 эътироз оварда шуд. Дар натиҷа, 3032 нафар ба ҷавобгарии интизомӣ, моддӣ ва маъмурӣ кашида шуда, 394 парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид. Бо дахолати мақомоти прокуратура зиёда аз 896 гектар замин ба ҳолати аввала баргардонида, зиёда аз 420 ҳазор сомонӣ маблағи зарар барқарор карда шуд.

Санҷишҳои прокурорӣ дар ин самт нишон доданд, ки ҳолати иҷрои қонунгузории мазкур дар ноҳияҳои Вахш ва Б.Ғафуров ба талабот ҷавобгӯ набуда, бар асари беназоратии раисони ноҳияҳои номбурда қонунвайронкуниҳо такрор ёфта, вазъият ҳамоно бадтару ташвишовар боқӣ мондааст.

Бо натиҷаи чораҳои андешидашуда ва ҳолати воқеии қонуният дар ин самт, ахбороти Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд, ки дар натиҷа раисони ноҳияҳои Вахш ва Б.Ғафуров аз вазифаҳояшон озод гардиданд.

Бо санадҳои эътинои прокурорӣ 617 қарори раисони шаҳру ноҳияҳо вобаста ба истифодабарии замин бекор карда шуд.

Зимни санҷиши ҳолати риояи талаботи қонунгузории замин дар ҳудуди шаҳри Душанбе, махсусан дар минтақаҳои талу теппаҳои атрофи он ва дохили шаҳр қонунвайронкуниҳои ҷиддӣ ошкор гаштанд.

Аз ҷумла дар рафти санҷиш ҳолатҳои ба таври воқеӣ таъмин накардани иҷрои санадҳои эътинои прокурорӣ вобаста ба ҳолати аввала баргардонидани қитъаҳои замини худсарона ишғолгардида аз тарафи масъулини Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ, Сино, Шоҳмансур ва Фирдавсӣ ба назар мерасад. Аз 175 санади эътинои прокурорӣ 26 ададаш қисман ва 31 ададаш умуман бе иҷро мондааст. Баҳри бартараф намудани ин қонунвайронкуниҳо санадҳои эътинои прокурорӣ қабул гардида, ба раиси шаҳри Душанбе пешниҳод ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ахбор ирсол карда шуд.

Бо дахолати бевоситаи прокуророн 15 млн. 775 ҳазор сомонӣ қарзи музди меҳнати кормандони муассисаҳо ва ташкилоту корхонаҳои соҳаҳои гуногун пардохт шуд.

Дар соли 2011 ҷинояткорӣ рӯ ба афзоиш ниҳода, 16864 адад ба қайд гирифта шудааст, ки ин назар ба соли пешина 2316 адад ё 15,92 фоиз зиёд мебошад ва ошкоркунии онҳо 90 фоизро ташкил медиҳад. Сабаби асосии зиёдшавии сатҳи ҷиноят, пеш аз ҳама тибқи талаботи «Тартиботи пешбурди баҳисобгирӣ, қайди ягонаи ҷиноятҳо ва шахсони ҷиноятсодирнамуда» ба қайди ягона гирифтани ҷиноятҳои дар дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ мавриди тафтиш қарордошта мебошад. Дар соли 2010-ум 14548 ҷиноят танҳо аз ҷониби мақомоти прокуратура ва корҳои дохилӣ ба қайд гирифта шуда буд. Дар соли 2011 бошад, 2662 ҷиноят аз тарафи мақомоти амният, прокуратураи ҳарбӣ, агентиҳои назорати маводи нашъаовар ва назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, гумрук ва суд ошкор карда шуд.

Муфаттишони мақомоти прокуратура тафтиши пешакии 3089 парвандаи ҷиноятиро ба анҷом расонида, 2387-тои онро бо тасдиқи фикри айбдоркунӣ ба суд фиристоданд, ки аксарияташон марбут ба ҷиноятҳои мураккабу бисёрлаҳза буда, дар рафти тафтиши онҳо зарар ба маблағи 16 млн. 116 ҳазор сомонӣ ва 293 ҳазор доллари ИМА барқарор карда шудааст.

Дар Барномаи таҳкими интизоми хизматӣ, одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 -2012 вазъи интизоми хизматӣ, риояи одоби касбӣ ва пешгирии коррупсия дар мақомоти прокуратура, сабабу шароити ба он мусоидаткунанда ва чораҳои мушаххаси пешгирии коррупсия муайян карда шудаанд.

Мақомоти прокуратура дар соли 2011 дар натиҷаи санҷишҳо, баррасии мавод ва муроҷиатҳои шаҳрвандон 494 парвандаи ҷиноятии коррупсионӣ ва иқтисодии дорои хусусияти коррупсионӣ оғоз намуд. Ин парвандаҳо оид ба порагирӣ, қаллобӣ ва саркашӣ аз пардохти андоз мебошанд.

Соли гузашта прокуророн дар рафти баррасии 8745 парвандаи ҷиноятӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва иқтисодӣ иштирок намуда, барои ба амал баровардани адолати судӣ ва қабули қарорҳои қонунӣ саҳмгузорӣ кардаанд.

Дар бобати бекор ва ба талаботи қонун мутобиқ намудани қарорҳои ғайриқонунии судҳо 652 эътироз оварда шуд, ки аз он 32-то бозхонд, 387-то қонеъ ва 185 адад рад карда шуданд.

Тайи соли 2011 дар ҷараёни тафтишоти пешакӣ аз ҷониби мақомоти прокуратура ҳамагӣ 146 млн. 154 ҳазору 931 сомонӣ ва 2 млн. 58 ҳазору 600 доллари ИМА зарари расонидашуда муайян карда шуда, аз ин ба миқдори 16 млн.116 ҳазор сомонӣ ва 293 ҳазор доллари ИМА барқарор карда шудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авф» нисбати 17573 нафар татбиқ гардид, ки аз ин 4676 нафар маҳкумшуда аз адои ҷазо озод гардида, мӯҳлати адонагаштаи ҷазои 5157 нафар маҳкумшудагон кам карда шуд. Аз тарафи мақомоти таҳқиқу тафтиш нисбати 3194 нафар ва аз ҷонибҳо судҳо нисбати 1735 нафар Қонуни авф татбиқ гардид.

Ҷаҳду талошҳои пайгиронаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи эъмори давлати демократии ҳуқуқбунёд, ки таҳти роҳбарии хирадмандонаи Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сурат мегиранд, мавриди эътирофи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидааст.

Ҷиҳати ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ҳолати бақайдгирии онҳо, ки аз ҷиноятҳо зарар дидаанд, дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таҳти назорати қатъӣ қарор дорад. Дар ин давра 514 ҷиноят аз қайд пинҳонкардашуда ошкор ва аз рӯйи онҳо парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуданд. Аз ин парвандаҳо 166 адад бо анҷоми тафтишот ба суд ирсол гардида, парвандаҳои боқимонда дар ҷараёни тафтиш қарор доранд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

---

Корхонаву муассисаҳои тобеи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд тӯли соли 2011 ба натиҷаҳои назаррас ноил гардиданд. Онҳо ба маблағи 2437,1 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуда, суръати афзоишро нисбат ба ҳамин давраи соли 2010-ум 123,8 фоиз таъмин карданд.

# Номгӯйи маҳсулоти саноатӣ зиёд шуд

Маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои соҳаи саноати мошинсозӣ 44575,7 ҳазор сомониро ташкил дод. Аз аввали сол дар ин соҳа 91 ҷойи кори нав дар заминаи корхонаҳо таъсис дода шуд.

Як қатор корхонаҳои соҳа ҷиҳати ворид кардани технология ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти нав кори назаррасро сомон доданд.

Корхонаи давлатии «Востокредмет» аз моҳи августи соли 2011дар қитъаи холискории корхона дар асоси коркарди партовҳои техногении шаҳраки Такелии ноҳияи Мастчоҳ истеҳсоли метали нукраро ба роҳ монд. Айни замон дар корхона 200 тонна партови мазкур мавриди коркард қарор дорад.

КВД «Завод Заря Востока» дар соли сипаригардида дастгоҳи истеҳсоли қубурҳои пластмасии диаметри 20-220 мм-ро ба маблағи 25 ҳазор доллари ИМА ворид ва насб карда, 21 нафарро бо ҷойи кор таъмин намуд.

Дар КВД «Садаф» ҷамъу васли панелҳои офтобӣ батареяи (обгармкунак) офтобӣ ба роҳ монда шудааст. Соли гузашта 37 адад панелҳои офтобии иқтидораш 200 Вт, 10 адад 150 Вт, 14 адад батареяи офтобӣ 100 Вт, 8 адад батареяи офтобӣ 150 Вт бо маблағи умумии 250 ҳазор сомонӣ истеҳсол ва фурӯхта шудааст.

ҶСК «Сирандуд» дар ҳудуди корхона коргоҳи коркарди ресандагӣ ва пораву партовҳои металлҳои сиёҳро ташкил карда, 32 адад дастгоҳҳои ресандагӣ ва дегҳои металгудозӣ васлу насб намуд.

Ҳамчунин дар вилояти Суғд корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти пластмассӣ аз соли 2005 инҷониб таъсис ёфта, соли 2011 ба маблағи 29455 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуданд, ки назар ба соли 2010-ум 12287,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ҳоло дар ин корхонаҳо 130 нафар коргарон фаъолият менамоянд.

***Котиботи Вазорати энергетика ва саноати***
***Ҷумҳурии Тоҷикистон***

---

# Иттифоқи касабаи ҳавопаймоӣ ҳисобот дод

Дар толори ҶСК «Тоҷик Эйр» ҷаласаи васеи Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони ҳавопаймоии Тоҷикистон оид ба ҷамъбасти соли 2011баргузор гардид.

Раиси Кумитаи ҷумҳуриявии иттифоқи касабаи кормандони ҳавопаймоӣ Муҳаммадҷон Хушвахтов дар ҳисоботи худ зикр кард, ки дар пиёда кардани ҳадафҳои стратегии кишвар, хусусан барои расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, озуқаворӣ ва баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ саҳми иттифоқҳои касаба зиёд аст.

Барои ба истироҳатгоҳҳо фиристодани кормандон 53 роҳхат ҷудо шуд. Барои фарзандони кормандон боғчаи бачагон амал мекунад. Ҳангоми таътили тобистона бошад, онҳо ба фароғатгоҳи «Кайҳон» ҷалб карда мешаванд.

Ҳамчунин илова гардид, ки аз ҷониби иттифоқи касаба нисбати собиқадорони меҳнат, нафақагирон ғамхории ҳамешагӣ зоҳир карда, ба мактаб-интернатҳо, оилаҳои камбизоат кӯмак расонида мешавад.

Дар ҷаласа намояндагони кумитаҳои иттифоқҳои касабаи ширкатҳои ҳавопаймоии «Тоҷик Эйр», «Сомон Эйр», фурудгоҳҳои Душанбе, Хуҷанд, Кӯлобу Қӯрғонтеппа иштирок намуданд.

Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи Ҷумҳурии Тоҷикистон Муродалӣ Солеҳов барои фаъолияти самарабахш ба пешқадамони истеҳсолот ифтихорномаҳо тақдим кард.

***М.ШОДИЕВ,***
***котиби матбуотии ҶСК***
***«Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе»***

---

# Кӯмаки унвонии иҷтимоӣ

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 октябри соли 2010 таҳти №586 «Дар бораи ҷорӣ намудани низоми таҷрибавии дастгирии унвонии иҷтимоӣ дар шаҳри Истаравшан ва ноҳияи Ёвон» дар раёсати Агентии давлатии ҳифзи иҷтимоии шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати шаҳри Истаравшан як қатор корҳо ба сомон расонида шуд,-гуфт мудири шӯъбаи рушди иқтисод ва савдои Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Истаравшан Хосият Фозилова. Мутобиқи он бо қарори раиси шаҳр комиссияи шаҳрӣ таъсис шуда, дар маҳалҳо машваратҳои дастурдиҳӣ доир гардид. Дар давоми соли 2011 ба раёсат 11341 аризаи сарони оилаҳо қабул карда шуда, он барои муайян намудани маҷмӯи нишондиҳандаҳои сатҳи умумии зиндагии ҳар як оила ба махзани ягонаи ҷумҳуриявӣ ворид гардонида шуд. Бо назардошти баланд бардошта шудани коэффисенти барномаи компютерӣ оид ба муайян намудани оилаҳои камбизоат дар давраи якум 4229 оила, дар давраи дуюм 285 оила, дар давраи сеюм 683 оила ва дар давраи чорум 248 оила-ҷамъ 5445 оила барои гирифтани кӯмаки унвонии иҷтимоӣ мувофиқ дониста шудаанд. Барои ин оилаҳо дар БДАТ «Амонатбонк» суратҳисоби алоҳидаи амонатгузорӣ кушода шуда, пардохти кӯмаки иҷтимоӣ дар маҳалли зисти шаҳрвандон тавассути оҷонсии БДАТ «Амонатбонк»ба роҳ монда шуд.

Ин оилаҳо асосан аз зумраи шахсони яккаву танҳо, баъзе оилаҳои бесаробонмонда ва оилаҳое, ки зиёда аз ду нафар маъюбони гурӯҳи 2-юм доранд, иборат мебошанд.

***Н. ҲУСЕЙН,***
***«Садои мардум»***

---

**● Нигаронӣ**

# На ҳама шахсони мансабдор ба мақолаҳои таҳлилию танқидӣ вокуниш нишон медиҳанд

Ҳафтуми феврали соли 2012 аз имзо шудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳти № 622 «Дар бораи вокуниши шахсони мансабдор ба маводҳои танқидӣ ва таҳлилии воситаҳои ахбори омма» се сол пур мешавад.

Ба ин муносибат дар ҷаласаи корӣ, ки дар «Кохи матбуот»-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд дар шаҳри Хуҷанд бо иштироки муовини аввали раиси вилоят Ҷумъабой Сангинов баргузор гардид, сари ҳамин масъала ҳам сухан рафт. Назар ба иттилои масъулини соҳа ва сарварони якчанд воситаҳои ахбори оммаи вилояти Суғд вокуниши ашхоси мансабдор ба маводу матолиби таҳлилию танқидии воситаҳои ахбори омма дар қаламрави вилоят чандон ҷавобгӯйи талабот намебошад. Чунин ҳолатро нисбати маводу мақолаҳои таҳлилию танқидии рӯзномаҳои ҷумҳуриявию вилоятӣ, аз қабили «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Ҳақиқати Суғд», «Вароруд» ва ғайра дидан мумкин аст. Ба қавли сармуҳаррири рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» Карими Шариф «аз 40 мақолаю гузоришҳои таҳлилию танқидии рӯзнома, ки дар давоми даҳ моҳи соли 2011 ба табъ расидаанд, аз ҷониби 17 сохтори дахлдори вилоятӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳии ин вилоят, роҳбарони ташкилоту муассисаҳои танқидшуда вокуниш ба амал наомадааст».

Вокуниши шахсони мансабдорро ба маводу матолиби таҳлилию танқидии аз ҷониби хабарнигорони махсуси рӯзномаи «Садои мардум» дар вилояти Суғд батафсил расида низ ба таври мусбат арзёбӣ кардан ғайриимкон аст. Зеро аз 19 матолибу маводҳои таҳлилию танқидии тайи солҳои охир иншокардаи нависандаи ин сатрҳо низ ҳамагӣ чанде, аз қабили «Пораабри сиёҳ дар самои дӯстӣ ё худ чаро фазои иттилоотии вилояти Суғд ғуборолуд аст?» (3 марти соли 2007 №24 (2111), «Кӯпруки пулхӯрак» (29 майи соли 2008 № 62 (2293) посух ёфтаву қазияҳои мавҷуда ба таври бояду шояд ҳал гардидаанду халос.

Вале як идда навиштаҳо, ба монанди «Имрӯз кӣ рӯзнома мехонад?» (29 июни соли 2006 №75 (2017), «Чаро рӯзномаҳои расмӣ дер ба дасти хонанда мерасанд?» (29 июли соли 2009 таҳти №90 (2466), «Як назар ба вазъи чанд осорхонаи Истаравшан ва ё беэҳтиромӣ нисбати мероси ниёгон моро ба куҷо хоҳад бурд?», (3 сентябри соли 2010 таҳти №99-100), «Як бому ду ҳаво ё зуд-зуд хомӯш шудани барқ ба осиёби кӣ об мерезад?» (1 марти соли 2011 №27 (2699), «Додамонро ба кӣ гӯем?- мегӯянд оилаи Тешаевҳо аз шаҳраки Дилшоди шаҳри Истаравшан» (7 декабри соли 2010 №137 (2662), «Чӣ ҳол доред, «афғон»-ҳо?» (12 феврали соли 2011 таҳти №20 (2692), «Сафар кардан, ҷаҳон дидан...» (18 ноябри соли 2011 таҳти №136-137 (2808-2809) ва ғайра то ба ҳол на танҳо беҷавоб мондаанд, балки камбудиҳои мавҷуда низ ҳал нашудаанд.

Ба ин маводҳо мебоист КВД «Почтаи тоҷик», бахши вилоятии он дар вилояти Суғд, шаҳри Истаравшан, Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, шӯъбаи фарҳанги шаҳри Истаравшан, Ҷамоати деҳоти «Правда»-и шаҳри Истаравшан, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии шаҳри Истаравшан ва дигар мақомоти марбута ҷавоб мегуфтанд, вале ин навиштаҳо пинаки масъулону мутасаддиёнро халалдор карда натавонистанд.

Вақте бо супориши роҳбарияти идораи рӯзнома ҷиҳати ташкили обуна озими шаҳру навоҳии вилояти Суғд мешавам, нахустин суоли раисони шаҳру ноҳияҳо чунин мебошад: «Обуна-ку мешавем, вале сари вақт дастрас шудани рӯзномаю маҷаллаҳоро кӣ кафолат медиҳад?».

Як сабаби сари вақт дастрас нашудани рӯзномаю маҷаллаҳо чуноне ки мо дар маводи хеш нишон дода будем, тавассути «КАМАЗ»-ҳои роҳгузар аз пойтахти кишвар ба ҷониби вилояти Суғд интиқол додани рӯзномаю маҷаллаҳо мебошад. Ин мошинҳо рӯзномаю маҷаллаҳоро дар мавриди хуб будани боду ҳаво дар тӯли се-чор рӯз, дар ҳолати фаромадани тарма ва баста шудани роҳи ағбаҳои Анзобу Шаҳристон дар тӯли як-ду ҳафта ба маркази вилояти Суғд мерасонанд. Аз шаҳри Хуҷанд бошад, баъди 3-4 рӯз ба почтаҳои шаҳру ноҳияҳо дастрас мешаванд. Дар почтаҳои шаҳру ноҳияҳо ҳам то онҳоро тақсим мекунанд, ки боз ду-се рӯзи дигар мегузарад. Рӯзномае, ки пас аз 8-10 рӯзи ба интишор расиданаш ба дасти хонанда мерасад, ба дарди кӣ мехӯрад?

Дар ин бобат бамаврид аст арз намоем, ки яке аз роҳбарони масъули Корхонаи муштараки «Оби зулол» ба мо иттилоъ дод, ки мошинҳои боркаши ин корхонаи азамат ҳангоми бозгашт аз шаҳри Душанбе ба шаҳри Истаравшан қариб, ки холӣ меоянд. Дар мавриди ба таври расмӣ ҳал намудани масъала аз ҷониби КВД «Почтаи тоҷик» ва Корхонаи муштараки «Оби зулол» ин мошинҳо метавонанд рӯзномаю маҷаллаҳоро то ба Истаравшан сари вақт расонанд.

Дар фаъолияти КВД «Почтаи Тоҷик» боз камбудию нуқсонҳои зиёде мавҷуданд, ки мо дар мавриди онҳо ва роҳҳои ҳалашон борҳо ҳарф задаем, вале масъулини соҳа на аз пайи ислоҳи кор мешаванду на ба идораи рӯзнома (ва шояд Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ) посух мегардонанд.

Ё худ мо дар мақолаи хеш – «Як бому ду ҳаво» дар мавриди зуд-зуд хомӯш шудани барқ дар дастгоҳҳои пахшкунандаи барномаҳои телевизионии кишвар, воқеъ дар шаҳри Истаравшан ҳарф зада, бонги изтироб бардошта будем, ки ин ҳол мардуми ҳафт шаҳру ноҳияи вилояти Суғдро, ки Муассисаи шабакаи барқи Истаравшан таъмини барқи онҳоро ба ӯҳда гирифтааст, маҷбур месозад барномаҳои телевизионии кишвари ҳамсояро тамошо кунанд!

Бояд гуфт, ки мақолаи мазкур дар яке аз нишастҳои матбуотии раиси шаҳри Истаравшан И. Абдуллоев соли гузашта боиси гуфтугӯйи ҷиддӣ қарор гирифта буд. Дар он раиси шаҳр ба масъулини соҳа супориши қатъӣ дод, ки ҷиҳати ҳалли масъала ва ирсоли посух ба идораи рӯзномаи «Садои мардум» тадбирҳои амалӣ андешанд. Мутаассифона, зиёда аз як сол мешавад, ки масъалаи мазкур ҳалли худро наёфта, посух низ аз ҷониби ин муассиса ба идораи рӯзнома ирсол нагардидааст.

Чуноне сармуҳандиси пахши барномаҳои телевизионӣ дар шаҳри Истаравшан Музаффар Мустафоев хабар дод, ҳоло интиқоли ба ин шабака ҳамарӯза 3-4 соат қатъ мегардад ва гузашта аз ин дар ҳолатҳои дигар шиддатнокии интиқоли барқ ба ин муассиса 280-300 волтро ташкил медиҳад.

-Дар чунин ҳолат, - мегӯяд М. Мустафоев, -мо худамон маҷбур ҳастем, ки ба хотири пешгирӣ кардани сӯхтану аз байн рафтани дастгоҳҳои шабакаамон, ки хеле нархи гарон доранд, барқро қатъ кунему мардумро аз тамошои барномаҳои Телевизиони Тоҷикистон маҳрум созем. Ба хотири ислоҳи ин кор борҳо ба сарварони Идораи шабакаҳои барқи Истаравшан муроҷиат кардаем, вале масъала ҳалли худро наёфта истодааст.

Тавре мушоҳида кардем, бемасъулиятӣ нисбати маводҳои таҳлилию танқидӣ аз ҷониби бархе аз роҳбарони вазорату ташкилотҳо, корхонаву муассисаҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҳанӯз ҳам боқӣ мондааст. Ҳол он ки иҷрои амру фармонҳои Сарвари давлат аз ҷониби ашхоси мансабдор ҳатмист. Агар онҳо нисбати амру фармонҳои Сарвари давлат беэътиноӣ зоҳир кунанд, аз дигарон чӣ гила?

***Ҳусейни НАЗРУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

# Аз нишастҳои матбуотӣ

## Зарарҳои молиявӣ ошкор ва барқарор мегарданд

Бино бо маълумоти директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Фаттоҳ Саидов, соли 2011 ин мақомот дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ, марказҳои идораи барномаҳои лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ 1335 тафтишу санҷиш гузаронида, ба маблағи 107,2 млн. сомонӣ зарари молиявиро ошкор намуд, ки аз он хароҷоти ғайриқонунии пулию молӣ 98 млн. сомонӣ, камомад ва тасарруфи воситаҳои пулию молӣ 12,7 млн. сомонӣ, изофанависӣ дар корҳои таъмиру сохтмонӣ 19,6 млн. сомонӣ, зарар аз фурӯш ва ба иҷора додани амволи давлатӣ 5,2 млн. сомонӣ, талафи воситаҳои пулию молӣ 17,2 млн. сомонӣ ва маблағи кам ҳисобгардида ва рӯйпӯшнамудаи андозҳо 42,7 млн. сомониро ташкил медиҳад. Дар муассиса ва корхонаҳои тафтишгардида 7,1 млн. сомонӣ маблағҳои буҷетӣ ғайримақсаднок истифода шудааст.

Дар рафти тафтишу санҷишҳои молиявӣ 75,5 млн. сомонӣ ё 70,4 фоизи зарари ошкоргардида ба манфиати давлат барқарор шуд, ки 51,8 млн. сомонии он ба буҷет ва 23,7 млн. сомонӣ ба корхонаҳо тааллуқ доранд.

Аз ҷониби сохторҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ 1199 ҷинояти коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд ошкор шудааст, ки 416-тои онҳоро ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин ташкил медиҳанд.

Муфаттишони Агентӣ тафтишоти пешакии 328 парвандаи ҷиноятиро нисбати 427 айбдоршаванда бо тартиб додани фикри айбдоркунӣ ба итмом расонида, ба суд ирсол намуданд. Зарари моддии бо парвандаҳои ҷиноятӣ мавриди тафтиш қарордодашуда 46 396 825 сомониро ташкил медиҳад, ки дар рафти тафтиши пешакӣ маблағи 21 883 952 сомонӣ рӯёнида шудааст.

Аз ҳисоби умумии ҷиноятҳои ошкоргардида, 152-тои онро кормандони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ содир намудаанд. Агар ҷиноятҳои коррупсионии дар нимсолаи аввали соли 2011 бақайдгирифтаро, ки аз ҷониби кормандони вазорату идораҳои ҷумҳурӣ содир карда шудаанд, муқоиса намоем, чунин бармеояд, ки аз ҳама бештар аз тарафи кормандони сохторҳои вазоратҳои маориф (85 ҷиноят), тандурустӣ (66 ҷиноят), кишоварзӣ (62 ҷиноят), энергетика ва саноат (41 ҷиноят), меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ (22 ҷиноят), нақлиёт ва коммуникатсия (21 ҷиноят), мелиоратсия ва захираҳои об (19 ҷиноят), инчунин Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон (36 ҷиноят) ва сохторҳои бонкии ҷумҳурӣ (88 ҷиноят) содир гардидаанд.

***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

## Бо ибтикори марказ маҷаллаи илмӣ – таҳлилии «Қонунгузорӣ» ба нашр расид

Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмад Раҳимов тавре дар нишасти матбуотӣ изҳор дошт, дар асоси мақсаду вазифаҳои оинномавӣ Марказ таҳияи консепсияҳои такмили қонунгузорӣ, консепсияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаҳои қонунҳо, ки ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд, ҳамзамон таҳияи самтҳои афзалиятноки тадқиқоти илмию ҳуқуқӣ дар соҳаи эҷоди ҳуқуқ, мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, гузаронидани тадқиқотҳои муқоисавию ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории давлатҳои хориҷа ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро ба роҳ мемонад.

Дар соли сипаришуда ба зиёда аз 150 лоиҳаи қонун бо 1500 таклифу пешниҳод, ки ба баррасии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд, экспертизаи ҳуқуқӣ омода гардид.

Кормандони Марказ ба зиёда аз 50 санади зерқонунӣ экспертизаи ҳуқуқӣ дода, дар ҳайати зиёда аз 20 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок намуданд.

Дар соли 2011 Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷоя бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи пешгӯйии инкишофи қонунгузорӣ, шаш барномаи давлатӣ оид ба татбиқи Консепсияи мазкур ва нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар самт ва соҳаҳои гуногун барои солҳои 2012-2015 таҳия намудааст.

Аввалин маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ» низ соли сипаришуда бо ибтикори Марказ ба нашр расид.

Дар нишасти матбуотӣ мушовири калони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сиёсати ҳуқуқӣ Содиқ Шоназаров иштирок ва суханронӣ намуд.

***А. МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

## Ҳамқадами Истиқлол

-Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон, ки зодаи даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурии азизамон аст, 20-сола шуд. Дар тӯли бист сол, донишкада муваффақ шуд, ки дар тарбияи насли нави соҳаи соҳибкорӣ ва хизмат ба дастовардҳои назаррас ноил гардад. Аз ҷумла аз 827 нафар хатмкунандагони соли 2011-ум 40 нафарашон соҳиби дипломи аъло гардиданд. Ин нишондоди беҳтарин ба ҳисоб меравад, - зикр намуд зимни нишасти матбуотӣ ректори Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон Файзалӣ Комилов.

Аз идомаи сӯҳбати Ф.Комилов маълум гардид, ки дар соли сипаришуда теъдоди донишҷӯён ба 3200 нафар ва шумораи устодон, профессорон, докторону номзадҳои илм ба 190 нафар расидааст. Аз теъдоди устодони доимӣ шаш нафар рисолаи номзадӣ ва як нафар рисолаи докторӣ ҳимоя намудаанд.

Соли гузашта донишкада бо мақсади тарбияи кадрҳои баландихтисоси соҳибкории хурду миёна, меҳмонпазироӣ ва менеҷмент аз рӯйи 21 ихтисос ва баланд бардоштани сифати таълим Барномаи комплексии рушдро барои солҳои 2011-2030 тасдиқ кардааст. Дар кафедраи молия ва андозбандӣ дар соҳибкорӣ утоқи таълимӣ- методӣ ифтитоҳ ёфта, дар заминаи панҷ факултети мавҷуда иловатан ду факултет, ду кафедра ва шӯъбаи идоракунии сифати таҳсилот таъсис дода шудааст. Донишкада инчунин дорои як чопхонаи хурд гардида, бо дастгирии раёсати донишкада ва қувваи омӯзгорони гимназия тамоми синфхонаҳои гимназияро аз таъмир баровардаанд.

Барои гимназияи Донишкадаи соҳибкорӣ ва хизмати Тоҷикистон як китобхонаи электронӣ ва барои кафедраҳои факултети хизматрасонии иттилоотӣ ва маркетинг як лабораторияи компютерӣ ва ҳуҷраҳои корӣ бунёд ёфтааст.

Ҳамзамон дар ин давра мутобиқи меъёрҳои муайянкунандаи мақоми муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон донишкада дар миёни донишкадаҳои ҷумҳурӣ мақоми ифтихории сеюмро соҳиб шудааст. Дар ҳамин сол ихтисосҳои он аз аккредитатсияи давлатӣ барои панҷ соли оянда гузаштааст, ки аз тадриҷан баланд шудани сифати таҳсилот ва такмил ёфтани раванди таълим дар донишкада шаҳодат медиҳад.

***Ф. ҲАБИБУЛЛОЕВА,***
***«Садои мардум»***

## ДСРТ –узви Ассотсиатсияи донишгоҳҳои Иттиҳоди АвруОсиё

Аз баргузории нишасти матбуотӣ дар Донишгоҳи славянии Россия – Тоҷикистон (ДСРТ), ки бо иштироки устодони донишгоҳ ва хабарнигорон доир гардид, маълум шуд, ки ин махзани илму маърифат ба як қатор пешравиҳои назаррас на танҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ ва Федератсияи Россия, балки арсаи байналмилалӣ низ муваффақ шудааст.

Бино ба гуфти ректори ин муассисаи олии таълимӣ, аъзо - корреспонденти Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадюсуф Имомов, дар баробари ҷамъбасти хуби имтиҳонҳо, инчунин як қатор конфронсу боздидҳо сурат гирифта, бо як қатор донишгоҳҳои хориҷӣ шартномаҳои ҳамкорӣ баста шуданд. Рӯйдоди хотирмони ин давра он буд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон санги аввалини пойдевори бинои нави таълимии донишгоҳро гузошт. Аз ҷониби Хадамоти федеролии назорат дар соҳаи маориф ва илми Федератсияи Россия ба донишгоҳи номбурда Иҷозатномаи пеш бурдани фаъолият супурда шуд. Аҳли донишгоҳ 92 мукофоти давлатию соҳавиро сазовор гардид. ДСРТ дар анҷумани 12 – уми Ассосиатсияи донишгоҳҳои Иттиҳоди АвруОсиё ба узвияти ташкилот пазируфта шуд.

Ҳоло дар донишгоҳ 111 номзади илм ва 39 доктори илм ба 1625 донишҷӯй дар шӯъбаҳои рӯзонаю ғоибонаи гурӯҳи шартномавӣ ва 1406 донишҷӯй дар шӯъбаҳои рӯзонаю ғоибонаи гурӯҳи буҷетӣ таълим медиҳанд. Донишгоҳ аз рӯйи 12 ихтисос мутахассис омода менамояд. Дар донишгоҳ намояндагони 20 халқияту миллатҳо аз давлатҳои хориҷи дуру наздик таҳсил менамоянд.

***Мирзо НУРАЛИЕВ,***
***«Садои мардум»***

## Ҳаҷми боркашонӣ коҳиш ёфтааст

Дар нишасти матбуотии Вазорати нақлиёти кишвар иттилоъ гирифтем, ки соли 2011 ҳаҷми боркашонӣ тавассути ҳама навъи воситаҳои нақлиёт дар муқоиса ба соли 2010-ум ду фоиз кам шудааст. Омили мазкур дар навбати аввал ба боркашонӣ тариқи роҳи оҳан рабт дошта, аз беасос қатъ намудани убури роҳи оҳан аз ҷониби Ҷумҳурии Ӯзбекистон маншаъ мегирад. Дар ҳамин радиф, ба қавли вазири нақлиёт Низом Ҳакимов, соли гузашта интиқоли мусофирон 2,2 фоиз афзудааст. Дар маҷмӯъ, соли сипаригашта ба 165 миллион нафар мусофир хизмат расонида шудааст. Зимни суолу ҷавоб маълум гашт, ки давоми соли 2011 ҳудуди ҷумҳуриро 17000 автомобил бо 66000 мусофир ва 180000 тонна маҳсулоти гуногун убур намудааст. Дар нишаст хабарнигорон ҳамчунин ба дигар саволҳои худ, ки ба фаъолияти ин ниҳод дахл доштанд, посухҳои қаноатбахш гирифтанд.

***Д. АБДУЛЛО,***
***«Садои мардум»***

Нишасти мабуотии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ширкати фаъоли хабарнигорон ва мутахассисони соҳа баргузор гардид, ки ин бесабаб нест. Кумитаи мазкур тавонист оид ба ҷалби таваҷҷуҳи хабарнигорон ва оммаи васеъ ба масъалаҳои экологӣ, баланд бардоштани маърифати экологии мардум иқдомҳои мушаххас ва назаррасеро анҷом диҳад.

Ин аз ҷумла яке аз нуктаҳои асосии суханронии раиси кумита Талбак Салимов дар нишасти матбуотӣ оид ба ҷамъбасти фаъолият дар соли 2011 буд.

## Тарғиби маърифати экологӣ ҷоннок мегардад

-Ҳамчунин дар соли 2011 як қатор навигариҳои дигар ба амал омаданд, ки аз фаъолияти хуби аҳли кормандону мутахассисони кумита дарак медиҳад,- иброз дошт Т. Салимов ва ба таври мушаххас онҳоро баён кард. Аз ҷумла зикр гардид, ки соли гузашта як қатор қонун ва қарорҳо оид ба соҳаи ҳифзи муҳити зист ва экология баррасӣ ва қабулу тасдиқ гардид, ки қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мониторинги экологӣ», «Дар бораи аудити экологӣ», «Дар бораи иттилооти экологӣ» аз ҷумлаи онҳо мебошанд. Инчунин Кодекси ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва «Дар бораи ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда» дар таҳрири нав қабул шуда, мавриди истифода қарор гирифт.

Ҳамкории кумита бо ташкилотҳои байналмилалӣ ва кишварҳои хориҷӣ мунтазам вусъат меёбад. Бо ташаббуси кумита як қатор чорабиниҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Экспедитсияи якуми комплексии байналмилалӣ дар болооби дарёҳои Вахш ва Панҷ, конфронс дар мавзӯи «Тағйирёбии иқлим ва хавфи офатҳои табиӣ дар минтақаҳои кӯҳистон» ва семинар «Оид ба масъалаҳои имкониятҳои рушди ҳифз ва идоракунии устувори олами ҳайвоноту набототи Помир» гузаронида шуданд.

***Б. КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

## Ҳолати роҳҳо хуб шуд, лек садамаҳо афзуд

Тоҷикистон кишвари кӯҳсорон аст ва маҳз кӯҳҳо сарзаминашро ба водиҳо ҷудо кардаанд. Алоқа байни водиҳо ба воситаи роҳҳо сурат мегирад. Бунёди роҳҳо дар шароит ва иқлими кӯҳсор корест бағоят душвор. Аммо ба ҳамаи душвориҳо нигоҳ накарда, имрӯз Ҳукумати кишвар саъй дорад роҳҳои мавҷуда таҷдид ва роҳҳои нав кушода гардида, ба ин васила алоқа, рафтуомад ба тамоми манотиқи кишвар бе душворӣ ва тамоми фасли сол вуҷуд дошта бошад, аз ҷумла ба хориҷи кишвар низ. Баҳри амалӣ шудани чунин ниятҳои нек алҳол дар асоси якчанд лоиҳа роҳҳои нақлиётгард таҷдиду бозсозӣ мегарданд.

Тавре директори иҷроияи Маркази татбиқи лоиҳаи роҳҳо Мухтор Неъматов зимни нишасти матбуотӣ зикр намуд, татбиқи як қисм лоиҳаи бунёду таҷдиди роҳҳо ба марҳилаи ниҳоӣ расидааст. Баъзе лоиҳаҳо бошад, акнун оғоз меёбанд. Чунончӣ, татбиқи лоиҳаи беҳтар намудани ҳолати роҳи минтақавии Душанбе – Турсунзода - сарҳади Ӯзбекистон ба ин қатор шомил аст.

- Татбиқи лоиҳаи таҷдиди роҳи нақлиётгарди Душанбе - Қулма, қитъаи Душанбе – Данғара яке аз муҳимтарин лоиҳаҳо барои иқтисодиёти Тоҷикистон ба шумор меравад, - гуфт М.Неъматов. - Ҳоло дар ин қитъа бунёд ва сохтмони нақби «Чормағзак», пулҳо ва хобондани қубурҳои обгузар идома дорад. Ягона иншооте, ки дар доираи татбиқи лоиҳаи роҳи Душанбе – Чанак боқӣ мондааст, сохтмони нақби «Шаҳристон» маҳсуб меёбад.Дар ин ҷо корҳои сохтмонӣ босуръат идома дорад. Корҳои бозсозӣ дар нақби «Истиқлол» ҳам оғоз ёфт.

Ба суолҳои намояндагони воситаҳои ахбори омма посух гуфта, М.Неъматов аз эшон хоҳиш намуд, ки тариқи расонаҳо ба диққати ронандагон расонанд, то ин ки дар роҳҳои таҷдидшуда суръати нақлиётро зиёд накунанд. Пиёдагардҳо ҳангоми убури роҳ боэҳтиёт бошанд.

***Т.ДАВЛАТ,***
***«Садои мардум»***

Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон Мӯмин Шарипов зимни нишасти матбуотӣ барои рӯзноманигорон изҳор дошт, ки донишгоҳ ягона муассисаи махсусгардонидашудаи тахассусии ҷумҳурӣ дар соҳаи иқтисодиёту тиҷорат маҳсуб меёбад.

## Робитаҳои байналмилалии донишгоҳ густариш меёбад

Шумораи донишҷӯёни донишгоҳ 5165 нафарро ташкил медиҳад, ки аз ин миқдор 2314 нафарашон дар шӯъбаи рӯзона таҳсил намуда, 12 нафарашон донишҷӯёни хориҷӣ мебошанд.

Бахши магистратураи донишгоҳ аз соли 2007 инҷониб фаъолият дорад, ки дар ин ҷо аз рӯйи шаш ихтисос магистр тайёр мекунад ва то имрӯз 36 нафар магистрантон онро хатм карданд. Фаъолияти маркази тестӣ, комплексҳои озмоишгоҳҳои нави илмӣ-таълимии молшиносӣ ва экспертизаи молҳо, технологияи хӯроки омма, маркази омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва бонкӣ бо техникаю таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз аст.

Бо ташаббуси роҳбарияти донишгоҳ 17 июли соли 2011 дар донишгоҳ конференсияи байналмилалӣ роҷеъ ба мавзӯи «Робитаҳои байналмилалии мактабҳои олӣ: таҷриба, имкониятҳо ва татбиқи низоми кредитии таҳсилот» бо мақсади ворид шудан ба фазои ягонаи таҳсилот ва 22 декабри соли 2011 семинари ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Роғун: сарчашма, воқеият, ҳолат, таъмини амнияти энергетикӣ ва иқтисодӣ» баргузор шуд.

Мӯмин Шарипов ҳамчунин иброз намуд, ки робитаҳои байналмилалии донишгоҳ сол аз сол густариш ёфта, бо беш аз 50 муассисаи таълимии олии кишварҳои ИДМ, Аврупо ва Амрико ҳамкорӣ ба роҳ мондааст. Айни замон 30 нафар устодон бо мақсади сайқал додани маҳорати касбӣ ва 24 нафар донишҷӯёни болаёқат барои идомаи таҳсил дар донишгоҳҳои ин кишварҳо мебошанд.

***Муҳаммад ЗОКИР,***
***«Садои мардум»***

## Донишгоҳ дар ҷодаи рушд собитқадам аст

-Донишгоҳи давлатии тиббӣ Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино ягона муассисаи олии таълимии тиббӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, байни дигар мактаби олии кишвар нуфузи бештареро соҳиб мебошад. Аз ин рӯ, бо дарки масъулият, раёсати донишгоҳ баҳри татбиқи дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, вобаста ба беҳтар намудани сатҳу сифати таълиму тарбия дар мактабҳои олии кишвар, ки аз суханрониҳояшон зимни вохӯриҳо бо омӯзгорон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бармеоянд ва инчунин, бо назардошти вазифагузориҳои мушовараи вазоратҳои маорифу тандурустӣ ва қарорҳои шӯрои олимон, ҷараёни таълиму тарбияро дар донишгоҳ пайваста зери назорат қарор дода, ҷиҳати амалӣ намудани мақсадҳои наҷиб аз имкониятҳои мавҷуда самаранок истифода мебаранд, -гуфт зимни сухани ифтитоҳиаш дар нишасти матбуотӣ узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ректори донишгоҳ Убайдулло Қурбонов. -Дарсазхудкунии донишҷӯён, бо назардошти натиҷаи супоридани ҳар як фан дар алоҳидагӣ, ки дар давраи имтиҳоноти зимистонаи соли гузашта 86,2 фоиз буд, дар давраи имтиҳоноти имсола ба 90,1 фоиз баробар шудааст. Ҳамзамон таҳлили давраи имтиҳонотӣ нишон дод, ки донишҷӯёне, ки имтиҳонҳоро танҳо бо баҳои «аъло» ва «хубу аъло» супоридаанд, 39 фоизро (2087 нафар) ташкил медиҳад.

Дар нишасти матбуотӣ ҳамчунин иттилоъ гирифтем, ки давоми соли 2011 дар донишгоҳ 60 чорабинии илмӣ, фарҳангӣ ва маърифатӣ баргузор гардидааст.

***М. ДАЛЕР,***
***«Садои мардум»***

## Вазорат татбиқи барномаҳои соҳавиро тақвият бахшид

Зимни нишасти матбуотӣ вазири фарҳанг Мирзошоҳрух Асрорӣ иброз дошт, ки «Мулоқоти анъанавии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо зиёиёни кишвар, Ҷашни байналмилалии Наврӯз, Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту-2011», Фестивали байналмилалии театрҳои касбии «Наврӯз-2011», Фестивал-симпозиуми байналмилалии «Шашмақом», Фестивали ҷумҳуриявии кӯдакону наврасони ҳунарманд «Сапеда», Намоиши байналмилалии китоб, Рӯзҳои фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, маросими ботантанаи ба истифода додани толор ва эҳёи арғунун дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷашни Ваҳдати миллӣ, ифтитоҳи рамзҳои давлатӣ – Парчами миллӣ ва Нишони давлатӣ, Амфитеатр дар Боғи Ирам, таҷлили ҷашни пуршукӯҳи таърихии 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Фестивали ҷумҳуриявии «Чакомаи гесӯ», Рӯзи Парчами миллӣ ва монанди ин чорабиниҳои бузурги фарҳангӣ ба раванди таҳкими эҳсоси ватандорӣ ва афзун гардидани эътибори кишвар дар арсаи байналмилалӣ заминаҳои таконбахш ба вуҷуд оварданд».

Ҳамзамон маълум гашт, ки татбиқи марҳила ба марҳилаи барномаҳои «Компютеркунонии муассисаҳои таълимии соҳаҳои фарҳанг ва санъат барои солҳои 2007-2010, «Рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015», «Рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2008-2015», «Рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015», «Рушди ҳунарҳои бадеии халқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015», «Компютеркунонии муассисаҳои нашриявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2013» идома дорад.

Ҳамчунин вазир афзуд: «Дар ин давра Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби гузаронидани экспертиза ва назорати аз Ҷумҳурии Тоҷикистон берун баровардан ва ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани сарватҳои фарҳангӣ» ба тасвиб расид. Дар ҳамин радиф «Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ барои солҳои 2012-2020» тасдиқ гардид.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

## Мушкилиҳо ба дастовардҳо монеа нашуданд

То оғози нишасти матбуотӣ, ки дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Ҳисор бо иштироки намояндагони воситаҳои ахбори омма доир намуданд, хабарнигорон тавонистанд бо маълумотнома оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳия дар соли 2011 шинос шаванд. Ин буд, ки узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси ноҳияи Ҳисор Баҳриддин Солиҳов нишастро аз суолу ҷавоб оғоз намуд.

Аён гардид, ки дар соли 2011 рушди соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёти ноҳия марҳила ба марҳила таъмин гардида, боиси боло рафтани сатҳи некӯаҳволии сокинони он шудааст.

Қисми даромади буҷети ноҳия 43 миллиону 882 ҳазору 388 сомониро ташкил дод, ки 102 фоизи нақшаро дар бар мегирад.

Баҳриддин Солиҳов гуфт, ки номусоидии обу ҳавои соли 2011 ба майдони зироат ва боғу токзори хоҷагиҳо зарари ҷиддӣ расонид, аммо сарфи назар аз ин, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти умумии кишоварзӣ 332 миллиону 618 ҳазор сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2010-ум 32 миллиону 625 ҳазор сомонӣ зиёд аст.

То 15 январи соли 2012 хоҷагиҳои кишоварзӣ дар майдони 10 ҳазор гектар шудгори тирамоҳӣ гузарониданд, ки беш аз 80 фоизи дурнаморо ташкил медиҳад.

Дар рафти нишаст роҳбарияти ноҳия бори дигар ёдовар шуданд, ки Ҳисори шодмон таърихи қадиму бисёрҳазорсола дорад. Ҳамин буд, ки Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни сафари кории худ ба ноҳияи Ҳисор (моҳи октябри соли 2011) бори дигар аз таърихи куҳани ин диёр ёдовар шуда, супориш доданд, ки ба ҷашни се ҳазорсолагии Ҳисор омодагии ҷиддӣ бубинанд. Мавриди зикр аст, ки соли 2011 барои шиносоӣ бо таърихи Ҳисор 11 ҳазору 980 нафар меҳмонон, аз ҷумла 1527 нафар меҳмонони хориҷӣ, ба ин мавзеъ ташриф оварданд.

***З. МУҲАММАД,***
***«Садои мардум»***

Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода дар нишасти матбуотӣ иброз дошт, ки соли гузашта ба ин мақомот 754 муроҷиати шаҳрвандон ворид шуда буд. Арзу шикоятҳо бештар оид ба муҳокимаи одилонаи судӣ, муносибати кормандони мақомоти прокуратура ва корҳои дохилӣ, ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ мансуб буданд. Аз 26 муроҷиат доир ба шиканҷа 5-тои он исбот гардид.

## Чорабиниҳои судманд оид ба ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандӣ андешида шуданд

Ҳоло дар чор минтақаи ҷумҳурӣ (шаҳрҳои Турсунзода, Қӯрғонтеппа, Хуҷанд ва ноҳияи Айнӣ) қабулгоҳҳои ҷамъиятӣ фаъолият доранд.

Аввалин маърӯзаи Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шуд, ки он 58 номгӯйи тавсияҳоро дар бар мегирад. Стратегияи мақомоти мазкур барои солҳои 2011-2015 таҳия ва қабул шуд, ки дар он самтҳои афзалиятноки он нишон дода шудааст.

Доир ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар минтақа ва Федератсияи Россия чорабиниҳои судманд андешида мешаванд. Семинари минтақавӣ дар шаҳри Душанбе бо қабули «Эъломияи Душанбе» ва таъсис додани Шӯрои минтақавии ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон, таъсис додани Ассотсиатсияи ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони АвруОсиё дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон, вохӯрӣ бо ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсони Федератсияи Россия дар шаҳри Москва ва вилояти Свердловск ва ба имзо расидани Созишномаи ҳамкорӣ аз ҷумлаи чунин чорабиниҳо ба ҳисоб меравaнд.

***М. АЪЗАМ,***
***«Садои мардум»***

## Соли 2011 беш аз 6 ҳазор оила ҷудо шудааст

Раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Сумангул Тағоева доир ба фаъолияти солонаи кумита маълумот дода, аз ҷумла зикр намуд, ки дар ин давра 576 аризаи хаттӣ ва 950 муроҷиати шифоҳии шаҳрвандон ба қайд гирифта шудааст.

Дар соли 2011 Маркази таълимии «Чароғи ҳидоят»- и кумита ба шаҳрвандони корафтода 928 маслиҳати ҳуқуқӣ, 545 маслиҳати равоншиносӣ додааст. Инчунин бо иқдоми кумита дар ин давра ба нӯҳ нафар занони ниёзманд ройгон ёрии тиббӣ расонида шуд.

Бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» аз 29 майи соли 2010 таҳти № 269, «Дар бораи таъсиси грантҳои президентӣ оид ба фаъолияти соҳибкории занон барои солҳои 2011-2015» аз 2 апрели соли 2011 таҳти рақами 185 кумита якҷоя бо Донишкадаи такмили ихтисоси хизматчиёни давлатии Раёсати хизмати давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон курси омӯзишӣ таҳти унвони «Зан- роҳбар»-ро доир намуд.

- Ҳоло дар сохторҳои давлатӣ 4 ҳазору 493 нафар занон ифои вазифа доранд, - гуфт ӯ. Мавсуф ҳамчунин зикр намуд, ки тибқи маълумоти омории Идораи сабти асноди ҳолати шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷумҳурӣ давоми соли 2011-ум 94618 никоҳ ба қайд гирифта шуда, 6 ҳазору 797 оила ҷудо шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 672 адад зиёд мебошад.

- Давоми соли сипаришуда ҷиҳати бо ҷойҳои кори доимӣ таъмин намудани занон ва духтарон кумита бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ярмаркаи ҷойҳои кори холӣ гузаронид, ки дар натиҷа 2 ҳазору 591 нафар занон соҳиби ҷойи кор шуданд,- гуфт дар поёни нишаст С. Тағоева.

***Фирӯза ҲАБИБУЛЛОЕВА,***
***«Садои мардум»***

Зимни нишасти матбуотие, ки дар Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, вазири молия Сафаралӣ Наҷмуддинов доир ба фаъолияти соҳа давоми соли гузашта муфассал ба хабарнигорон маълумот дод. Минҷумла зикр гашт, ки дар ин давра ҳаҷми Маҷмӯи Маҳсулоти Дохилӣ 30,1 млрд. сомониро ташкил дода, афзоиши воқеии он ба 7,4 фоиз баробар гардидааст.

## Дефитсит ба профитсит табдил ёфт

Гардиши савдои хориҷӣ 4,4 млрд. доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2010-ум 115,4 фоиз зиёд мебошад. Ҳиссаи содирот дар гардиши савдои хориҷӣ 28,3 фоиз ё 1,2 млрд. доллари амрикоӣ, ҳиссаи воридот 71,7 фоиз ё 3,2 млрд. доллари амрикоӣ мебошад.

Индекси нархҳои истеъмолӣ, яъне меъёри таваррум, дар соли 2011- ум 9,3 фоизро ташкил дод. Ба сатҳи таваррум, пеш аз ҳама омилҳои берунӣ, аз ҷумла афзоиши нархи озуқаворӣ ва сӯзишворӣ дар бозори ҷаҳонӣ ва инчунин боло рафтани нархи хизматрасониҳо сабаб гардиданд.

Сафаралӣ Наҷмуддинов мӯътақид аст, ки сарфи назар аз таъсири омилҳои берунӣ ва монеаҳои сунъӣ, сиёсати фискалӣ (андозу буҷет) дар сатҳи устувор нигоҳ дошта шуд. Масалан, тавозуни буҷети давлатӣ барои соли сипаригардида бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад (дефитсит) ба маблағи 301,0 млн. сомонӣ тасдиқ карда шуда бошад ҳам, хушбахтона он бо профитсит, яъне барзиёдии даромад нисбат ба хароҷот ба маблағи 215,0 млн. сомонӣ ҷамъбаст гардид.

Ҳаҷми даромади Буҷети давлатӣ 8,5 млрд. сомониро ташкил дода, иҷрои он 101,5 фоиз таъмин гардид, ки ин нисбат ба нақша 250 млн. сомонӣ ва назар ба соли 2010-ум 1,9 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.

***Д. МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

## Номҳои ғайритоҷикӣ зиёданд

Додихудо Саймуддинов - раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки «Яке аз масъалаҳои муҳими ташаккул ва рушди забони давлатӣ таҳияи лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» мебошад. Дар иртибот ба ин, мутобиқи дастуру ҳидояти Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон дар кумита барои таҳияи лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» аз ҷумлаи олимони забоншинос гурӯҳи корӣ таъсис шуд. Гурӯҳи корӣ зимни 20 ҷаласа дар соли 2010 ва нӯҳ ҷаласа дар соли 2011 лоиҳаи нави «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ»-ро таҳия ва баррасӣ намуд. Лоиҳаи мазкур барои мувофиқа ба Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, институтҳои илмию тадқиқотӣ ва донишгоҳу донишкадаҳои кишвар ирсол гардида, мутобиқи пешниҳодҳои ин муассисаҳо такмил дода шуд. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011 таҳти рақами 458 «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» тасдиқ гардид».

Аз суханронии номбурда иттилоъ гирифтем, ки дар асоси дастуру супоришҳои Сарвари давлат кумита барои таҳияи «Барномаи стратегияи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016» вазифадор гардидааст. Барномаи мазкур бояд рушди устувор ва ҳадафмандонаи забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ дар умури сиёсиву иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ таъмин намояд. Аз ин рӯ, кумита, бо назардошти хусусиятҳои байнисоҳавии Барномаи мазкур, гурӯҳи кориро аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳои марбута, пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ ва кафедраҳои забони тоҷикии донишгоҳу донишкадаҳо таъсис додааст.

Масъулин ҳамчунин иброз доштанд, ки кумита номгузории кӯчаю хиёбон, шаҳраку деҳот, ҷамоату маҳалла ва шаҳру ноҳияҳоро мавриди омӯзиш қарор дод. Муайян гардидааст, ки дар шаҳри Душанбе 28 фоиз, вилояти Суғд 39 фоиз, вилояти Хатлон 27 фоиз, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 13 фоиз ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 17 фоизи номҳо ғайритоҷикӣ мебошанд. Баъди баррасии ҳамаҷониба ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳру ноҳияҳо барои иваз намудани чунин номҳо тавсияҳо пешниҳод шудааст.

***Далер МЕРГАНОВ,***
***«Садои мардум»***

● Аз фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ

# ТОҶИКОБОД ИМКОНИ БЕШТАРИ ИСТЕҲСОЛИ КАРТОШКАРО ДОРАД

***Бо мақсади дар амал татбиқ намудани супоришу дастурҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод аз имконияту воситаҳо пурсамар истифода мебаранд. Бухусус мардуми ноҳия соли гузаштаро бо нишондиҳандаҳои хуб ҷамъбаст намуданд.***

- Ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон меҳвари чорабиниҳо барои мардуми ноҳия буд. Онҳо ин ҷашни бузургро бо дастовардҳои шоистаи меҳнатӣ дар сатҳи баланди сиёсию фарҳангӣ таҷлил намуда, бо шукӯҳи тамом истиқбол гирифтанд. Воқеан, дар даврони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ин гӯшаи дурдасти ватанамон, ки дар гузашта як деҳаи аз назарҳо дурафтодаро мемонд, куллан тағйир ёфт. Бо таваҷҷуҳ ва ғамхории Сарвари давлат Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сокинони ноҳия ба дастовардҳои арзанда ноил гардиданд, - гуфт дар сӯҳбат раиси ноҳия Ҳусейн Алиев.



Дар шароити кунунӣ яке аз воситаҳои ғанӣ гардонидани буҷет сари вақт иҷро намудани нақшаҳои пардохти андоз мебошад. Нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои андоз якҷоя бо андозҳои иҷтимоӣ соли 2011-ум 2 млн. 345,9 ҳазор сомониро ташкил дод, ки иҷрои он ба маблағи 2 млн. 437 ҳазор сомонӣ ё баробари 103,9 фоиз таъмин гардида, нақшаи ҳамаи намудҳои андоз иҷро шуданд.

Шумораи шахсони ҳуқуқӣ ба 162 нафар ва шахсони воқеӣ, ки ба соҳибкории инфиродӣ машғуланд, ба 203 нафар расидааст. Бо зиёд гардидани шумораи соҳибкорон нисбат ба соли 2010-ум 21,6 ҳазор сомонӣ бештар андоз ҷамъоварӣ гардид. Кишоварзӣ соҳаи асосӣ ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Соли гузашта истеҳсоли ғалладона ва лӯбиёгӣ ба 4995 тонна расид. Мутаассифона, хушку бебориш омадани тирамоҳу зимистон ва баҳори гузашта ба сабзиши мӯътадили ғалла таъсири ногувор расонд. Натиҷаи ҳамин буд, ки назар ба соли 2010 истеҳсоли ғалла 805 тонна кам гардид. Тамоюли камшавии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар дигар бахшҳои истеҳсолӣ дида намешавад. Аз ҷумла назар ба соли 2010 истеҳсоли зироатҳои техникӣ, сабзавот, мева афзоиш ёфта, зиёдтар аз 73 тонна зироатҳои техникӣ, 2720 тонна сабзавот, 3431 тонна мева истеҳсол гардид.

Барои рушди картошкакорӣ Сарвари давлат назди деҳқонони ноҳияҳои кӯҳистон вазифаҳои мушаххас гузоштааст. Барои иҷрои дастуру супоришҳои Сарвари давлат дар ноҳия тадбирҳои зиёде ба ҷо оварда шуд. Инро мо дар мисоли афзоиши майдони кишти картошка мушоҳида карда метавонем. Дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ дар 1086 гектар ё нисбати соли 2010 -ум 439 гектар зиёдтар кишти ин зироат гузаронида шуда, дар натиҷа истеҳсоли картошка 24550 тоннаро (4496 тонна аз соли 2010 зиёд) ташкил дод.

Тибқи дастуру тавсияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи дурнамо бояд истеҳсоли картошка дар ноҳияи Тоҷикобод ба 30000 тонна расонида шавад. Бинобар ин, баҳори соли 2012 на камтар аз 40 фисади заминҳои обӣ ба кишти картошка банд карда мешаванд.

Барои иҷрои ӯҳдадории дар назди Сарвари давлат гирифта омодагӣ дида мешавад. Дар ҳамин асос нақшаи чорабиниҳо низ таҳия ва қабул намудаем, - гуфт дар идомаи сӯҳбат раиси ноҳия Ҳусейн Алиев.

Барои рӯёнидани ҳосили фаровони картошка ва дигар зироатҳо таъмир ва омода намудани иншооти обрасон мадди назари кормандони корхонаи хоҷагии оби ноҳия қарор дорад. Ноҳия дорои захираи фаровони об бошад ҳам, вале бинобар кори номураттаби каналҳо дар қисме аз деҳаҳо танқисии об мушоҳида мешавад.

Қаблан идораи хоҷагии оби ноҳия аз ҷониби Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешуд. Каналу ҷӯйборҳо аз ин ҳисоб сари вақт таъмир гашта, техника низ самаранок истифода мешуд. Минбаъд ин хароҷот аз ҷониби истифодабарандагони об пардохта мешавад.

Корҳои барқароркунӣ соли 2011 ба маблағи 9700 сомонӣ дар канали Себистон анҷом дода шуд. Дар асоси дархости мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия аз ҷониби Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмири каналҳои Дараи Нушор ва Фатҳобод соли 2012 қисман маблағ ҷудо карда шавад ҳам, вале ин мушкилоти ҷойдоштаро рафъ сохта наметавонад. Қарзи напардохтаи ҳаққи истифодаи об дар соли 2011 ва солҳои пешин ба 120 ҳазор сомонӣ расидаст.

Фаъолияти корхонаи фаръии таъмир ва сохтмони каналҳо қаноатбахш нест. Лозим меояд барои фаъол сохтани корхонаи мазкур дар мувофиқа бо Вазорати мелиоратсия ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон чора андешида шавад.

Эҳтиёҷоти аҳолӣ ба қитъаи замини наздиҳавлигӣ ҳис мешавад. Бо ин мақсад Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2011 таҳти № 177 «Дар бораи гирифтан ва ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияи Тоҷикобод додани қитъаи замин» ба тасвиб расид, ки мардуми ноҳия аз ғамхории бевоситаи Сарвари давлат сипосгузоранд.

Мувофиқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ноҳияи Тоҷикобод 272,50 гектар замин ҷудо гардида, тақсимоти замин тавассути комиссияи ҷамъиятӣ ба оилаҳои ниёзманд идома дорад.

Соли гузашта ҷиҳати ҷалби инвеститсия барои маблағгузории соҳаҳои хоҷагии халқ кӯшиш ба харҷ дода шуд. Татбиқи лоиҳаи «Хати оби нӯшокии деҳаи Полезак» бо маблағи 43 ҳазор доллари амрикоӣ ё 190 ҳазору 490 сомонӣ аз ҳисоби Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид анҷом ёфт.

Аз ҳисоби Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар ноҳия ташхисгоҳ-лабораторияи касалиҳои сил сохта шуд. Бо маблағгузории Сафорати Япония дар назди мактаби миёнаи рақами 8-уми деҳаи Сари пул сохтмони 6 синфхонаи иловагӣ бо маблағи 482 ҳазор сомонӣ идома дошта, дар арафаи Ҷашни байналмилалии Наврӯз ба истифода супорида мешавад.

Бобати беҳбудӣ бахшидан ба вазъи соҳаи маориф тадбирҳои муҳим амалӣ карда мешаванд. Мактабҳо дар давраи зимистон бо ангишт ва ҳезум таъмин гардиданд.

Ҷиҳати бартараф намудани норасоии муаллимони соҳибхтисос, сохтмон ва азнавсозии мактабҳо, таҷҳизонидани таълимгоҳҳо бо ашёҳои таълимӣ, ки масъалаҳои ислоҳталаби соҳаанд, солҳои охир тадбирҳои амалӣ андешида мешавад. Дар деҳаҳои баландкӯҳи Кӯҳдоман, Оби Сафед, Ғуломон ва ба номи А. Қаландаров сохтмони биноҳои мактабҳои ибтидоӣ анҷом ёфта, дар арафаи ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба истифода супорида шуданд. Сохтмони мактаби дуошёна дар деҳаи Нушор идома дорад.

Маҷлиси вакилони халқи ноҳия аз 36 нафар вакилон иборат буда, 7 нафари онҳоро занон ташкил медиҳанд. Маҷлиси вакилони халқи ноҳия дар доираи талаботи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» фаъолияташро пеш бурда, 7 комиссияи доимӣ мувофиқи Дастур ва Низомномаи Маҷлиси вакилони халқи ноҳия амал менамояд. Корбарии комиссияҳои доимӣ низ фаъолтар мегардад. Қариб дар ҳамаи иҷлосияҳои Маҷлиси вакилони халқи ноҳия комиссияҳои доимӣ оид ба соҳаҳои дахлдори хоҷагии халқи ноҳия масъала пешниҳод намуда, муҳокима менамоянд.

Мардуми меҳнатқарини ноҳияи Тоҷик-обод 15-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ, 20-солагии Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки имсол ботантана таҷлил мешаванд, бо меҳнати арзанда истиқбол мегиранд.

***А. МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум»***

# КИТОБ-КАЛИДИ ГАНҶҲО

**Тавре маълум аст, Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон барои рушди фаъолияти китобдорӣ ва баланд бардоштани мақоми китобхонаҳо таваҷҷуҳи зиёд мекунад. Ҳукумати мамлакат соли 2005 дар ин ҷода ду санади муҳими давлатӣ –«Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» ва «Барномаи рушди Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Фирдавсӣ барои солҳои 2006-2015»-ро қабул карда, барои иҷрои ин барномаҳо ҷудо гардидани 8 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст.**

**Татбиқи амалии ин барномаҳо чӣ гуна ҷараён мегирад? Барои ба ин савол ҷавоб гирифтан хабарнигори мо бо фаъолияти китобхонаҳои шаҳри Ваҳдат шинос шуда, бо директори Китобхонаи мутамарказонидашудаи шаҳр Дилбар Мирзоева сӯҳбат орост.**

**-Шумо чанд сол боз сарварии махзани маърифатро бар ӯҳда доред?**

-Ман солҳои зиёд ҳамчун омӯзгор дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1-и шаҳри Ваҳдат фаъолият доштам. Инак, шаш моҳ инҷониб директори китобхонаҳои системаи мутамарказам.

**-Ба фикри шумо масъулияти омӯзгорӣ баланд аст ё китобдорӣ?**

-Китобдор ҳам чун омӯзгор рисолати тарбия ва маърифатнокгардонии инсонро дорад. Чӣ омӯзгор ва чӣ китобдор бояд чунин вазифаи бузурги хешро дар ҷомеа ба хубӣ дарку эҳсос намоянд.

**-Вазъи феълии китобхонаҳои шаҳр чӣ гуна аст?**

-Дар қаламрави шаҳри Ваҳдат 47 китобхона, аз он ҷумла як китобхонаи марказӣ, ҳафт китобхонаи шаҳрӣ, ду китобхонаи бачагона, 37 китобхонаи ҷамоатҳои деҳот ба аҳолӣ хизмат мерасонад.

Фонди умумии китоби махзанҳои маърифат 183461 адад буда, шумораи хонандагон 13240 нафарро ташкил медиҳад. Давоми соли гузашта махзани китобии мо бо 338 номгӯй адабиёти нав пурра гардид. Бо кӯшиши китобдорони китобхонаҳои мутамарказонидашудаи шаҳр дар махзанҳои маърифатӣ, таълимгоҳҳо ва дигар ҷойҳои ҷамъиятӣ барои тарбияи насли наврас, бедор намудани ҳисси ватандӯстии ҷавонон чорабиниҳои гуногун гузаронида шуд.

Аз ҷумла доир ба моҳият ва амалишавии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» мудирони китобхонаҳои №17 -Гулсимо Холова, №25 -Соткин Турдиматов, №14- Фаризат Азизова, №2 -Азизгул Назирова, №29 -Ашӯргул Абдуллоева бо шогирдони мактабҳо, сокинони деҳотҳо, раисони маҳаллаҳо, муаллимону духтурон вохӯриҳо ташкил намуданд. Барои дар сатҳи баланд гузаронидани 100-солагии шоири номдори сулҳпарвари тоҷик Мирзо Турсунзода қариб дар ҳама филиалҳои китобхона маҳфилҳои адабӣ ва намоиши китоб доир гардид. Дар Қасри фарҳанги шаҳр кормандони китобхонаи марказӣ таҷлили ин ҷашни бошукӯҳро хеле хотирмон гузарониданд, ки дар он намояндагон аз Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр ва адибони шинохта ширкат варзиданд. Доир ба ин санаи муҳим 25 конференсияи илмӣ-адабӣ баргузор шуд. Ба муносибати рӯзи Артиши миллӣ, Рӯзи Модар низ чорабиниҳои пуршукӯҳ доир гардид. Ҳафтуми апрели соли 2011 дар доираи чорабинии анъанавии ҷумҳуриявӣ дар толори Қасри фарҳанги шаҳр «Ҳафтаи китоби кӯдакон ва наврасони Тоҷикистон» баргузор гардид. Кормандони китобхонаи марказӣ китобҳои бачагонаро ба маърази тамошо гузоштанд. Бахшида ба 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон 17 апрели соли гузашта Рӯзҳои фарҳанги шаҳри Ваҳдат дар шаҳри Душанбе барпо гардид. Умуман, доираи чорабиниҳои дар соли ҷашни Истиқлолият баргузорнамудаи китобхонаҳо хеле васеъу пурмазмун буд.

**-Оё фаъолияти кормандони китобхонаҳо чӣ дар шаҳр ва чӣ дар деҳот, ба талаботи рӯз мувофиқ аст?**

-Барои тафтиши ҳуҷҷатдорӣ, пешбурди кори китобхонаҳо кормандони китобхонаи марказӣ дар филиалҳои китобхона рейдҳо ташкил намуданд. Маълум гардид, ки дар филиали №2 деҳаи Ромит (мудираш С. Назирова), китобхона-филилаи №10 (мудираш Г. Ибодова) кор нисбатан хуб ба роҳ монда шудааст, аммо фаъолияти китобхонаи №1-и деҳаи Ваҳдатобод (мудираш Ҷ. Яқубова) ба ягон талаботи замон ҷавобгӯ нест. Аз ҷиҳати санитарӣ низ китобхона дар ҳолати бад қарор дорад. Мудири китобхона ягон нақша-чорабинӣ бахшида ба ҷашнҳо пешниҳод карда натавонист.

Барои санҷиши иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №238 аз 2 июли соли 2005 «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди фаъолияти китобдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» бо кори филиалҳои №4, деҳаи Симиганҷ (мудираш З.Буриева), №6 деҳаи Фариштӣ (китобдор Г. Сафарова) ва филиали №38 деҳаи Тангаӣ (китобдор Т. Олимова) шинос шудем.

Санҷиш нишон дод, ки барномаи мазкур дар ягон филиалҳои номбаршуда ҳалли худро наёфтааст ва ҳатто нақша - чорабинӣ тартиб надодаанд. Вале дигар ҷиҳатҳои кори китобхонаҳо, аз қабили нигаҳдории фонди китоб, картотекаҳо, карточкаҳои хонандагон, ороиши китобхонаҳо хуб буд.

**-Барои ҷалби одамон ба китобхонӣ ва китобхонаҳо чӣ гуна тадбирҳо андешида мешавад?**

-Ташкили чорабиниҳо, аз ҷумла баргузории конфронсу семинарҳо, намоишҳои китоб, маҳфилҳои адабӣ аз ҷумлаи роҳҳои самарабахши ҷалби оммаи васеъ ба китоб мебошад. Дар робита тибқи нақшаи омодагӣ ба ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон конференсияи илмиву назариявӣ таҳти унвони «Фархунда бод Истиқлоли тоҷик»-ро гузаронидем, ки хеле хотирмон буд.

Бахшида ба Рӯзи китоб дар толори Қасри фарҳанг бо иштироки шоирони диёр Нуриддин Амриддин, Низомиддин Давлатзода ва рӯзноманигор Амруллоҳ Забиров ҷамъомади бошукӯҳе доир шуд.

Ҷашнвораҳои «Иди Мавлавӣ», Иди забони модарӣ ва Рӯзи Ҳофиз низ судманд ва ҷолиб гузашт. Дар ҷашнвораи Рӯзи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон кормандони китобхонаи марказӣ бо намоиши китобии «Конститутсия- роҳнамои мо» иштирок намуданд.

Бо мақсади дар амал ҷорӣ намудани сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тарғиби китоб филиали №17 (китобдор Н.Ҳалимова) таҳти унвони «Китоб ганҷи бебаҳост» дар маҷлисгоҳи Ҷамоати деҳоти Гулистон маҳфили адабӣ гузаронд. Дар маҳфил раиси Ҷамоати деҳоти Гулистон Фотима Табарова, занҳои фаъолу пешқадам, омӯзгорон, раисони маҳаллаҳо, дастаи ҳаваскорони ҷамоат иштирок доштанд. Маҳфил дар сатҳи баланд гузашта, фишурдаи он тариқи радиои «Садо»-и шаҳрамон пахш гардид.

Китобдорони мо баробари фаъолият дар махзанҳои китоб, ба нафақахӯрон, маъюбоне, ки хоҳиши мутолиаи китоб доранд, дар хонаҳояшон хизмат мерасонанд. Чанде пеш рӯзномаи шаҳрии «Шаҳриёр» арзи миннатдории собиқадори Ҷанги Бузурги Ватанӣ, мӯйсафеди 86 -сола аз деҳаи «Тиллои сафед» Мирзо Холовро нисбати ғамхориҳои китобдори филиали №17, Ҷамоати деҳоти Гулистон Нисо Ҳалимова чоп кард, ки боиси сарбаландии мост.

**-Имрӯз фаъолияти китобдорӣ ва китобхонаҳоро чун маркази расонидани маълумоту иттилоот бе техникаю технологияи замонавӣ, бахусус компютерҳо, тасаввур кардан мумкин нест. Китобдорони шумо оё аз компютер истифода мебаранд?**

- Воқеан, имрӯз корманди китобхона бояд аз дониши замонавӣ, истифодаи компютер бархӯрдор бошад. Баъзе китобдорони мо аз курсҳои омӯзиши компютерӣ гузаштаанд, вале теъдоди онҳо ҳанӯз хеле кам аст. Илова бар ин, алҳол китобхонаҳои мо бо компютер таъмин нестанд. Дар китобхонаи марказӣ ҳамагӣ як компютер мавҷуд аст. Роҳбарияти шӯъбаи фарҳанг ва Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр аз ин масъала огоҳ ҳастанд ва боварӣ дорем, ки вақтҳои наздик таъминоти китобхонаҳо бо компютер ва дигар асбобу таҷҳизоти зарурӣ хубтар мешавад. Ҳамзамон имсол хушхабаре гирифтем, ки китобхонаи мо ба бинои мувофиқтаре мекӯчад ва дар он ҷо шароити кору хизматрасонӣ беҳтар хоҳад гардид.

Китоб калиди ганҷҳои зиёд аст. Одамон ҳар чӣ қадар зиёд китоб хонанд, маънавиёташон ҳамон қадар бой мегардад. Инсони донишманд, соҳибилм бошад, ҳамеша соҳибэҳтирому ба ҷомеа нафърасон аст. Пас, мо, китобдорон, рисолати бузург дорем, ки роҳҳои донишандӯзиро ба мардум нишон медиҳем.

***Мусоҳиб***
***Бурҳониддин КАРИМЗОДА,***
***«Садои мардум»***

## Фаъолона бояд саҳмгузорӣ кунем

Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси васеи Ҳукумати мамлакат доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2011- ум ва вазифаҳо барои соли 2012 дар Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо иштироки фаъолони вилоят ҷамъомад доир гардид. Раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал дар назди иштирокчиёни ҷамъомад суханронӣ намуда, таъкид намуд, ки иҷрои вазифаҳои бамиёнгузоштаи Сарвари давлат барои соли 2012 ба таъмини ҳадафҳои стратегӣ ва таҳкими соҳибистиқлолии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Аз ин рӯ, ҳар яки мо вазифадорем, ки дар иҷрои онҳо саҳми фаъол гузорем.

***Д.СУЛТОНОВ,***
***«Садои мардум»***

## БЕЗАРАРСОЗИИ МИНТАҚАҲОИ ХАВФНОК ИДОМА ДОРАД

Ҳолати хатарнокии минаҳо соли 2011, аз ҷумла дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Ӯзбекистон ҳанӯз сатҳи баланд дорад. Ҳодисаҳои таркиши минаҳо ва муҳимоти нотаркида дар ҷануби кишвар тасдиқ менамоянд, ки сатҳи хатарнокӣ дар ин минтақаҳо низ паст нест. Хатар асосан ҳангоми зироаткорӣ, чорводорӣ, ҷамъоварии ҳезум, алафдаравӣ, бозии кӯдакон ва дигар машғулиятҳои саҳроии аҳолии ин минтақаҳо таҳдид менамояд.

Мутобиқи маълумоти мавҷуда, аз соли 1992 инҷониб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз таркиши минаҳо ва муҳимоти нотаркида 470 нафар маҷрӯҳ шуда, 364 нафар ҳалок гаштааст, ки зиёда аз 30 фоизи онҳо кӯдакон мебошанд.

Соли гузашта 5 нафар шаҳрванди Тоҷикистон (2 нафараш кӯдак) ва 1 нафар шаҳрванди Босния ва Герсоговина (мушовири техникии ташкилоти КМН) ба таркиши минаҳо гирифтор шуданд, ки аз онҳо 2 нафарашон ҳалок ва 4 нафарашон маҷрӯҳ гардиданд.

Бевосита бо масъалаҳои тадқиқот ва безараргардонии минаҳо дар Тоҷикистон созмонҳои байналмилалии безарарсозии башардӯстона -Фонди Швейтсарӣ оид ба Безараргардонии Минаҳо (ФШБМ) ва намояндагии ташкилоти Кӯмаки мардуми Норвегия (КМН) дар Тоҷикистон ва инчунин Дастаи поксозии башардӯстонаи минаҳои Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул мебошанд.

Дар 41 минтақаи хатарноки 6 ноҳия, аз ҷумла дар ноҳияҳои Панҷ, Шӯрообод, Шаҳритус, Қумсангири вилояти Хатлон ва Рӯшону Дарвози Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон амалиёти тадқиқоти техникӣ ва поксозии минаҳо гузаронида шуданд.

Соли 2011 ҳамагӣ 38 майдон ва аз оғози Барнома 87 майдони хатарнок пурра аз минаҳо тоза карда, барои истифода супорида шуданд. Ҳудуди ноҳияи Рӯшони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон пурра аз мина тоза карда шуд.

Гурӯҳҳо дар соли 2011 масоҳати зиёда аз 2 млн. метри мурабба ва аз оғози Барнома зиёда аз 8 млн. метри мураббаъ заминро тафтиш ва тоза карданд.

Аз оғози Барнома ҷамъулҷамъ 20837 дона минаи зидди пиёдагард, 34 адад минаи зиддитанкӣ, 5,098 дона муҳимоти нотаркида, 502 дона бомбаи кассетӣ, 15,1 кг моддаи тарканда ва 23909 дона тирҳои силоҳи сабук пайдо ва нобуд карда шуданд.

Дар доираи Барномаи кӯмак ба ҷабрдидагон низ кори назарас анҷом дода шуд. Дар Маркази ортопедии шаҳри Душанбе ба 25 шахси аз мина зарардида кӯмак расонда шуд. Дар беморхонаҳои гуногуни Вазорати тандурустӣ 17 нафар маҷрӯҳони минаҳо бо хизмати тиббӣ ва офиятбахшии дарозмуддат таъмин гардиданд.

Зимни сӯҳбат мутахассиси Маркази Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо Шаҳринисо Давлатова гуфт, ки айни ҳол дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон ва минтақаи марказӣ тақрибан 9 миллион метри мураббаъ майдони минакоришуда боқӣ мондааст ва имсол безарарсозии минтақаҳои хатарноки боқимонда идома хоҳад ёфт.

***М. АЪЗАМ,***
***«Садои мардум»***

● Зикри хайр

# ДАР СИНАҲОИ МАРДУМИ ОРИФ МАЗОРИ МОСТ

***Дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – шаҳри Хоруғ, дар қатори дигар фарзандони барӯманди диёр, ходимони давлатӣ ва сиёсӣ нимпайкараи Маҳмадулло Абдуллоев –яке аз абармардони диёри Ванҷ низ гузошта шудааст, ки бештар аз бист сол сарварии ин диёри зебо ва пурганҷро ба ӯҳда дошт. Симои базеби ориёна, ақлу заковати Худодод, донишу ҷаҳонбинии васеъ, дурандешӣ ва ба мардум ҳалиму меҳрубон будан, дар вартаҳои гуногуни рӯзгор худро гум накардан ва ҳалли мушкилотро пайдо намудан дар ниҳодаш ба андозае буд, ки басе кам аз сарварон чунин хислатҳои ҳамидаро доштанд.***



Ман ҳамчун рӯзноманигор бо ин марди оқил борҳо вохӯрдаам ва бисёр ҳодисоту воқеоти рӯзҳо ва солҳои умри азизашонро қадри ҳол медонам. Дар бораи тарҷумаи ҳоли ӯ гапи бисёре гуфтанӣ нестам. Бисёр ҳарф намезанам, аз он ки ин родмард дар Ҷамоати деҳоти Водхуд ба дунё омада, кадомин солҳо мактабҳои олии омӯзгорӣ ва ҳизбиро хатм кардаасту чӣ қадар вақт дар Кумитаи ҳизби коммунисти вилоят кор карда, сипас тайи чанд муддат котиби дуюм ва якуми Кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Ванҷ буд. Танҳо ҳаминро гуфтаниам, ки ин марди наҷиб тамоми умри пурбаракати хеш, дороии ақлу заковати худро баҳри ободӣ ва шукуфоии ноҳияи Ванҷ, беҳбудии рӯзгори мардуми ин диёр бахшид ва дар ин амалҳои некӯи худ ба ҳадаф расида, комёб гардид.

Оре, ҳамин қобилияти фавқулодда, меҳру муҳаббати ватандориаш буд, ки Маҳмадулло Абдуллоев то тавонист Ванҷро обод карда, ба мақсади наҷибонаи худ расид.

Вақте ки ӯ ба ҳайси роҳбари аввали ноҳия ба курсии мансаб нишаст, хуб дарк кард, ки ояндаи ноҳияи Ванҷ рушди боғдорӣ мебошад, вале бо ҳамон дарахтони нимёбоии бобоӣ деҳқонон ба бозор роҳ ёфта наметавонанд. Аз ин хотир, аз водии Рашту ноҳияи Мӯъминобод ҳазорҳо бех ниҳолони себу ноки хушнавъ оварданд. Боғистонҳоро дар Рохарву Бунай, Убару Даргову Рав, Техарву Водхуд ва деҳоти сероби Ванҷобу Язгуломоб бунёд карданд. Имрӯз садҳо тонна себу ноки шаҳдборе, ки Ванҷро дар саросари кишвар номдор кардааст, маҳз аз боғистонҳои бунёдкардаи рӯзгори роҳбарии котиби якуми ҳизби коммунисти ноҳия Маҳмадулло Абдуллоев мебошанд, зеро баъди ӯ дар Ванҷ бо чунин андоза зиёд боғистонҳои калони дигаре то ҳанӯз бунёд накардаанд.

Дар даврони роҳбарии ин сарвари пухтакор ба таълиди корхонаҳои саноатӣ низ дар Ванҷ ибтидо гузошта шуд. Заводи истеҳсоли тахтасангҳои мармари сафед дар мавзеи Пайшанбеобод ба кор даромад ва маҳсулоти хушсифати он –мармари сафед дар Иттиҳоди Шӯравӣ шӯҳрат пайдо кард. Дар маркази ноҳия нерӯгоҳи барқи обӣ сохта шуд, ки чилу панҷ сол боз ба мардум хизмат мекунад. Дар он рӯзгорон ба ҷониби маскани ҷойгузини лозурҳо ва ҳамчунин ба деҳоти дурдасти Пойи мазору Ванван, Пшихарву Жамаг роҳҳои мошин бароварда шуд. Ҳоло нақлиёти автомобилӣ аз ҳамин роҳҳо гузар дорад. Он айём чандин кӯпрукҳо, аз қабили пулҳои наздикии Дашти Язгулом, Бунай, Хаспо, Змахсум сохта шуданд. Даштҳои Сурхсангов, Язгулом, Хумроғӣ, Бовуд, Баравн тариқи каналҳо ва насосҳои дизелӣ обёрӣ гаштанд. Ба саросари қариб ҳамаи ноҳия, аз ҷумла аз Рохарв ба Язгулом ва аз Дарвоз ба Ванҷ, хати барқ кашиданд. Дар бисёр деҳаҳо биноҳои нави мактабҳо, хонаҳои фарҳангӣ, клубу китобхонаҳо, беморхонаи марказӣ ва дар деҳаи Мотравни водии Язгулом касалхонаи минтақавӣ сохтанд. Дар канори маркази ноҳия биноҳои дуошёна қомат рост карда, макони нави аҳолинишин пайдо гардид.

Борҳо ба андеша рафта, ба худ савол медиҳам, ки оё барои як одам чунин бунёдкориҳоро ба ҷо овардан дар умри кӯтоҳи инсонӣ басанда нест. Мехостам ҳамчунин ҷавобе ба баъзе ашхоси бешарафе, ки аз камхирадӣ мегӯянд, ки роҳбарони пешинаи ноҳия Сайфиддин Раҷабову Маҳмадулло Абдуллоев барои Ванҷ чӣ кардаанд, бигардонам. Вале аз чунин шахсон низ бояд бипурсем, ки онҳо барои ҷомеа чӣ кореро анҷом додаанд, ки ба сари дигарон санги маломат ҳаво медиҳанд.

Магар онҳо намедонанд, ки дар як ҳадиси Пайғамбари гиромӣ гуфта шудааст: «Гузаштагонро ба бадӣ ёд макун, ки суде надорад».

Тайи бист соли роҳбари аввали ноҳия буданаш Маҳмадулло Абдуллоев баҳри мардум хизмат карда, комбинати пурқуввати хизматрасонии маишӣ созмон дод, ки дар Бадахшон он айём беҳтарин буд ва кормандони ин муассиса дар чорсӯи Ванҷ баҳри мардум хонаву дару тирезаи зебо месохтанд. Вай барои хонаводааш дар айёми роҳбариаш қаср ва хонаи боҳашамат насохт, чун дигарон манзили истиқоматии оддие рост кард, ки аз кошонаи ҳамсоягонашон фарқе надорад. Ба мисли ҳама мезист, аз карру фар ва худнамоӣ дур, марди фурӯтане буд, ки дабдабаву зиёдаравиро дӯст намедошт, хоксор буд.

Як хислати хуҷастаи дигараш ҳамчун зиёии ҳақиқӣ дар он зоҳир мешуд, ки аҳли адаб ва олимонро хеле дӯст ва гиромӣ медошт. Ҳар гоҳе ки чунин шахсиятҳо ба ноҳияи Ванҷ меомаданд, ӯ онҳоро ба сайри боғистони бинокардаи худ, дарёҳои Ванҷобу Язгуломоб, ҷангалистонҳо ва деҳоти зебо ва сабзгуни домони пиряххои Федченко- Хирсон ва Кашолаях, ба марказҳои геологнишин мебурд. Адибону олимон Мӯъмин Қаноат, Басир Расо, Раҳим Масов, Одил Нодиров, Муҳаммадҷон Хоҷаев, Ҳайдаршо Пирумшоев ва дигаронро хеле дӯст медошт.

Роҳбари ноҳияи Ванҷ Маҳмадулло Абдуллоев тайи солҳои 1967-1988 ҳамчунин қарзи аввалиндараҷаи хеш медонист, ки дар ҳаққи ҷавонон ғамхор бошад. Шоҳгадо Иброҳимов, собиқ муовини раиси Кумитаи иҷроияи ноҳия нақл мекунад, ки ин марди дурандеш ҳар вақте ба шаҳри Душанбе мерафт, аз ҳоли донишҷӯёни ванҷие, ки дар мактабҳои олӣ таҳсил доштанд, хабар мегирифт. Ба онҳо кӯмак мерасонид, даъваташон менамуд, ки баъди хатми донишгоҳҳо ба зодгоҳашон баргарданд, зеро мутахассисон он вақтҳо намерасиданд. Беҳтарин хатмкунандагони ин даргоҳҳои маърифатро бебокона ба корҳои масъулиятнок пешбарӣ мекард, ки ҳоло ҳам дар ҳудуди вилоят ва кишвар пурсамар кор мекунанд.

Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қодири Қосим он солҳо яке аз мутахассисони ҷавоне буд, ки дар тарбияи ӯ Маҳмадулло Абдуллоев саҳми босазо дорад. Қодири Қосим ҳоло пандномаҳои устодашро хуб ба ҷо меорад ва баҳри рушду пешрафти Бадахшон азму ҷадал дорад.

Раиси имрӯзаи ноҳия Амрихудои Дамдор низ худро аз дастпарварони Маҳмадулло Абдуллоев медонад. Вай низ кору пайкори ӯро идома бахшида, мақсад дорад, ки бо кӯмак ва дастгириҳои Сардори давлат, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоят ва ҳиммати баланди сокинони банангу номуси ин диёри подомони лозурҳои азаматро дар ҳақиқат ба «Ванҷи ману ганҷи ман» табдил диҳанд.

Шодравон Маҳмадулло Абдуллоев ду рукни пур аз ҳикмати одамиятро, ки бузургонамон талқин кардаанд – фарзандони солеҳро тарбия карда, ба воя расонидан ва аз худ боғе бунёд сохтанро аз будаш ҳам зиёд ба ҷо овард. Писару духтарони хеле боиродa ва боҳурматро калон кард. Писаронаш Хуршед, Ҷамшед ва Умедро нағз медонам, ки ҷони одам ҳастанд, ҳар яке аз онҳо дар касбу ҷодаҳои гуногун ба халқу ватан садоқатмандона нафъ мерасонанд. Алалхусус фарзанди калонӣ Хуршед аз пайраҳаи падари бузургвораш гузар дорад ва муҳандисест, ки дар Тоҷикистони азиз ба бунёдкорӣ сарукор дошта, иншооти зиёдеро ҳам дар шаҳри Душанбе, вилоятҳои Суғду Хатлон ва водиҳои Ҳисору Рашт сохтааст. Ҳоло бошад, дар Ванҷ, диёре, ки як вақтҳо қиблагоҳаш роҳбар буд, ба ободкорӣ машғул аст ва дар сохтмони яке аз калонтарин варзишгоҳҳо дар Бадахшон, ки бо дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори 20-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон сохта шудааст, фаъолона иштирок намуд. Кору амалеро, ки падари бузургвораш оғоз карда буд, идома медиҳад.

Ҷоиз ба зикри алоҳида аст, ки барои заҳматҳо ва ранҷҳои кашидааш дар шаҳри Хоруғ барои Маҳмадулло Абдуллоев нимпайкара гузоштаанд, инчунин дар маркази ноҳияи Ванҷ кӯчаеро, ки кошонаи хоксоронааш дар сари он воқест, ба исмаш номгузорӣ шудааст. Аз ҷониби Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия пешниҳоде ҳаст, ки дар оянда яке аз деҳоти ноҳия ба номи Маҳмадулло Абдуллоев гузошта шавад. Ба замми ҳамаи ин, боз қадршиносии аз ҳама баланд ва арзанда ин ҳурмату эҳтиром ва ёдовариест, ки шогирдон, ҳамкорон ва кулли мардуми Бадахшон ба ин роҳбар ва инсони наҷиб баъди вафоташ ҳам доранд. Аз ин қадршиносии бузургтаре нест. Ба қавли шоир:

***Баъд аз вафот турбати мо дар замин маҷӯй,***
***Дар синаҳои мардуми ориф мазори мост.***

***Сироншоҳи ДИЛОВАР,***
***рӯзноманигор***

*Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» бо дастгирии бевоситаи яке аз пешсафони низоми бонкии мамлакат –ҶСК «Агроинвестбонк» таъсис ёфта, зиёда аз 53 фоизи саҳмияҳои он ба ин бонки бонуфуз тааллуқ дорад. Саҳмияҳои боқимондаро Ассотсиатсияи ташкилоти хурди молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёр дорад. Чанде пеш дар фаъолияти ин ташкилот рӯйдоди фараҳбахш ба вуқӯъ пайваст, ки ба андешаи коршиносони умури иқтисод, метавонад бахри вуруди бештари сармояи хориҷӣ ба бахшҳои гуногуни иқтисоди мамлакат кӯмаки амалӣ расонад. Сухан сари он аст, ки Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» миёни бонкҳо ва ташкилотҳои хурди қарздиҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин шуда баҳодиҳии (рейтинги) молиявии байналмилалиро бомуваффақият гузашта, соҳиби баҳои категорияи BB гардид. Бо назардошти он ки омили мазкур рӯйдоди муҳим маҳсуб меёбад, бо мутахассиси варзидаи низоми бонкӣ, узви Шӯрои директорони ташкилоти фавқуззикр, сардори Идораи хавфҳои бозорӣ ва амалиётии Дирексияи идоракунии хавфҳои ҶСК «Агроинвестбонк» Маҳмадӣ Ёқубов сӯҳбате доир намудем, ки моҳият ва ҳадафи дастоварди мазкурро бозгӯ менамояд.*

**-Маҳмадӣ Неъматуллоевич, дастёбӣ ба баҳодиҳии (рейтинги) молиявии байналмилалӣ ба Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» чӣ бартарӣ медиҳад ва ҳадафи асосии ин иқдом чӣ аст?**

- Ҳадафи иқдоми мазкур фароҳам овардани заминаи мусоид ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ба мамлакат маҳсуб ёфта, ҳамзамон барои боз ҳам боло рафтани обрӯву манзалати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамояд. Барои Ташмисли «Микрофинанза Рейтинг», ба мӯътадилии вазъи сиёсиву иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фароҳам будани шароити сармоягузорӣ барои фаъолияти ташкилоти молиявӣ аст.

**-Вобаста ба натиҷаҳои баҳодиҳии зикршуда ташкилот соҳиби категорияи BB шудааст. Моҳияти категорияи мазкурро чӣ гуна шарҳ метавон дод?**

-Қобили зикр аст, ки зимни гузаштани баҳодиҳии молиявии байналмилалӣ, вобаста ба раванди фаъолият, ба ташкилотҳо категоpoс менамоем. Ахиран, давоми як ҳафта фаъолияти ташкилот бевосита мавриди омӯзиш қарор гирифта, сипас категорияи зикршуда муносиб дониста шуд.

**-Ташкилот муваффақ шудааст, ки бо доштани ҳамагӣ 700000 доллари амрикоӣ сармоя тӯли фаъолияташ зиёда аз 3 миллион доллари амрикоӣ қарз ҷалб намояд. Омилҳои мусоидаткунандаи ин комёбӣ кадомҳоанд?**

-Ҷоиз ба зикр аст, ки кӯмакрасони нахустини мо дар ин ҷода саҳмдори асосии ташкилот –ҶСК қарзӣ ду маротиба зиёд гашта, хизматрасонии он 53 шаҳру ноҳияҳои мамлакатро фаро гирифтааст. Дар маҷмӯъ, аз шурӯъи фаъолият инҷониб Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ба ташкилотҳои маблағгузории хурд зиёда аз 13,7 миллион сомонӣ қарз пешниҳод намудааст.

**-Пешниҳоди қарз чӣ гуна сурат мегирад?**

- Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» бевосита ба мизоҷон қарз намедиҳад, зеро тибқи тартиби муайяншуда, Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» маблағҳои қарзиро ба ташкилоти хурди қарзӣ, ки асосан дар манотиқи дурдасти кӯҳистони ҷумҳурӣ фаъолият доранд, медиҳад ва онҳо дар навбати худ ба мизоҷон пешниҳод менамоянд. Чунин тарзи кор якчанд бартарӣ дорад. Аввалан, омили мазкур ба муназзамиву пурмаҳсулии фаъолияти ташкилотҳои хурди қарзкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» бошад, роҳ барои фаъолияти густурда боз мешавад. Ба ибораи дигар, минбаъд сармоягузорони хориҷӣ метавонанд бо ташкилоти мазкур бе дудилагӣ ва омӯзиш, ки вақти зиёдро талаб мекунад, ҳамкорӣ намоянд.

● Иқтисод

# ЭЪТИРОФ ДАЛЕЛИ ЭЪТИМОД АСТ

## ҶСП Ташкилоти амонатӣ-қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ»аз аввалинҳо шуда баҳодиҳии (рейтинги) молиявии байналмилалиро бомуваффақият гузашт

**-Баҳодиҳии фавқуззикр аз ҷониби кадом муассиса амалӣ шудааст ва он дар арсаи байналмилалӣ то чӣ андоза мақому манзалат дорад?**

-Дар робита ба Агентии байналмилалии баҳодиҳии (рейтингии) «Микрофинанза Рейтинг», ки баҳодиҳии (рейтинги) молиявии байналмилалии Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» аз ҷониби он амалӣ гардид, бояд гуфт, ки он бахши яке аз ширкатҳои мӯътабари байналмилалӣ маҳсуб ёфта, қароргоҳи марказиаш дар шаҳри Милани кишвари Италия мустақар аст. Агентии мазкур соли 2000-ум таъсис ёфта, бо 480 баҳодиҳӣ (рейтинг) дар 60 кишвари олам яке аз фаъолон ва ботаҷрибатаринҳо маҳсуб меёбад. Муассисаи мазкур мустақил буда, самти фаъолияташ танҳо баҳодиҳӣ( рейтингро) фаро мегирад. Ҷоиз ба зикр аст, ки намояндагиҳои он дар тамоми манотиқи олам, аз ҷумла ИДМ мавҷуданд.

Эътироф гардидани Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» далели эътимоди ташкилотҳои бонуфузи баҳодиҳии (рейтингии) молиявӣ, ба рияҳо муносиб дониста мешаванд. Номгӯйи онҳо 10-то буда, ҳар яке сатҳу сифати муассисаи мавриди баҳодиҳӣ қарордоштаро бозгӯйӣ менамояд. Категорияи BB, ки Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ба он сазовор дониста шуд, аз шумори категорияҳои миёна буда, дар худ афзоиши мусбии нишондиҳандаҳои фаъолиятро дар ҳама ҷанбаҳо ва устувории онҳо таҷассум намудааст.

Барои ташкилоте, ки ҳамагӣ собиқаи дусолаи фаъолият дорад, он баҳои мусбӣ маҳсуб ёфта, аз ин пас шароит фароҳам меояд, ки сармоягузорон ба сармояи ташкилот ворид шаванд ва ё дар муқоиса ба сармояи он аз 3 то 5 маротиба зиёдтар қарз диҳанд. Ҳамзамон омили мазкур далели возеҳи шаффофияти фаъолияти он арзёбӣ мегардад. Ҷоиз ба зикр аст, ки барои ноил гаштан ба ин дастовард мо ҳудуди як сол бо агентии «Микрофинанза Рейтинг» гуфтушунид доштем.

Сипас, ҳуҷҷатҳои лозимиро ба забони англисӣ баргардон ва ирсол намудем, ки ҳудуди се моҳ онҳоро мутахассисони агентии зикршуда мавриди баррасии амиқу ҳамаҷониба қарор доданд. Ба ғайр аз ин, кормандони агентӣ бо масъулини Бонки миллии Тоҷикистон, мизоҷон, аудиторон, аъзои Шӯрои директорон ва ҳайати кормандони ташкилот бевосита вохӯрда, андешаҳои онҳоро низ ба инобат гирифтанд. Бо истифода аз фурсати муносиб, ба ҳамаи онҳо барои кӯмаки беғаразонаашон арзи сипос менамоем. ...«Агроинвестбонк» маҳсуб меёбад. Маҳз ба шарофати дастгирии ҶСК «Агроивестбонк», ки ба ташкилот қарз ва ду кафолатро ҷиҳати гирифтани қарз аз дигар муассисаҳои молиявӣ дод, фаъолияти он густариш ёфт.

Сипас, ин иқдомро бонкҳои дигар, аз ҷумла ҶСК «Ориёнбонк», аввалин бонки молиявии хурди Тоҷикистон ва «Access Bahk –Тоҷикистон» дастгирӣ намуданд. Моҳи марти соли 2011 ташкилот аввалин қарзи хориҷиро аз муассисаи молиявии «TripIe Jump» ба мӯҳлати се сол дастрас намуд. Гуфтан бамаврид аст, ки алъон Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» дар амалинамоии се лоиҳаи байналмилалӣ дар манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ саҳмгузор аст.

Инҳо лоиҳаҳои «Рушди манотиқи кишоварзии Тоҷикистон», ки бо дастгирии ICCO, «Рушди ташкилотҳои маблағгузории хурд дар вилояти Суғд» бо дастгирии UNDP (DFID) GIZ ва «Дастгирии соҳибкорони ҷавон дар шаҳру ноҳияҳои Данғара, Исфара ва Ҳисор бо дастгирии Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд. Чанде пеш ташкилот бо Агентии рушди Амрико (ЮСАИД) ҷиҳати мавриди амал қарор додани лоиҳаи «Дастгирии хоҷагиҳои деҳқонии оилавии вилояти Хатлон» ба мувофиқа расид.

Дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои оғози фаъолият, яъне (соли 2009) айни замон дороиҳои ташкилот чор маротиба ва сандуқи диҳӣ дар минтақаҳо мусоидат менамояд. Сониян, чунин шеваи фаъолият дастрасии бештари шаҳрвандонро дар минтақаҳои дурдаст ба захираҳои қарзӣ таъмин месозад. Гуфтан бамаврид аст, ки аз оғози фаъолият инҷониб аз Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ба 16 чунин ташкилот 60 қарз пешниҳод гардидааст. Ба ғайр аз ин, ба 8 ташкилоти хурди қарздиҳӣ барои гирифтани қарз аз дигар муассисаҳои молиявии байналмилаливу ватанӣ 23 маротиба мусоидат намудааст.

Бемуболиға метавон гуфт, ки маҳз ба шарофати роҳандозӣ намудани ҳамкорӣ бо Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» ва баҳраварӣ аз кӯмаку дастгириҳои он фаъолияти ин қабил ташкилотҳои хурди қарздиҳӣ хеле беҳтар шудааст. Зикр намудан бамаврид аст, ки ҶСК «Агроинвестбонк» ва Ассотсиатсияи ташкилоти хурди молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсис додани Ташкилоти амонатӣ- қарзии хурди «Боварӣ ва Ҳамкорӣ» дар иҷрои Барномаи давлатии паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи таъмини дастрасии сокинони минтақаҳои дурдасти мамлакат ба маблағҳои қарзӣ саҳми босазо гузоштанд.

**-Ба шумо барои сӯҳбати самимӣ арзи сипос менамоям.**

-Саломат бошед.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## Мулоқоти судманд дар шаҳри Москва

Чанде пеш вохӯрии вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гул Шералӣ бо муовини раиси ҶСК «Газпром» В. А. Голубев ва мутахассисони ҷамъияти мазкур баргузор гардид. Дар рафти вохӯрӣ масъалаи ҳамкориҳо дар доираи Созишнома оид ба принсипҳои умумии гузаронидани омӯзиши геологии қаъри замин дар майдонҳои ояндадори нафту гази Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 10 июни соли 2008 ба имзо расидааст, баррасӣ гардид. Аз ҷумла доир ба вусъат бахшидан ба корҳои сейсмо-иктишофӣ дар майдонҳои Шоҳамбарии ғарбӣ, итмоми корҳо дар майдони Саргазон, ҳар чӣ зудтар ба анҷом расонидани корҳои пармакунӣ дар чоҳи №1 Сариқамиш, инчунин ворид намудани таҷҳизот, лӯлаҳо ва таҷҳизоти пармакунӣ ибрози назар карда шуд.

Дар доираи сафари мазкур вохӯрии вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо раиси ҶСП «Зарубежнефтегаз» В.Л. Гулев баргузор гардид. Вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро сипас раиси ҶСК «Газпром» А. Б. Миллер ба ҳузур пазируфт. Зимни ин мулоқот А. Б. Миллер изҳори итминон намуд, ки мулоқоти имрӯза барои амалӣ гардидани масъалаҳои дар рафти вохӯрии ӯ бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН ва вазири энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи декабри соли 2010 суратгирифта мусоидат хоҳад кард.

***Б. ИСМАТУЛЛОҲ, «Садои мардум»***

## Ҷилди аввал омодаи чоп аст

Тавре маълум аст, аз 21 то 30 сентябри соли 2010 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил гузаронида шуд. Нашри расмии натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил баъди коркарду таҳия ва омода гардидан дар 10 ҷилд чоп мешавад. Дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба нашри расмии натиҷаҳои барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010 аз ҳисоби намояндагони вазорату идораҳо гурӯҳи корӣ таъсис ёфтааст.

31 январи соли ҷорӣ ҷаласаи навбатии гурӯҳи корӣ баргузор гардид.

Директори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бахтия Муҳаммадиева зимни сухани муқаддимавӣ аз ҷараёни коркард ва таҳияи мавод барои нашрҳои расмӣ оид ба натиҷаҳои барӯйхатгирӣ маълумот дода, гуфт, ки ҷилди аввали нашри расмии «Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010» ба чоп омода гардидааст. Ин ҷилд имрӯз манзури аъзои гурӯҳи корӣ гардонда, баъди баррасию дарбаргирии фикру мулоҳизаҳо чоп карда мешавад.

Сипас, сардори Раёсати барӯйхатгирии аҳолӣ Зебо Исмоилова ҷилди аввали нашри расмии «Барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2010»-ро муаррифӣ намуд. Ин ҷилд зери унвони «Шумора ва ҷойгиршавии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ду забон (тоҷикӣ ва русӣ) ба табъ мерасад. Он иборат аст аз муқаддима ва бахшҳои «Тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ дар ҷумҳурӣ (ба ҳолати 21 сентябри соли 2010)», «Шумораи аҳолии мавҷуд ва доимӣ дар вилоятҳо, ноҳияҳо, маҳалҳои шаҳрӣ, маркази ноҳия ва маҳалҳои аҳолинишин бо аҳолии 5 ҳазор нафар ва зиёд», «Таносуби аҳолии шаҳр ва деҳот дар шумораи умумии аҳолии доимии вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон». Дар бахшҳои алоҳида аз рӯйи шумораи аҳолӣ, шаҳрҳо, ноҳияҳо, ҷамоатҳои деҳот ва деҳаҳо гурӯҳбандӣ карда шудааст.

Дар бахши охир тавзеҳоти методологӣ ҷой дода шудааст.

Зебо Исмоилова ҳамчунин оид ба ду ҷилди минбаъдаи нашри расмии барӯйхатгирӣ, дарбаргирии мавод ва бахшҳои муайянгардида маълумот дод.

Дар ҷараёни баррасии мавзӯи зикршуда ва дар қисмати охири ҷаласа аъзои гурӯҳи корӣ барои мукаммал гардидани нашри расмӣ фикру мулоҳиза ва пешниҳодҳои худро баён карданд.

***Б. КАРИМЗОДА, «Садои мардум»***

## ВУСЪАТИ ФАЪОЛИЯТ ҶОЙҲОИ НАВИ КОРРО ФАРОҲАМ МЕОРАД

Тибқи иттилои аз котиботи Вазорати энергетика ва саноати ҷумҳурӣ дастрасгашта, ҶДММ корхонаи муштараки «Зарафшон» соли 2011 ба маблағи 315683,3 ҳазор сомонӣ маҳсулот истеҳсол намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 25128,0 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бошад 1329 кг тилло, 243 кг нуқра ва 94,954 тонна хокаи мисро ташкил намуд.

Ширкати кӯҳӣ- саноатии «Зиҷин»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой соли 2007 пас аз харидани саҳмияҳои ҶДММ корхонаи муштараки «Зарафшон» зиёда аз 78,8 млн доллари ИМА маблағгузорӣ намудааст, ки он асосан барои иваз намудани техникаву таҷҳизоти кӯҳии кӯҳнашуда, барои харидории техникаи нав, ворид намудани дастгоҳ ва технологияи муосир ва маводҳои истеҳсолӣ сафарбар карда шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки айни ҳол дар корхона сехҳои ба навъҳо ҷудокунанда, оҳакбарорӣ, истеҳсоли оксиген, истеҳсоли маҳсулоти оҳак, поксозии тилло ва нуқра ва майдони ишқоронидани ғарам ва ғайра амал мекунад, ки дар онҳо зиёда аз 1975 нафар коргарон кор мекунанд.

Айни замон асосноккунии техникӣ-иқтисодии (АТИ) кони Ҷилав таҳия шуда истодааст, ки дар натиҷаи он сохтмони фабрикаи нав бо иқтидори коркарди 10000 тонна маъдан дар як шабонарӯз бо маҷмӯи партовгоҳҳо ба нақша гирифта шудааст.

Бо амалӣ шудани ин лоиҳаҳо ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот то соли 2016 ба 1,2 млрд сомонӣ хоҳад расид. Аз ин ҳисоб ҷойҳои нави корӣ таъсис ёфта, қисми воридотии буҷет якчанд маротиба меафзояд.

***Далер МЕРГАНОВ, «Садои мардум»***

## Афзоиши истеҳсоли мебел дар корхонаҳои пойтахт

Корхонаҳои мебелбарории шаҳри Душанбе соли 2011 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро афзун гардонида, ба маблағи зиёда аз 5 млн. 795,7 ҳазор сомонӣ маснуоти мебелӣ истеҳсол карданд.

Дар ин комёбӣ ҳиссаи корхонаҳои ҶСП «Интермебел», ҶММ «ИИ Империя», ҶММ «Тоҷикмебел», ҶММ «Тоҷик Турк Тиҷорат» калон аст.

Чуноне аз котиботи Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ доданд, корхонаҳои зикргардида истеҳсоли ҷевонҳо барои гузоштани китоб, ҷевончаҳои наздикатӣ, ҷевон барои либос, мизҳои корӣ, мизҳо барои компютер, мизу курсиҳои мактабӣ, катҳои гуногунҳаҷм ва дигар намуди маснуоти мебелиро ба роҳ мондаанд.

● Шамъи хотира

# ЗАФАРПЕША

**Ёде аз Сафаралӣ Зарифов, он бузургмарде, ки 32 сол вазифаи раисии собиқ колхози ба номи Шаталови ноҳияи Кӯлобро (ҳоло Кооперативи истеҳсолии ба номи Сафаралӣ Зарифови шаҳри Кӯлоб) ба ӯҳда дошт. Ӯ тавонист тавассути заҳмати самаровару зафаровари хеш дар дилу дидаи аҳли меҳнат ошёни меҳру муҳаббати ҷовидона бунёд намояд.**

## Фарзандони камҳавсалаи раисони номдор



-Додар, агар вақту имконатон бошад, аз шумо як хоҳиш дорам,- пас аз салому алейк ба сухан оғоз намуд сармуҳандиси шӯъбаи кишоварзии минтақаи Кӯлоб Аҳмад Сафаров, ки қаблан бо ӯ вобаста ба иҷрои вазифаҳои хеш ошноӣ доштам.

Аз акаи Аҳмад пурсони хоҳишашон шудам ва ӯ сухани хешро идома дода гуфт:

-Падарам дар оғози соли равон 100- сола мешавад, мехостам аз кору зиндагиаш ягон мақолае менавиштед,- кӯтоҳакак ҷавоб дод ҳамсӯҳбатам.

-Падаратон дар зиндагӣ чӣ кора буданд?- аз акаи Аҳмад пурсон мешавам.

Ин навбат ҳам ба суолам посухи кӯтоҳе дода, гуфт, ки барои ба асли воқеият ошноӣ пайдо намудан, бояд ба манзили падариашон рафта, он ҳуҷҷатҳои маҳфузмондаи қиблагоҳашонро тагурӯ намоем.

- Бале,ба рафтан розиям, вале танҳо акнун мефаҳмам, ки шумо фарзанди ҳамон раиси номдор Сафаралӣ Зарифов ҳастед. Дигарбора боварӣ ҳосил намудам, ки шумо, фарзандони раисони номдори вақт, аксаратон эркаю нозбардор ба воя расида, оқибат аз онҳо ҳамин танбалию камҳавсалагиҳоро «мерос» гирифтаед.

Барояш қиссаи тӯли 10 сол бо ранҷҳои зиёд рӯйи чоп овардани романи «Калиди бахт»-ро ҳикоят намудам, ки асари мазкур аз зиндагии раиси номдори Миралӣ Маҳмадалиев ҳикоят мекард. Қисса чунин буд:

Соли 2000 бо амри тасодуф огаҳӣ ёфтам, ки нависандаи музофотӣ Гурез Мирзошоев ҳашт сол муқаддам дунёро падруд гуфтааст. Аз ин хабари нохуш дар навбати аввал дилам ба заҳматҳояш сӯхт, зеро раҳматӣ сари ҳар вохӯрӣ оид ба эҷоди романи ба Миралӣ Маҳмадалиев бахшидааш дурудароз арзи дил мекард. Шодравон дар зиндагӣ ҳаёти хеле фақирона дошт. Хуллас, бо нияти аёдат ба хонааш омада, вақти хайрухуш фарзандони ӯ, бо умеди рӯйи чоп овардани заҳматҳои падари ормониашон, ҳамаи дастхатҳои се китоби ӯро ба ихтиёрам доданд...

Бобои Миралиро моҳе пеш аз фавташон дар бистари маризӣ дарёфта, ӯро аз мазмуни роман огаҳ намудам ва бобои раис он ҳама ҳолату ҳодисаҳои дар асар таҷассумёфтаро бо оби чашму ишораи сар тасдиқ намуданд. Баъдтар бо талошҳои зиёд, аз он дастхатҳои зардшудаю рангпаридаи солҳо дар сандуқ хобидаи нависанда ду китоб ба табъ расид, ки дар чопи яке аз онҳо, яъне романи «Калиди бахт» нависандаи кӯҳансолу нобино Азизи Авзалзода ранҷу машаққати зиёд ба харҷ дод. Танбалию бетарафии фарзандони ин раиси номдор, ки қиблагоҳашонро замони рӯйи кор будан як қисм аз роҳбарони аввали ҷумҳурӣ падари маънавӣ меҳисобиданд, ҳангоми давуғечҳои бесобиқаамон бо мақсади рӯйи чоп овардани романи «Калиди бахт», хеле хуб мушоҳида шуд.

Ҳамин гуна муносибатро айни омодаю рӯйи чоп овардани мақолаи ба раиси овозадори Кӯлоб Ҳаким Бобоев бахшида низ ҳис намуда будам, вале дигар намедонам, ки ҳамон навиштаи банда, зери унвони «Умри хеш сарфи саодати мардум кард» ба дасти ҳамсари азизи раис, кампири Робия расида бошад ё на?

Вақти омодагӣ ба чопи мақола, дар назди бойгонии ноҳияи Восеъ ба Фотима Раҳимова, ки замоне дар рӯзномаи ноҳиявӣ ҳамкор будем, вохӯрдам. Ӯ ранҷидахотир гуфт:

-Ҳуҷҷатҳои падарам Алимурод Қараевро, ки чандин сол раиси комиҷроияи ноҳия буд, ҷӯстуҷӯ дорам. Додари фарзандхондкардаамон баробари хонаву дар, ҳамаи ҳуҷҷатҳои шахсӣ ва ордену медалҳои падарамро беному нишон кардааст. Акнун намедонам, ки нишонаи заҳматҳои падарамро аз куҷо пайдо намоям?

## Хазинаи меросмондаи раис

Акаи Аҳмад моро ба хонаи падариашон овард. Сандуқи калони чӯбини дар бари девор қарордоштаро нишон дода, гуфт:

-Ҳамаи заҳматҳои падарам дар ана ҳамин сандуқ маҳфузанд.

Сипас аз пайи кушодани сандуқ шуд. Баъд аз он як халтаи селофании пур аз ордену медалҳо, нишонаҳои унвонҳову намояндагии зинаҳои гуногунро бо шаҳодатномаҳои тасдиқкунанда ва дастаи ифтихорномаҳою дипломҳои сахтмуқоваи сурхро наздам гузошта, ба берун овардани дигар ашёҳои ба меросмондаи падар машғул шуд. Ман бошам, фурсатро ғанимат гуфта, зуд аз пайи кушодани халта гардида ва мукофотҳои давлатии раисро, ки тӯли фаъолияти меҳнатӣ ба он соҳиб шудааст, якояк шумори дам: чор орден, ҳафт медал, се Грамотаи фахрии Президуми Совети Олии РСС Тоҷикистон, ҳафт диплом оиди ғолиб баромадан дар мусобиқаҳо миёни хоҷагиҳои ҷумҳурӣ ва иттифоқ, Устоди пахтаи РСС Тоҷикистон, Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, боз якчанд нишону шаҳодатномаҳои зинаҳои гуногуни вакилӣ ва шаҳодатномаи иштирок дар анҷуманҳо.

Акаи Аҳмад қисмати зиёди хазинаи падарро берун оварда, наздам гузашт. Мероси раис ба ғайр аз он мукофотҳои давлатию ишорашуда, боз аз дафтарҳои хотираву шеърҳо, расмҳои ёдоварӣ ва порчаҳои зиёд аз рӯзномаҳои ҷумҳуриявию шаҳрии солҳои 60-70-уми асри пешин зери сарлавҳаи «Хонед, муқоиса кунед, хулоса бароред!», ки оид аз рафти маъракаи пахтасупорӣ маълумот медоданд, иборат буд. Раис ҳамаи хотираҳо ва шеърҳои хешро бо ҳуруфоти ниёгон иншо кардааст.

Маълумотномаҳои зардшудаи солҳои 1965- 1971 рафти пахтасупориро ба даст гирифта, онҳоро ба навбат аз назар мегузаронам. Колхози ба номи Шаталов, ки шодравон дар он 32 сол пайи ҳам раис буд, дар аксари ин маълумотномаҳо дар зинаи аввал қарор гирифтааст. Масалан, дар зерсарлавҳаи «Рафти пахтасупорӣ дар колхозу совхозҳои республика, то 12 октябри соли 1970», дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» мебинем, ки колхози Шаталови ноҳияи Кӯлоб миёни 180 колхозу совхозҳои пахтакории он давра, дар зинаи ҳаштум қарор дораду иҷрои нақша бошад 108,7 фоизро ташкил медиҳад. Зуд ҳис намудам, ки раис ин маълумотномаҳои солҳои гуногуни рӯзномаҳоро, якҷоя бо дипломҳою мукофотҳои давлатӣ ба он хотир ба сифати мерос дар сандуқ маҳфуз мондааст, ки мо, пасомадагон, ранҷҳои бахарҷдодаи онҳоро дарк намоему қадрашонро посу гиромӣ дорем.

Ин андешаро ба ҳамроҳони дигари хеш аз дастгоҳи раиси вилояти Хатлон, ки онҳо низ саргарми тагурӯ кардани хазинаи Сафаралӣ Зарифов буданд, баён намудам. Ҳамзамон аз акаи Аҳмад пурсон шудам, ки чаро ин ҳама натиҷаи заҳмати 32- солаи раисро дар кунҷи сандуқ, аз назари мардум канор мондаед? Боз дар сурате ки имрӯз хоҷагӣ ба худ номи шодравонро дорад. Хуб мешуд, агар дар як гӯшаи ҳуҷраи ҳамин хона ва ё ақаллан дар он мактабҳои бо харҷи хоҷагию саҳми бевоситаи раис бунёдёфта утоқеро ба сифати осорхона мекушоданд, то ки ин мероси солҳо дар сандуқ хуфтаи раис ба намоиш гузошта мешуд ва ба ин васила дар ниҳоди насли нав ҳисси созандагию бунёдкорӣ ҷавитар мегашт.

Акаи Аҳмад ба гумонам ба андешаи банда розӣ шуд, ки аз миёни он ғарами коғазҳои рангпарида вараqи дигареро сӯям дароз намуду баъд бо лаҳни узрхоҳона гуфт:

- Ин васиятномаи раис аст ва дар он ба мо фарзандонаш сахт таъкид намудаанд, ки ин ашёҳоро хуб нигаҳдорӣ намоем.

- Бале, раис дар ин бобат хуб ва дурандешона васият намудааст, вале на ба ин шакли нигаҳдорӣ, - гуфтам баъди мутолиаи васиятнома.

Ба ин мерос ва ё худ хазинаи бебаҳои дар наздамон қарордоштаи раиси номдор Сафаралӣ Зарифов дида медӯзаму пеши назар симои имрӯзаи хоҷагӣ, бахусус он иншооти маданию маърифатӣ ва истеҳсолии дар замони роҳбарии ӯ қоматафрохта, бегумон ба ҷилва меоянд ва ба андеша меравам, ки як шахси бемаълумоту бедиплом чӣ гуна ин миқдор дипломҳои ғолибияти даҳҳо мусобиқаҳою комёбиҳои меҳнатиро дар сатҳи ҷумҳурию иттифоқ ба даст оварда, соҳиби ин қадар мукофотҳои баланди дар боло зикршудаи давлатӣ гаштааст?

Дар баробари ин комёбиҳо, боз дар давоми фаъолияти ин раиси номдори мактабнодида 3 нафар аз саркорзанҳои хоҷагӣ Зебо Гадоева, Турсунбӣ Ҳотамова ва Хосият Пирназарова ба унвонии олии Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ шарафёб мегарданд…

Тааҷҷубамро ин дам акаи Аҳмад пай бурда, он ду вараqи дар дастбудаашро сӯям дароз карда, ишора ба хондани он мекунад. Онро ба ин зайл мехонам: - Сафаралӣ Зарифов 4-уми январи соли 1912 дар маҳаллаи Кӯпчинор, кӯчаи имрӯзаи Лоҳутии шаҳри Кӯлоб дар оилаи марди боғпарвар, бо лақаби Зарифи зӯр ба дунё омадааст. Хату саводро аз тариқи худомӯзӣ, яъне дар назди рӯҳонии шинохтаи маҳалла бобои Сайдаҳмад, ки дар зиндагӣ бисёр марди хоксору некназар буданд, омӯхта, сипас аз соли 1932 дар боғи ба меросмондаи падар ба зироаткорию боғдорӣ машғул мешавад.

Баъдтар аз ҳисоби заминҳои падарию боғҳои сокинони маҳалла колхоз таъсис меёбад ва то соли 1942, яъне то даъват ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ сарварии онро ба ӯҳда гирифта, зиндагии аҳли оилаи хеш ва хоҷагиро мегузаронад. Соли 1944 аз сафи Қувваҳои Мусаллаҳ ба зодгоҳ баргашта, ӯро ҳамон сол дар колхози қафомондаи ГПУ-и деҳаи Чорбоғи Ҷамоати деҳоти имрӯзаи Кӯлоб раис таъин мекунанд.

Соли 1952 муттаҳидкунии колхозҳо шурӯъ мегардад ва дар заминаи 20 колхози хурду миёна, колхози ҳаҷман бузургтаре таъсис ёфта, онро ба номи Шаталов номгузорӣ карда, сарварии онро ба ӯҳдаи Сафаралӣ Зарифов вогузор менамоянд. Маркази колхоз деҳаи Чорбоғ интихоб мегардад. Ҳамин тавр, аз соли 1944 то моҳи майи соли 1976, яъне то ба нафақа баромадан, ӯ тӯли 32 сол пайи ҳам сарвари хоҷагии ба номи Шаталови ноҳияи Кӯлоб интихоб мешавад.

## Хотираҳо аз собиқ роҳбари аввали ноҳия

Раиси собиқадорони ҷангу меҳнати гурӯҳи ноҳияҳои минтақа, собиқ раиси шаҳри Кӯлоб Мирзо Бекматов, баъзе паҳлуҳои зиндагӣ ва фаъолияти роҳбарии Сафаралӣ Зарифовро бо камоли эҳтиром ёдовар шуда, мегӯяд:

- Ман соли 1966, дар синни хеле ҷавониам, котиби аввали ҳизби коммунисти шаҳри Кӯлоб интихоб гардидам. Дар ин вақт Сафаралӣ Зарифов аллакай дар қуллаи баланди фаъолияти меҳнатии хеш қарор дошт. Хоҷагие, ки ӯ аз бунёдаш сарварии онро ба ӯҳда дошт, дар миқёси ҷумҳурӣ аз ҷумлаи хоҷагиҳои намунавию таҷрибавӣ маҳсуб меёфт. Масалан, то соли 1965-1966 ба ҷамъоварии мошинии ҳосил на ҳама сарварони хоҷагиҳо хоҳишу рағбат доштанд, зеро он вақт мошинҳои дуқатора аз нигоҳи техникӣ чандон мукаммалу коршоям набуданд. Онҳо як қисмати ҳосилро ба замин резонида, кори ҷамъовариро душвор менамуданд. Сарфи назар аз ин мушкилот Сафаралӣ Зарифов роҳҳои самаранок истифода намудани мошинҳои ҳосилғундориро дарёфт намуд ва ба ин васила дар ҳар мавсим суръати ҷамъоварии ҳосил дар ин хоҷагӣ меафзуд ва дар зинаи аввали рафти пахтасупорӣ қарор гирифта, нақшаро пеш аз мӯҳлат иҷро менамуд. Соли 1966 аввалин бор дар минтақаи Кӯлоб озмоиши навъи нави мошини чорқатораи пахтачинӣ маҳз дар ҳамин хоҷагӣ ба роҳ монда шуд. Хулоса, колхози ба номи Шаталови шаҳри Кӯлоб дар солҳои 60-70-ум бо сарварии Сафаралӣ Зарифов мактаби хуби таҷрибаи пешқадам дар кори истифодаи техникаҳои навтарин дар соҳаи кишоварзӣ маҳсуб дониста мешуд.

Шахсан ман сирри асосии комёбиҳои ин хоҷагиро маҳз дар хислату рафторҳои шахсии Сафаралӣ Зарифов арзёбӣ мекунам. Ӯ дар навбати аввал марди бисёр сарфаҷӯю сарфакор, бетамаъ ва дорои ҳама гуна хислати неки инсонӣ буд. Сафаралӣ аз зумраи афрод буд, ки ба дину оинамон сахт муҳаббату эътиқод дошт ва аз маишату истифодаи машрубот ҳамеша дурӣ меҷуст. Гумон мекунам, ки маҳз ҳамин хислатҳо, як иллати Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ нагардидани равоншод Сафаралӣ Зарифов гардидааст. Воқеан ҳам ӯ арзандаи ҳамин унвони олӣ буд. Ман имрӯз ифтихор аз он мекунам, ки замони роҳбарии ман дар шаҳри Кӯлоб ба вақте рост омад, ки дар паҳлӯям раисони номдор Сафаралӣ Зарифов ва Ҳаким Бобоев буданд. Ман дар ёддоштҳои ба табъ расонидаи худ борҳо аз ин ду марди шариф ёд кардаам. Умуман, ёд кардани ашхоси некном вазифа ва шарафи мо, имрӯзиён, аст.

Раис табъи хуби шоирӣ дошт ва аксар вақт дар ҷаласаҳои бошукӯҳи вилояту ҷумҳурӣ, зимни баромадҳо аз эҷодиёти худ дар васфи меҳнату ахлоқи ҳамидаи инсонӣ шеърҳо қироат мекард. Шоҳиди ҳол будам, ки худи шахси аввали ҷумҳурӣ - Ҷаббор Расулов бо ифтихори дучанд ба ин паҳлуи фаъолияти Сафаралӣ Зарифов, каф кӯфтаанд. Агар он шеърҳои парешони раис ҷамъоварӣ шуда, нашр мегаштанд, кори савобе мешуд.

## Панди зиндагӣ

Мегӯянд, ки сокинони кишварҳои мутараққӣ ҳамеша аз рӯйи мақол ва ё шиори «Бе гузашта имрӯз ва бе имрӯз фардо нест» кору зиндагӣ мекунанд. Дар чандин навиштаҳои хеш аз шарҳи ин мафҳум ёд карда, хоҳиши ба ин тариқ зиндагӣ карданро талқин намуда будем. Аз ёдномаи Сафаралӣ Зарифов мебинем, ки 50 сол муқаддам қисмати зиёди иҷрои корҳои пахтакорӣ, ба амсоли мубориза бо ҳашарот, сарчинкунии ниҳолҳо, ҳосилғундорию ғӯзапояҷамъкунӣ ва боз даҳҳо кори дигар маҳз тавассути техникаи навини замон иҷро карда мешуд. Ҳоло чӣ? Кӯчаҳо моломоли мошину лек аксар корҳои кишоварзӣ бо усули асри миёна- дастӣ иҷро мешаванд. Ҳосил, ки пул шуд, ҳатто ҳамон ҳаққи деҳқон- ғӯзапояро бо техника решакан намекунем. Ба наздикӣ нафареро дар бистари беморӣ дидам, ки ҳангоми бо дос ҷамъоварии ғӯзапоя, аз банди миён иллат бардошта, чанд ҳафта боз аз дарди он ранҷ мекашад.

Дар чунин сурат моро зарур аст, ки вобаста ба ин панди пурҳикмати пештозони аср талошу амал карда, дар кори парвариш ва нигоҳубини зироат, мисли ана ҳамин гузаштагони на чандон дурамон, ба амсоли Сафаралӣ Зарифов, рӯ ба техникаи навтарини зироаткорӣ оварда, ҳамқадам ва фарзандони сазовору асили замон бошем, то барои пасомадагонамон аз худ ному осори арзанда ба мерос гузошта тавонем.

***Темуршоҳи ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум»***

**Шоири маҳбуби мо Наимҷон Назирӣ 70-сола шуд. Устод солҳои зиёд, ба шеъру шоирӣ ва рӯзноманигорӣ машғул буда, ҳанӯз ҳам аз қаламу коғаз дил канда наметавонад. Хонандагонаш сари ҳар вақт аз ашъори дилангезаш баҳравар мегарданд.**

**Барои болидарӯҳ гардидани мухлисони шеъру суруд мо аз эҷодиёташ интихобан чанд шеъру ғазалро пешкаш менамоем. Ба устод Наимҷон Назирӣ бошад, саломатӣ ва илҳоми баланди эҷодӣ орзу мекунем.**

*Ҳайати эҷодии рӯзномаи «Садои мардум»*

## ОДАМҲОИ ХУБ

*Ман будам ҳамсӯҳбату ҳамрози одамҳои хуб,*
*Муттакою мӯнису дамсози одамҳои хуб.*
*Мешунидам панду ҳикматҳои онҳоро ба ҷон,*
*Шоду хандон гашта аз эъҷози одамҳои хуб.*

*Гоҳ ғамхорам Суҳайлӣ, гоҳ Турсунзода буд,*
*Лутфии ширинсухан таълими мардӣ дода буд.*
*Аз Шукӯҳӣ шоири ошиқ агар гӯям сухан,*
*Бо муҳаббат баҳри ман оғӯши худ бикшода буд.*

*Гоҳ-гоҳ ҳамсӯҳбатам Мавҷудаю Озода буд,*
*Қалби ман аз шӯхии Лоиқ ниҳоят шод буд,*
*Гаҳ будам ман ҳамқадаҳ бо Қутбию Мастоналӣ,*
*Ҳар ҳиҷою ҳарфашон аз олами эъҷод буд.*

## СӮҲБАТИ СОҲИБДИЛОН

*Чист давлат? Сӯҳбати соҳибдилонро ёфтан,*
*Дӯстони боваафою меҳрубонро ёфтан.*
*Ҷон барои аҳду паймон бохтан дар роҳи дӯст,*
*Беҳ аз он ки дар ҷаҳон ганҷи гаронро ёфтан.*
*Дӯст гар аз дар дарояд, дар қудумаш сар бимон,*
*Чунки мушкил мисли ӯ, ширинзабонро ёфтан.*
*Дӯстони нонӣ бисёру забонӣ бешумор,*
*Кори мушкил ҳамдаму пайванди ҷонро ёфтан.*
*Табъи оташбор дорӣ, эй Назирӣ ғам махӯр,*
*Давлате бошад туро табъи равонро ёфтан.*

## НАРГИСИ ШАҲЛО

*Дил гирифтори ҳамон наргиси шаҳло шудааст,*
*Ҳадафи хуншудаи нозу таманно шудааст,*
*Ханда бар лаб зану боре ту ба сӯям бинигар.*
*Чашм бар рӯи гулат ғарқи тамошо шудааст,*
*Он ду абрӯи каҷат тег бизад бар ҷигарам.*
*Пора гардид ҷигару сурати мино шудааст,*
*Сарви ман ҷилва намо ғунчаи дил то шукуфад.*
*Кори ман бе ту фақат гиряю ғавғо шудааст.*
*Коми дил то биситонад зи лаби ҳамчу ақиқ,*
*Ин Назирии ғазалхони ту гӯё шудааст.*

## БА ДУШАНБЕ

*Эй Душанбе, ифтихори тоҷикон,*
*Гулшани доимбаҳори тоҷикон.*

*Тоҷи нусрат бар сарат зебанда бод,*
*Офтоби бахти ту дар ханда бод.*

*Дар миёни кӯҳҳо ҳастӣ нигин,*
*Обу хокат дилрабову дилнишин.*

*Чун биҳишти рӯи дунё гаштаӣ,*
*Дар дилу дар дилам ҷо гаштаӣ.*

*Ту Бухорову Самарқанди манӣ,*
*Манбаи андарзи ман, панди манӣ.*

*Парваридиям маро чун навниҳол,*
*Дар барат ман ёфтаам авҷу камол.*

*Саҷда месозам ба обу хоки ту,*
*Бар ҷавону пири нусратноки ту.*

*Боз ҳамояндаат фирӯз бод,*
*Ҳар шабу рӯзи ту чун Наврӯз бод!*

## ТОҶИКДУХТАРОН

*Шӯху таннозед , тоҷикдухтарон,*
*Марҳами розед, тоҷикдухтарон.*
*Мӯй мушкин, чашм шаҳло, қад чу сарв,*
*Бас хушовозед, тоҷикдухтарон.*
*Модари мушфиқ чароғи хонадон,*
*Дидаи бозед, тоҷикдухтарон.*
*Дар фазои зиндагии бегубор*
*Ҳамчу шаҳбозед, тоҷикдухтарон.*
*Дар дифои Тоҷикистони азиз,*
*Мисли сарбозед, тоҷикдухтарон.*

## Асрор Зарифии Хилватӣ

*Шаби зулмонӣ бигзашту ба бахти мо саҳар омад,*
*Зи оҳанги хуши мурғон ба олам хушхабар омад.*
*Нидо омад, ки ғафлатрафтагон, аз хоб бархезед,*
*Ки моро баъди шоми тирагун субҳи саҳар омад.*
*Зи эҳсони адолат осмонро софу нилӣ бин,*
*Зи пушти қуллаҳо хуршеди тобон хуш ба дар омад.*
*Макони базму бозӣ гашт шаҳру деҳаи кишвар,*
*Зи лутфи некномон шодмонӣ гулбасар омад.*
*Ҳама дар роҳи сулҳу оштиҳо гом бардоранд,*
*Ба дил меҳри бародар бо бародар бештар омад.*
*Зафар омад зи он ҳукми адолатноки Сарқонун,*
*Зи файзаш парчами умеди мардум ҷилвагар омад.*
*Раҳи фардои пурфатҳу сахо-роҳи ҳунармандон,*
*Фано шуд коҳилию ҷойи он илму ҳунар омад.*
*Сари ҳар мисрае шукрона дорад Хилватӣ имрӯз,*
*Ки аз хилватнишинӣ рӯйи дафтар ин асар омад.*

***

*Аз китоби маърифат дарси ҳунар омӯхтам,*
*Равшанӣ аз партави субҳи саҳар омӯхтам.*
*Меҳрубониро ба ман гуфтори модар ёд дод,*
*Хоксориро зи рафтори падар омӯхтам.*
*То бидонам кист розӣ, кист норозӣ зи ман,*
*Рӯзу шаб андеша карда, аз дигар омӯхтам.*
*Аз паси касбам давидам, то ба мақсадҳо расам,*
*Бурди хешу тобу тоқат аз сафар омӯхтам.*
*Ҷон бикоҳон, то барорӣ ном чун бо маърифат,*
*Шахси бомаънӣ шуданро дар гузар омӯхтам.*
*Коҳад аз гуфтори ноҳақ обрӯи одамӣ,*
*Бегуноҳи пургунаҳро бештар омӯхтам.*
*Ханда ба лаб ҳусни дигар медиҳад бар гулрухон,*
*Оҳи сӯзон аз нигоҳи боҳазар омӯхтам.*
*Мешиносам бандагони ишқро бо як нигоҳ,*
*Меҳри дилро, Хилватӣ аз чашми тар омӯхтам.*




## АЗ ҒАЗАЛИЁТ

*Бародар, пеша кун кори накӯю хулқи яздонӣ,*
*Намонад мулку давлат ҷовидон дар олами фонӣ.*
*Агар сар дар фалак дорӣ, бубандӣ рахт аз ин олам,*
*Куҷо шуд Хусраву Ковуси кайро тоҷи султонӣ.*
*Хирад ганҷи равон аст, эй бародар, аз кафат мағзор*
*В-агарна ҳалқа дар поят занад занҷири нодонӣ.*
*Фалотуну Арасту ҷовид аз мулки хирад гаштанд,*
*Хирад созад бароят зиндагиро мулки арзонӣ.*
*Раҳи ҳамвору ёрони накӯро пеша кун доим,*
*Ки хулқи бад бароят оварад ранҷу гаронҷонӣ.*
*Бигир дасти азизону навозиш кун ятимонро,*
*Фаромӯшат мабодо, эй писар, дар даҳр меҳмонӣ.*
*Хирадро пеша бинмову марав бар пастиҳо, Содиқ,*
*Шавӣ хушрӯзу хуштолеъ чу Нӯшервони Сосонӣ.*

***

*Ошиқи фасли баҳорам, гули тар мебӯям,*
*Субҳгоҳон ба Худо рози ниҳон мегӯям.*
*Навбаҳорон зи сари нав бишавам тозаҷавон,*
*Гӯиё мисли суман бори дигар мерӯям.*
*Дӯст дорам майи гулгуну рухи чун моҳтоб,*
*Ин раҳест рост в-аро то ба абад мепӯям.*
*Гарчи дурам зи зару симу қабои шоҳӣ,*
*Ошиқи шеваю нози санами ҳиндуям.*
*Дӯш аз баҳри висолаш кӯҳу ҳомун гаштам,*
*Маҷнунам, лайливаше шому саҳар меҷӯям.*
*Содиқам, сидқ маро дар раҳи Ҳақ асту вале*
*Дӯстдори лаби лаъли санами дилҷӯям.*

***

*Мурдам зи фироқат, бути ғамхор, куҷоӣ,*
*Дил пора шуд, эй ёри вафодор, куҷоӣ.*
*Дар минбари зебоӣ талабгор басе кас,*
*Дар тахти хубон шоҳи сазовор куҷоӣ.*
*Бе қомати сарват тиҳӣ аст, Ираму Тӯбо,*
*Эй зеби сари кӯчаву бозор, куҷоӣ.*
*Аз симу зари ҷумла ҷаҳон чашм бубастам,*
*Баҳри дили ман, гавҳари шаҳвор, куҷоӣ.*
*Ду дида бибастам зи тамошои раёҳин,*
*Дил майли ту дорад, гулу гулзор куҷоӣ.*
*Дилгир шудам аз дидани рӯи Маҳу Парвин,*
*Боз о ба барам, эй гули бехор, куҷоӣ.*
*Содиқ, ба тамошои рухи моҳи ту омад,*
*Чашмам ба раҳат, дидаву дидор, куҷоӣ.*

***

*То зи илму донишу идрок лаб во кардаам,*
*Хештанро дар миёни оқилон ҷо кардаам.*
*Хешро дар сӯҳбати ноаҳлу хони нокасон,*
*Баҳри рӯзии касон чун тухми анқо кардаам.*
*Он чиро гум карда будам солҳои кӯдакӣ,*
*Дар лаби дарёи лутфи Ҳақ пайдо кардаам.*
*То зи тӯфони ҳаводиси ҷаҳон ёбам амон,*
*Ҳамчу Нӯҳ аз ростӣ киштӣ ба дарё кардаам.*
*Гирди кӯи ёри зебо гашта ҳар шому саҳар,*
*Дар ҷаҳони ишқ худро масту шайдо кардаам.*
*Донакаш мӯрам, миён аз баҳри хизмат бастаам,*
*Ризқи худ бо ранҷу бо заҳмат муҳайё кардаам.*
*Мисли Хуршеди дурахшон гашта Содиқ, хешро,*
*Дар ҷаҳони зиндагониҳо ҳувайдо кардаам.*

**Содиқи КАШРӮДӢ**

## Шинос шавед: Шавкати Симо

**Шавкат Симо дар пайраҳаи пурпечутоби адабиёт чӣ дар шеъри суннатӣ ва чӣ дар «шеъри сафед» қувва месанҷад. Маҳсули эҷодаш салису равон, самимию табиӣ мебошад. Доир ба мавзӯъҳои маъмули адабиёти пурғановатамон, аз қабили меҳру вафо, сидқу сафо, қадршиносии волидайн, некию накӯкорӣ, одам ва қадри одамӣ диду назари хешро баён доштааст. Масъулияти бузурги ватандорию боз ҳам ободу сарсабзгардонии сарзамини аҷдодӣ низ аз мавзӯъҳои марказии шеърҳои ӯ ба ҳисоб мераванд.**

**Мақсад аз иншои ин чанд сатр муаррифии худи муаллиф аст, на таҳлили шеърҳои ӯ. Умедворем, ки ҳаводорони каломи бадеъ бо мазмуну мӯҳтавои ашъори роҳнаварди роҳи мушкили шеър худашон бо назари нек шинос гардида, ба маҳсули заҳмати ӯ дар ин ҷода баҳои сазовор медиҳанд.**

*Наср Бобои САРФАРОЗ*

### АССАЛОМ ДУШАНБЕ!

*Ассалом, Офтоб!*
*Ассалом, шаҳри ишқ!*
*Ассалом, зиндагӣ! Шод субҳат, азиз!*
*Ассалом, шаҳри сулҳ, шаҳри уммеди ман!*
*Ассалом, Душанбе –субҳи испеди ман!*
*Ҳар сабза зиндагист, ҳар кӯча набзи ман,*
*Хуршед, медурахш бар ҷони сабзи ман!*
*Пурмеҳрӣ аз қадим, таърих ҳам гувост,*
*Ин шаҳру шаҳриёр парвардаи вафост.*
*Ҳам ибтикор ҳаст, ҳам ҷӯши кор ҳаст,*
*Сад нақш ибрат аст, ойинаи сафост!*
*Ассалом, шаҳри сулҳ, шаҳри уммеди ман!*
*Ассалом, Душанбе –субҳи испеди ман!*

### САРНАВИШТ

*Ту, эй вуҷуди танҳоӣ,*
*Зи танҳоӣ чӣ мехоҳӣ?*
*Туро танҳо фиристоданд,*
*Ба танҳоӣ, ки худ оӣ.*
*Мабанд дилро ба ҳамроҳӣ,*
*Ки ҳамроҳе намеёбӣ.*
*Фақат ту, фақат ту танҳоӣ!*

*Ба чашмат неҳ гиреҳбанде,*
*Ки танҳо хеш бикшоӣ.*
*Фиғону шиква бас, охир,*
*Ба шому субҳ танҳоӣ.*
*Фақат ту, фақат ту танҳоӣ!*

*Расулонро дигар бар дил,*
*Тавонӣ хона бигзидан.*
*Ба вақти сарду гармоӣ ту танҳоӣ,*
*Ҳамин бошад таманноят –*
*Ҳамин –тақдири пешонӣ.*
*Фақат ту, фақат ту, танҳо мемонӣ!*

### ЛАЗЗАТИ ДИДОР

*Лаззати дидори ёр насяи нақди ман аст,*
*Гӯӣ ба он чун расӣ, гиряи обистан аст.*
*Нӯш зи минои ишқ, бош ту сархуш чу мо,*
*Бар ҳама аҷзои ту марҳами ҷону тан аст.*

*Нест ҷамоли нигор ҷилвасарои назар,*
*Дар лаби миръоти мо қиссаи ногуфтан аст.*

*Даст бишустӣ, вале тар нашуда рӯ ба об,*
*Бозии шабнам ба гул аз раҳи нохуфтан аст.*

*Рӯй намо, ёри ман, фурсати васлам расид,*
*Ойинаи рӯйи ту баҳри сафо дидан аст.*

### НАСИМИ ҲАСТӢ

*Дерест дар ин ғамкада танҳо нишастаам,*
*В-аз равзани ғубор ба берун нарастаам.*
*Мечархад ин замину маро хоб ғолиб аст,*
*З-он роҳи баста сахт ман афгору хастаам.*
*Гоме зи марзи ӯ набарам ҳеҷ гаҳ бурун,*
*Ибратсарост, ҷом ҳазорон шикастаам.*
*Ҳастам насими ҳастии овони навбаҳор,*
*Гарчанд дил раҳост, вале пойбастаам.*
*Шир аст ранги номаи сарбастаи камол,*
*Тадбиру чора ку, ки бувад талх ҳастиям?*

### КИШВАРИ БАХТ

*Номат ҳама ҷо шунидаам беш,*
*Бо завқу ҳавас чу меҳвари ҷон.*
*Ку кас, ки Ватан чу ман биёбад,*
*Номат чӣ хуш аст – Тоҷикистон!*

*Ҳар соату рӯз бо ту ид аст,*
*Дар фасли хазон чу навбаҳорӣ.*
*Ҳамто ба ҷаҳон дигар надорӣ,*
*Эй кишвари бахт – Тоҷикистон.*

*Боғу чамани ту чун биҳишт аст,*
*Дунё ҳама дар тараннуми ту.*
*Бас хони банозу неъмат астӣ,*
*Ман садқа ба нони гандуми ту.*

*Гӯед тамоми булбулонро,*
*Аз накҳати ин Ватан сароянд.*
*Пайдо нашавад дигар чу он гул,*
*Бар дидану чиданаш бароянд.*

*Ҳар кунҷи Ватан мароcт гулшан,*
*Он ҷузъи ҷаҳони нозанин аст.*
*Фахрам, ки Душанбе шаҳри Сулҳ аст,*
*Роҳи ҳама халқи мо ҳамин аст.*

## ЛАТИФАҲО

### Нон аз хамир мешавад-ку!

-Нонатон хамир-ку? –гуфт харидоре ба нонвой.

-Ҳа, нон аз хамир нашуда, аз чӣ мешуд?- ҷавоб дод нонвой.

### Уштур барояд?

-Ҳой, хоҳарам, аз даруни шӯрбоятон пашша баромад, -даъво кард шахсе.

-Чӣ, барои чанд тангаи додаатон мехоҳед, ки уштур барояд?

### Ҳазли бемор

Шахсе ба касалхона телефон карда, бемореро пеши телефон талабид ва баъди ҳолу аҳволпурсӣ пурсид:

-Хайр, ба шумо чиҳо хӯрдан мумкин будааст? Ош-пош, мевачева, мурғ- пурғ барам-мӣ?

Бемор гуфт:

-Агар бисёр хоҳед, ош, мева, мурғ биёред, аммо ташвиш кашида пош, чева, пурғ оварда нагардед.

### Амри тақдир

Радио барои чорводорон консерт мешунавонд, ходими идора гӯшаки радиоро тоб медод, мехост консерт шунавад. Гуфтанд:

-Шумо-ку чорводор нестед, чаро мехоҳед консерти барои чорводоронро гӯш кунед?

Гуфт:

-Бо амри тақдир ман бо одамони чорвомиҷоз сарукор дорам.

### Дарди сар

Рассоме расми мавҳум кашид. Занаш ба асари нави шавҳараш хеле нигоҳ карда истоду баъд гуфт:

-Борҳо дарди сар шуда он дардро бо чашми худ надида будам, акнун мебинам, ки вай чӣ андоме доштааст.

### Кӯдакони доно

Шоире достонҳои дарозу тумтароқи пуч менавишт. Рӯзе ба нашриёт омада ба муҳаррир гуфт:

-Достони навамро пеши шумо овардани будам, афсӯс, ки писарчаам, кӯдак-дия, нафаҳмида даррондааст.

Муҳаррир гуфт:

-Писаратон шеършинос будааст.

### Се ҳавз

Дар назди идораи мо се ҳавз сохтаанд: якеро бо оби гарм, дигареро бо оби хунук пур карданд: Сеюмаш бе об-гуфт марде ба занаш.

-Сеюмаш чӣ даркор? - бо тааҷҷуб пурсид зан.

-Барои касоне, ки шиновариро намедонанд, -гуфт мард

***Аз китоби «Латифаҳо», мураттибон Раҷаб АМОНОВ, Додоҷон ОБИДОВ***

# ҚАНОТИ ШИКАСТА

## (Ҳикоя)

Барпо намудани маърака ё маросим воситаи ҷамъ шудани мардуми деҳот мебошад. Агар он тӯйи арӯсӣ бо ҳофизу раққоса бошад, мардуми дигар деҳаҳо, бахусус ҷавонон, бе даъвату огоҳӣ ба ҳам меоянд. Тӯйи арӯсӣ дар деҳаи Санги кабуд низ ҳамин тавр серодам буд. Дар чанд кат меҳмонони соҳиби тӯй ва ҳофизон менишастанд. Давраро ҳофизон гарм доштанд. Наздикони арӯсу домод ба саҳна баромада, ҳунарнамоӣ мекарданд.

Зариф бо чанде аз рафиқонаш аз деҳаи ҳамсоя ба тамошои тӯйи арӯсӣ омада буд. Аз чанд деҳа дар як мактаб таҳсил мекарданд ва ҷавонон бо ҳам шинос буданд.

Зариф бо Ҳалими ҳамсинфаш дар тӯй вохӯрда, паҳлуи ҳам базмро тамошо мекарданд. Духтарони деҳа бо навбат назди арӯсу домод рақс мекарданд. Диққати Зариф ба духтари болобаланди мӯйҳои дарози майдабофӣ ҷалб шуд, ки бо исрори дугонаҳояш майли рақсидан надошт. Ӯ ба Ҳалим бо имою ишора он духтарро нишон дода, номашро пурсид. Зариф чанд сол боз дар муҳоҷират буд ва на танҳо наврасони ин деҳа, балки қишлоқи худашро ҳам намешинохт. Дар ин солҳо хурдсолон наврас ва наврасон ба камол расиданд, баъзеашон кайҳо соҳиби оилаю фарзанд гашта буданд. Давраи мактабхонии онҳо ин духтар шояд синфи ду ё се мехонд. Ҳоло бошад, қадрас шудааст. Ҳаваси ҳар бинанда меояд.

Арӯси тайёр.

Ҳалим гуфт, ки Шабнам ном дорад, духтари Раҳмати шофир. Акааш ду сол пеш аз мо мактабро хатм карду ҳоло дар Россия мардикорӣ мекунад.

Ҳушу ёдӣ Зариф ба духтар банд буд. Ҳалим бо табассум ба китфи Зариф зада:

-Мафтуни духтари деҳаи мо шудӣ? Бо осонӣ намедиҳем!

-Зорию зӯрӣ намешавад? -бо шухӣ ҷавоб дод Зариф.

-Намешавад! – гуфт Ҳалим.

-Мешавад, -гуфт Зариф- падару модарамро мефиристам, ту бошӣ миёнарав мешавӣ. Ана баъд мебинем…

-Агар ин тавр бошад, зудтар фирист, ки Россия «хизмат» меравам, Шабнами мо зебост, харидори зиёд дорад, боз дер намонӣ.

Тӯй ба охир мерасид ва мардум оҳиста-оҳиста пароканда мешуданд.

Зариф ҳам бо дӯсти мактабиаш хайрухуш намуда, роҳи деҳаашро пеш гирифт. Ишқи духтар, ки чанд лаҳза аз дур дида буд, сахт дар қалби ҷавонаш ҷой гирифт.

Борҳо падару модараш масъалаи хонадоршавии ӯро гузошта буданд, аммо бо ҳар баҳона рад мекард. Ҳоло бошад, ҳушу ёдаш банди Шабнам. Ошуфтаву беқарор.

Баъди чанд рӯз хост модаршро аз ин нияташ огоҳ намояд. Бо падараш ҷуръат накард сари ин мақсад сӯҳбат ороял, шарм медошт.

Модар аз сирри дили писараш огоҳ шуд ва падарро ҳам фаҳмонд. Падару модар шодӣ мекарданд. Онҳо орзую ҳавас, мақсад доштанд, ки писари ягонаашон хушбахт бошад.

Бо хонаводаи Шабнам шинос набуданд. Ҳамон тавре Зариф гуфт, падару модараш ба деҳаи ҳамсоя, ба хонаи Ҳалим рафтанд. Ҳалим, ки аз мақсади дӯсташ огоҳӣ дошт, ба падару модараш он сӯҳбатро нақл намуд.

Падару модараш гуфтанд, ки оилаи Шабнам дар деҳа намунаанд. Вай дар оила духтари калонист ва ӯ рафтору одоби хуб дорад.

Ҳамин тавр, дар ин кори хайр падару модари Ҳалим пешдаро шуда, дари хонаи Шабнамро кӯфтанд. Пазироӣ аз ҷониби онҳо низ хуб буд. Баъди як -ду бори вохӯрӣ онҳо аз оилаҳои худ воқиф гаштанд. Одатан мардуми деҳот бо роҳу воситаи худ маълумоти даркориро дастрас мекарданд. Чунин санҷиш маъмулист.

Ниҳоят падару модари духтар гуфтанд, ки писарашонро дидан мехоҳанд. Падару модари Зариф ва Ҳалим ба хонаи Шабнам омаданд. Ин аввалин шиносоии ӯ бо хонаводаи Шабнам буд. Шабнам худ ошкоро дар ин вохӯрӣ иштирок надошт, аммо Зарифро пинҳонӣ дид. Меҳмононро бо иззату икроми хоса ва хурсандӣ гусел намуданд.

Ба пурсиши падару модараш Шабнам танҳо сар хам намуд. Онҳо ин сукутро аломати розӣ фаҳмиданд.

Баъди омодагии ду тараф тӯйи арӯсӣ барпо шуд. Ҳалим шаҳбаробар буд ва дар ҳама хурсандиҳо дӯсташро ҳармоҳӣ мекард.

Зиндагии хушу гуворои навхонадорон дар фасли баҳор ибтидо гирифт.

Қишлоқи «Лолазор» воқеан ба номаш муносиб буда, нисбат ба деҳаҳои ҳамсоя дар баландӣ ҷойгир буд. Арӯси сол ба ҳама накҳату дилрабоӣ, зебоияш ҷилва дошт. Арӯсу домод рӯзе баҳонаи ҳезумчинӣ ба канори деҳа баромаданд. Аз накҳати баҳорӣ, гулҳои рангоранг, майсазори махмалин, дарахтони гулбасар масту махмур буданд. Зариф аз дасти Шабнам дошта, ба боло мебаромаданд.

Дар назарашон он ҷо бештар ҷолибу диданӣ буд. Шохаҳои дарахтон, гулҳои лола алвонҷ хӯрда, назди онҳо гӯё таъзим доштанд.

Аз лолаҳо гулдаста омода намуда, Зариф ба Шабнам тӯҳфа кард. Пойи Шабнам рӯйи сабзаҳои мулоим лағжид ва Зариф бо баҳонаи аз афтидан ҳимоя кардан сӯяш оғӯши худро кушод. Ҳар ду болои гулу сабза афтиданд. Онҳо майли ҷудо шудан надоштанд ва бо ҳам печида ғелзанон поён мешуданд. Табиат гӯё қолини сабзу хушранг густурда бошаду ин ду ҷавони акнун ба зиндагии нав оғознамударо ба меҳмонӣ хонда. Фориғ аз ҳама мушкилоти зиндагӣ, ғами дунё дар гулистони баҳорӣ худ сайр доштанд. Ҳамоно бо ҳам печида поён мерафтанд.

Ногаҳон таркиши сахт ба амал омада, ба гирду атроф ғулғула андохт ва Шабнам аз оғӯши Зариф раҳо шуд.

Таркиш Шабнамро ба осмон бардошт. Дар назар чунин намуд, ки ӯ бол кушода, ба парвоз омадааст. Аз боло ба кӯҳу дара, марғзор назора дорад. Ҳама ҷо -дарахтон, гулу сабза, замин ранги сурх доштанд. Ҳатто сангҳои зери сабзаҳо, оби дарё ҳамчунон сурху ҷигарӣ ҷило медоданд. Шабнам ҳамоно дар парвоз буд. Ногоҳ як қаноташ аз кор бозмонд. Қаноти дигар дар танҳоӣ тани ӯро бардошта натавонист ва ӯ парӯ ба замин афтид…

***

Садои даҳшатноки таркиш кӯҳу дара, деҳоти атрофро фаро гирифт. Мардуми деҳа ба сӯйи садо давида, ҳар дуро оғӯштаи хун диданд. Ин таркиши мина буд. Зариф парӯ беҳаракат мехобид. Шабнам каме дуртар аз Зариф рӯйи сабзаҳо оҳиста нолиш мекард. Ягона илоҷи зинда мондани Шабнам фаврӣ ӯро ба беморхона расонидан буд. Чанд нафар ӯро бардошта, ба деҳа фаромаданд ва бо мошин сӯйи беморхона шитофтанд. Ҳар дақиқа ғанимат буд. Аз рафтани хуни бисёр Шабнам торафт беҳолу бемадор мегашт.

Дар беморхона бо душворӣ рафтани хунро пешгирӣ карданд ва маслиҳат доданд, ки ӯро ба марказ баранд. Имконоти духтурон ин ҷо маҳдуд аст ва захмҳои бардоштааш хеле вазнин буданд…

***

Дар Зариф ҳеҷ нишоне аз зинда мондан дида нашуд. Ҷисми беҷони ӯро ба деҳа оварданд. Аз ин ҳодисаи нохуш мардуми деҳа дар ҳайрат монданд, зеро маҳали таркиш чарогоҳ буд. Чарогоҳ бошад, ҷои бозию шӯхии кӯдакон аст. Чанд сол пеш дар деҳаи ҳамсоя таркиш ба амал омада, як нафар ҳалок ва чанд сар чорво талаф ёфта буд. Дар деҳаи дигар бошад, чанд наврас снаряди нотаркидаро ёфта, онро ба нишон гирифта, сангборон карданд. Шӯхии онҳо бо нохушӣ анҷомид. Аз таркиш се нафари онҳо ҷароҳати вазнин гирифтанд. Он маҳалҳо ба сарҳад наздик буд, аммо деҳаи онҳо дар баландӣ ва дуртар аз сарҳад воқеъ аст.

Зарифро баъди тафтиш ба хок супурданд. Падару модари ӯ ба марказ рафтанд, то аз ҳолу аҳволи келини нокомашон воқиф гарданд. Шабнам ҳолати вазнине дошт. Духтурон ба падару модар, хешони Шабнам вазъи ӯро фаҳмониданд. Барои зинда мондан бояд пояшро буранд. Дигар илоҷ нест. Зарбаи сахти таркиш, хунравии зиёд корашро карда буд. Барои амалиёти ҷарроҳӣ розигии волидайн ва худи бемор лозим буд. Магар саҳл аст инро ба Шабнам фаҳмонидан? Тӯлонӣ ва бо душворӣ духтурону падару модар Шабнамро ба ин амалиёт розӣ кунонданд.

Баъди ҷарроҳӣ рӯзҳо паи ҳам мегузаштанд. Шабнам, ки ба тақдири талхи худ тан дода буд, оҳиста-оҳиста ба худ меомад. Ниҳоят рӯзе ба ёдаш Зариф расид. Пурсид, ки чаро ба аёдаташ намеояд. Барои волидайн ин суол чун кӯҳ вазнин ва тир ҷоншикоф буд. Чӣ тавр фаҳмонанд, ки Зарифи ӯ зери хок хобидааст? Бо ҳар баҳона аз ҷавоби ин савол сарпечӣ мекарданд, аммо ин суоли ҳамешагии Шабнам ҷавоб мехост. Модари Зариф аз ҳодиса бемор гашта буд. Бечора падари Зариф ноилоҷ баъди саломатии Шабнамро пурсидан асли воқеаро ба ӯ нақл кард.

Бо шунидани он ки дигар Зарифи ӯ зинда нест, Шабнам палатаро ба сар бардошт. Рӯю мӯй канда, кашолакунон сӯйи тиреза рафт, то худро берун ҳаво диҳад. Базӯр ӯро рӯйи кат хобонида, ором намуданд.

Баъди ин ӯро ба палатаи якнафара гузарониданд. Назоратро пурзӯр карданд, то ҳодисаи нохуше рӯй надиҳад.

Ҳоли Шабнам торафт беҳтар мешуд. Бо асобағал роҳравиро меомӯхт. Аз бемористон ҷавоб шуда, ба хонаи волидонаш рафт. Акнун маҷрои зиндагӣ барои ӯ ранги дигар мегирифт. Бо гузашти вақт ӯ ба норасоии бадан одат мекард. Ба корҳои хона машғул шуд, то гузашти вақтро нафаҳмад. Ҷароҳати ҷисмонӣ шифо меёфт, аммо бештар эҳсос менамуд, ки ӯ рӯҳафтодаю танҳост. Ҳатто аз дилсӯзию ғамхории наздикону бегонагон дар вазъи ногувор мемонд, худро оҷизу нотавон меҳисобид.

Боре намояндаи яке аз созмонҳои сарпараст ба суроғи Шабнам омад. Ба ӯ гуфтанд, ки маркази кӯмакрасонӣ барои ҷабрдидагон аз таркиши минаҳо таъсис ёфтааст. Он ҷо Шабнам метавонад ҳам истироҳат кунад ва ҳам кӯмаки тиббию равонӣ гирад. Бо иҷозати падару модар Шабнамро ба ин марказ, ки дар яке аз минтақаҳои зебоманзари Варзоб воқеъ буд, оварданд. Он ҷо мисли ӯ беш аз 20 нафар буданд. Бо дидани онҳо дилаш каме таскин ёфт.

Онҳо ҳамтақдиру ҳамқисмати Шабнам буданд. Бо ҳам унс гирифтанд, ҳар яке дар куҷо ва чӣ тавр ба фалокат гирифтор шуданашро бо эҳсос, дарду алам нақл менамуд. Аз ин миён нақли Шабнам шигифтовар буд, зеро ӯ ҳам саломатӣ ва ҳам бахти аввалашро аз даст дода буд. Ӯро дилбардорӣ мекарданд, таскин медоданд, ҳарчанд ҳар яке дили ранҷуру озурда дошту ниёз ба дастгирӣ. Онҳо вақти худро бештар дар сӯҳбати табибони рӯҳшинос мегузарониданд.

Баъдан барномаи фарҳангӣ илова шуд. Бо хоҳиши худ шашкаю шоҳмотбозӣ мекарданд, ҳаводорони рақсу суруд ҳам дар миёни онҳо пайдо гардиданд.

Ҷавоне, ки аз як даст маҳрум буд, овози фораме дошт, шабеҳи Аҳмад Зоҳир месуруд. Касе ҳам напурсид, ки номи аслиаш чист. Ӯ сароянддаи беҳтарин ва Аҳмад Зоҳири онҳо буд.

Ҳамин тавр, мӯҳлати дамгирию табобати маҷрӯҳон ноайён анҷом ёфт.

Давраи шиносоии аввалини онҳо буд ва то соли оянда ба ҳам хайрухуш карданд.

Соли оянда боз онҳо ба осоишгоҳ даъват шуданд. Шумораашон аз порсола зиёд. Ба Шабнам Расули камгапу оромтабиат бештар аҳамият медод. Бехабар дар паҳлуяш менишаст, баъзан «гап мепартофт». Вақтҳои рақсу хурсандӣ Расул назди Шабнам мечархид. Сӯҳбатҳои хоса, муносибати гарму самимии онҳо аз назар дур намонд.

Ақлҳоро ақлҳои ёрӣ диҳанд, мегӯянд дар урфият. Маслиҳат доданд, ки кори хайрро ба таъхир нагузоранд. Онҳо ин нияти некро ба сарпарасташон хонум Райҳон расонданд. Бо хоҳиши хонум Райҳон волидайни Шабнаму Расул омаданд.

Онҳо аз мақсади фарзандонашон воқиф гардиданд.

Ба зиндагӣ дилгарм шудани фарзандонашон, ки азоб, яъсу ноумедии онҳоро ҳамеша эҳсос медоштанд, дида шод гардиданд. Гуфтанд, ки рафта омодагии тӯйро мебинанд ва ҳамаро ба ин хурсандӣ даъват карданд.

-Тӯй ҳамин ҷо мешавад,- гуфт Дилором, ки бо Шабнам дугонаи қарин шуда буд. -Оё чунин фурсат меёбем, ки баъд ҳама якҷо ҷамъ оем? Базмро худамон мегузаронем. Ҳатто Аҳмад Зоҳир ҳам дорем. Зинда мехонад! Рақсро худам ба ӯҳда мегирам.

Ҳама таклифи Диломромро дастгирӣ карданд. Волидайн низ ноилоҷ ризогии худро доданд. Бо кӯмаки сарпараст -хонум Райҳон тӯйи арӯсӣ баргузор гашт. Он оддию хоксорона ва хотирмон буд. Орзуҳои нек ва суханони самимиро арӯсу домод беҳтарин тӯҳфа меҳисобиданд.

-Акнун Шабнам қанотащро ёфту парвозӣ шуд,- гуфт бо ҳавас дугонааш Дилором.

-Тайёриатро бин, Дилором. Соли оянда парвоз навбати ту мешавад, -бо шӯхӣ ҷавоб дод хонум Райҳон. Ҳама хурсандона кафкӯбӣ карданд.

***Аъзам МӮСОЕВ, «Садои мардум»***

**Масъули гӯша Мирзо РУСТАМЗОДА**

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Озмуни №4-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 23 феврали соли 2012 баргузор менамояд**

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Коллеҷи металлургии КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш.Турсунзода | 23 утоқи таълимӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 512 м² | таълимӣ | 5150 | 1 сол |
| 2 | Боғчаи №29-и ҶСК «Бодом» | ш.Конибодом, к.Гагарин | Бино ва иншооти боғча, масоҳаташ 6466 м² | таълимӣ | 5816 | 1 сол |
| 3 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | 1 утоқи корӣ аз ҳисоби бинои техникӣ, масоҳаташ 32,66 м² | техникӣ | 18859 | 1 сол |
| 4 | Донишгоҳи технологии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Н.Қарабоев 63/3 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 31,34 м² | истеҳсолӣ | 2397 | 1 сол |
| 5 | Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода | ш.Душанбе, к.Муҳаммадиев 17/6 | 7 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 491,1 м² | хӯроки умумӣ | 2361 | 1 сол |
| 6 | Маркази алоқаи почтаи ноҳияи Фархор | н.Фархор, к.А.Ҳасанов 102 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 10 м² | маъмурӣ | 1924 | 1 сол |
| 7 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш.Душанбе, к.Титов 32/2 | масоҳати 10,5 м² аз ҳисоби толори бинои фурудгоҳ | ҷойгиркунии реклама | 1194 | 2 сол |
| 8 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии ш.Хоруғ» | ш.Хоруғ | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 70,2 м² | ҷойгиркунии реклама | 7980 | 2 сол |
| 9 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 8-ум, масоҳаташ 10 м² | маъмурӣ | 1199 | 1 сол |
| 10 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 4 утоқи корӣ дар ошёнаи 8-ум, масоҳаташ 44,9 м² | маъмурӣ | 5382 | 1 сол |
| 11 | Маркази техникии телевизион ва радиои ҷумҳуриявӣ | ш.Душанбе, к.Молодая гвардия 6 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 42,12 м² | истеҳсолӣ | 2372 | 1 сол |
| 12 | Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш.Душанбе, к.Ҳакимзода 19 | масоҳаташ 49 м² аз ҳисоби саройи хоҷагии наклиёти корхона | истеҳсолӣ | 4032 | 1 сол |
| 13 | КВД КТН«Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 21,8 м² | маъмурӣ | 4808 | 1 сол |
| 14 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 14-ум, масоҳаташ 34,8 м² | маъмурӣ | 4588 | 1 сол |
| 15 | Корхонаи илмию истеҳсолии «Маводҳои биологӣ» | ш.Душанбе, к.Гипрозем 61 | масоҳаташ 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 237 | 1 сол |
| 16 | КВД КТН«Шарқи Озод» | ш.Душанбе, х.С.Шерозӣ 16 | масоҳаташ 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 240 | 1 сол |
| 17 | МД «Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи А.Ҷӯраев» | ш.Душанбе, к.Сино 43 | масоҳати 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 231 | 1 сол |
| 18 | МД «Театри давлатии лӯхтак» | ш.Душанбе, к.Шоҳтемур 54/1 | масоҳаташ 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 240 | 1 сол |
| 19 | Маркази миллии ташхис | ш.Душанбе, к.Деҳотӣ 48 | масоҳаташ 4 м² аз ҳисоби боми бино | техникӣ | 240 | 1 сол |
| 20 | Корхонаи воҳиди давлатии кино ва видеои «Тоҷиккино» | вилояти Хатлон, ноҳияи Темурмалик | 3 утоқи корӣ аз ҳисоби кинотеатри марказии ноҳияи Темурмалик, масоҳаташ 334 м² | савдо | 2406 | 3 сол |
| 21 | Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои пӯст ва узвҳои таносул | ш.Душанбе, к.Айнӣ 52 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 3 м² | нуқтаи хизматрасонии тиббӣ | 351 | 1 сол |
| 22 | Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Варзоб | н.Варзоб | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 36 м² | савдо | 1781 | 1 сол |
| 23 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш.Хуҷанд, к.Фурудгоҳ 15 | масоҳаташ 4 м² аз ҳисоби ҳудуди корхона | савдо | 1175 | 1 сол |
| 24 | Беморхонаи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» | ш.Душанбе, к.Назаршоев 43 | масоҳаташ 5,02 м² аз ҳисоби даромадгоҳи бинои беморхона | савдо | 1165 | 1 сол |
| 25 | Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ | ш.Душанбе, к.Академикҳо Раҷабовҳо 10 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 60 м² | маъмурӣ | 4800 | 1 сол |
| 26 | КВ «Қитъаоти Душанбегии роҳ» | ш.Душанбе, к.Нестеров 4а | 7 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 75 м² | савдо | 1763 | 2 сол |
| 27 | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров | ш.Хуҷанд, к.Репин 60 | 8 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 365 м² | хӯроки умумӣ | 2195 | 1 сол |
| 28 | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров | ш.Хуҷанд, к.Репин 60 | 3 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 658 м² | варзишӣ | 3840 | 1 сол |
| 29 | Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров | ш.Хуҷанд, к.Репин 60 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 6 м² | сартарошхона | 359 | 1 сол |
| 30 | Маркази алоқаи почтаи шаҳри Исфара | ш.Исфара, к.Марказӣ 22 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 6 м² | савдо | 359 | 1 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.** Тел: **221-73-74, 221-33-66.**

Озмун **соати $10^{00}$** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи накдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринакдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар холати ғолиб баромадан Иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

## Корхонаи воҳиди давлатӣ оид ба ташкили фурӯши амволи давлатии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Музоядаи №4-ро оиди фурӯши иншоотҳои давлатии ғайриманқул 5 марти соли 2012 баргузор менамояд**

Таҷҳизоти истгоҳи телефонии автоматии 10000-рақамии АТСКУ -54-и Корхонаи давлатии «Востокредмет», воқеъ дар вилояти Суғд, ш.Чкалов, кӯчаи Рӯдакӣ 1а. Нархи ибтидоӣ -590 206 сомонӣ.

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар савдо ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии музояда анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии музояда –**хиёбони Рӯдакӣ 44, ш.Душанбе.**

Тел: **221-73-74, 221-16-14.**

Фурӯш бо усули ***англисӣ*** сурат мегирад.

Музояда соати $10^{00}$ баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар музояда ба 350 нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як лот баробар аст. Пардохти кафолатнок бо тариқи накдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринакдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар ҳолати ғолиб баромадан, Харидор ба ҳисоби Фурӯшанда ба миқдори панҷ фоиз маблағи комиссионӣ ва 0,5 фоиз боҷи давлатӣ аз арзиши фурӯши иншоот месупорад, ки он ба нархи фурӯши лот дохил намешавад. Ғолиби музояда он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод менамояд.

Маълумоти иловагиро оиди гузаронидани музояда бо нишонии зерин фаҳмидан мумкин аст: **ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**

## Государственное унитарное предприятие по организации продаж государственного имущества Государственного комитета по инвестициям и управлению государственным имуществом Республики Таджикистан

**5 марта 2012 года проводит аукцион №4 по продаже недвижимости**

Оборудование автоматической подстанции на 10000 номеров АТСКУ-54

Государственного предприятия «Востокредмет», расположенный в Согдийской области, г.Чкалов, ул.Рудаки. Стартовая стоимость - 590 206 сомони.

Прием заявок на участия в аукционе производится со дня опубликования информационного сообщения и заканчивается за час до начала аукциона по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Метод проведения: ***английский.*** Время проведения: **$10^{00}$ часов.**

Место проведения: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44.**

Гарантийный взнос равен 350 показателям для расчетов за один лот и вносится наличными в кассу Предприятия или безналичными на расчетный счет ГУП. В случае победы на аукционе, Покупатель вносит на счет Продавца комиссионный сбор в размере 5% и государственную пошлину в размере 0,5 % от цены продажи, который не включается в цену продажи лота. Победителем аукциона признаётся участник,предложивший наиболее высокую цену.

Дополнительную информацию можете получить по адресу: **г.Душанбе, пр.Рудаки 44, тел: 221-16-14, 221-49-87, 221-73-74.**




## ЭЪЛОН

Раёсати КДБҶ ба номи М. Миршакар барои сенарияҳои беҳтарини Фестивали ҷумҳуриявии «Ҳафтаи китоби кӯдакону наврасони Тоҷикистон», Композитсияи адабӣ-бадеӣ бахшида ба 100-солагии М. Миршакар ва 15-солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ озмун эълон менамояд.

Мӯҳлати пешниҳоди мавод то 16 феврали соли ҷорӣ. Барои гирифтани маълумоти бештар бо телефонҳои 234-10-03 ва ё 918-65-43-37 занг занед.

## Тасҳеҳ

Дар эълони КВД оид ба ташкили фурӯши амволи давлатӣ («Садои мардум», №10 (2837) аз 24 январи соли 2012) банди якуми варианти русӣ «Здание бани ОАО «Сурхоб», г.Душанбе, ул.Сурхоб 5» хонда шавад.

## Барҳам мехӯрад

Корхонаи дорои масъулияташ маҳдуди (КДММ) «Гурдофарид», ки дорои гувоҳномаи № 90 бо РМА 090000992 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 27 феврали соли 2003 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Арасту – 2010», воқеъ дар шаҳри Душанбе, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатӣ ва таъсисёбии № 0123987 бо РЯМ 0410012066 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 17 августи соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Машрабов Бахтиёр Негматуллоевич, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0016361 бо РЯМ 0430006491 ва РМА 045754899 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 10 ноябри соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Маҳина», воқеъ дар ноҳияи Рӯдакӣ, барҳам мехӯрад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Асадов Сайфулло, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0205369 бо РЯМ 1230066155 мебошад, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 6 декабри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

Билети донишҷӯии №Д-06512-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2006 ба Содиқов Бахтовар Назарович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли №Т-ШТУ 073081-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №32-и шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон соли 1999 ба Чиллаев Аюб Шарифович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008628 бо РЯМ 0930001133-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 31 августи соли 2009 ба Тағоев Зоҳирбек Бегмуродович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи БН, №342961-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №16-и ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ Ленин) соли 1974 ба Тағоев Нурмаҳмад додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №190/06-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2006 ба Ёров Муҳаммад Ҳотамович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи хатми мактаби асосии силсилаи ТШТА, №0336191-и гумшуда, ки онро Гимназияи назди Донишгоҳи технологии Тоҷикистон соли 2009 ба Меҳрангези Шодӣ додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи унвонҷӯии № 102-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2012 ба Родмехр Ваҳиди Ваҳоб додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №63-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон соли 2008 ба Табаров Фарҳод Исуфҷонович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи БП, № 299712-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 57 (собиқ 44)-и ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ Ленин) соли 1973 ба Ҳамроев Файзулло додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи ронандагии № 166605-и гумшуда, ки онро КНТ ҶММ-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе соли 2009 ба Саидов Фозил додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи соҳибкории инфиродии №0014108 бо РМА 125056343-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 15 октябри соли 2009 ба Бобоҷонов Алишер Ҳасанҷонович додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатномаи соҳибкории инфиродии № 0049196 бо РЯМ 1230014033-и гумшуда, ки онроНозироти андози ноҳияи Рӯдакӣ 26 феврали соли 2010 ба Хоҷаев Қиёмиддин додааст, эътибор надорад.

---

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Убайдулло Давлатов нисбати даргузашти ҷонгудози духтараш

**ДИЛОРО**

изҳори ҳамдардии амиқ ва тасаллият менамоянд.

---

Коллективи кормандони идораи рӯзномаи «Садои мардум» ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ Убайдулло Давлатов нисбати фавти духтараш

**ДИЛОРО**

арзи тасаллият намуда, ба пайвандони марҳум сабри ҷамил хоҳонанд.

Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР
Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ.
Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Неққадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Рашт - 98-537-88-60, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 3 феврали соли 2012, соати 14.40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 26715 нусха

Навбатдорони шумора
А. Муродов ва А. Мӯсоев

Тарроҳони компютерӣ
И. Самохин ва Н. Исмоилова